**АЛФРЕД П. ГИББС**

# РАСОНИДАНИ ХУШХАБАР

## ДАСТУРОТ БАРОИ ДОНИШҶӮЁН

Ҳар боре ки мо дар Паймони Навин бо Андриёс вомехӯрем, вай ба ягон кас дар бораи Масеҳ нақл мекунад. Бори якум мо вайро чун расонандаи Хушхабар, ки бародари худ Шимъӯнро назди Наҷоткор меоварад, мебинем (Юҳ. 1:40,41). Дар рӯйдодномаи осмон ин рӯзи бузург буд! Ҳангоме мо Андриёсро бори дуюм мебинем, вай ба кӯдакон башорат дода, писареро назди Худованд Исо меоварад (Юҳ. 6:8,9). Бори сеюм вай бо кори миссионерӣ дар байни ғайрияҳудиён машғул шуда, гурӯҳи муайяни юнониёнро ба Худованд шинос мекунонад (Юҳ. 12:20-23). Дар ҳар маврид Андриёс бо башоратдиҳии шахсӣ машғул аст. Ба назар чунин менамояд, ки Андриёс ба зарбулмасали “меваи бо дасти худ чида беҳтар аст” бовари зиёд дошт.

Бо ёрии ин курс шумо ба хизматгузории аз ҳама бузург омода мешавед. Ин хизматгузорӣ назди Масеҳ овардани мардону занон ва писарону духтарон мебошад. Аз Навиштаҳо барои беҳтар фаҳмидани ин вазифа иқтибосҳои бисёр оварда шудаанд. Ҳатман ҳамаи онҳоро дар Навиштаи Пок дида бароед. Дар ҳар дарс ҳашт оят барои аз ёд кардан дода шудааст. Агар шумо ба таври ҷиддӣ ҷалбкунандаи одамон шудан хоҳед, на танҳо ин оятҳоро, балки бештар аз инро ҳам аз ёд мекунед. Дар Навиштаи Пок қайд намудани оятҳо низ фикри хуб мебуд. Ҳар қадар шумо бештар оят аз ёд донед, ҳамон қадар дар сӯҳбат бо мардону занон оиди эҳтиёҷоти рӯҳонии онҳо дилпуртар мешавед.

## ТАРТИБИ ИН КУРС

Эҳтиёҷ ба расондани Хушхабар
Вазифаҳо
Талабот
Талаботи иловагӣ
Монеаҳо
Намудҳои гуноҳкорон
Усулҳо ба таври умумӣ
Муносибати дуруст
Бепарвоён ва фиребхӯрдагон
Муносибат ба пайғамбариҳои бардурӯғ ва таълимоти дурӯғин.
Шахсони эътирозкунанда ва шубҳакунанда
Дигар намуди шахсоне ки бо онҳо сару кор хоҳед дошт

## ЧӢ ТАВР ИН КУРСРО ОМӮХТАН ЛОЗИМ АСТ

Ҳангоме омӯзиши курсро сар мекунед, аз Худо илтимос кунед, ки дилҳои шуморо барои қабули ҳақиқатҳои дар Сухани Ӯ буда кушояд. Дарсро камаш ду бор хонед. Бори якум барои фаҳмидани мазмуни умумӣ хонед. Ҳангоме бори дуюм мехонед, тамоми иқтибосҳои Навиштаҳоро, ки дар ишораҳо ва эзоҳот дода шудаанд, бо диққат хонед.

### Имтиҳонҳо

Ҳар имтиҳон як дарсро дар бар мегирад (Масалан, имтиҳони 1 дарси 1-ро дар бар мегирад). Ҳар имтиҳон равшан нишон медиҳад, ки кадом савол бо кадом дарс алоқаманд аст. Пас аз он ки шумо дарси якумро бо диққат хондед, метавонед ба саволҳои ҳамин дарс ҷавоб диҳед. Ва танҳо пас аз он ки шумо ба ҳамаи саволҳо ҷавоб гардондед, дафтари имтиҳониро ба дастурдиҳандаи худ диҳед.

**Саволҳо:** Шумо дар ин бора чӣ мегӯед?

Саволҳое ки чунин ном доранд, интихобӣ буда, барои онҳо ягон баҳо дода намешавад. Ҳангоми ҷавоб додан ба ин гуна саволҳо шумо метавонед озодона фикри худро баён намоед. Ҷавобҳои самимонаи шумо ба дастурдиҳанда ёрдам медиҳад, ки шуморо чун шахсият бештар шиносад. Ҳамчунин онҳо барои фаҳмидани самаранокии умумии ин курс ба мо ёрдам медиҳанд.

**Ба дафтари имтиҳонии шумо чӣ тавр баҳо гузошта мешавад**

Дастурдиҳандаи шумо ҳар саволи нодуруст ҷавоб додаатонро қайд мекунад. Ба шумо нишон дода мешавад, ки дар кадом ҷои Навишта ё китоби дарсӣ ҷавоби дурустро пайдо кардан мумкин аст.

## Дарси 1

## Эҳтиёҷ ба расонидани Хушхабар

Мавзӯи башорати фардӣ хеле муҳим ва зарур аст. Имрӯзҳо мо бештар ба масеҳиёне мӯҳтоҷем, ки “тарси Худо дар дилашон ҷойгир” аст (1Под. 10:26), масеҳиёне ки ба воситаи кӯшишҳои худ барои Масеҳ одамонро ҷалб мекунанд, масеҳиёне ки новобаста ба вақт, пул, кӯшиш ва обрӯ худро ба кори шаҳодати шахсӣ супурдаанд. Мо бештар на ба воизони ҷамъиятӣ ва муаллимон мӯҳтоҷем, балки ба кормандони “хусусӣ” ки гумроҳшудагонро бо Писари Худо шинос мекунонанд, зеро шинохтани Ӯ “ҳаёти ҷовидонист” (Юҳ. 17:3).

## ЯКЧАНД ШАҲОДАТ

Ҷ. Беллет ном муаллифи китоби “Ҷалоли маънавии Худованд Исои Масеҳ” пеш аз мурданаш гуфта буд: “Агар ба ман ҳаёт бори дигар дода мешуд, ман онро дар хизматгузории Суҳар мегузарондам”. Ин ҷо он мавриде дар назар дошта мешавад, ки Наҷоткор назди чоҳи Суҳар дар дили зан меҳнати хусусӣ кард (Юҳ. 4).

Дар бораи ҳазорон-ҳазорон одамоне фикр кунед, ки Масеҳро шинохтанд. Онҳо на аз боиси суханони башоратдиҳандагони машҳур ва барҷаста Масеҳро шинохтанд, балки ба воситаи кӯшишҳои фидокоронаи баъзе масеҳиёни фурӯтан, худотарс ва вафодор, ки онҳоро ҷуста, хоксорона, ботадбирона ва бо муҳаббат назди Масеҳ оварданд. Шояд хонандаи ин суханон яке аз чунин касон аст. Агар чунин бошад, пас ба суханони зерини Наҷоткор таваҷҷӯҳ намоед: “Рав, ва ту низ чунин бикун”.

Сперҷен, “шоҳи воизон” гуфта буд: “Ҳатто агар ман комилан худпараст буда, барои ҳеҷ чиз ҷуз хушбахтии худ парво намекардам, агар имкон медоштам, ҷалбкунандаи одамон буданро интихоб мекардам; ман ҳеҷ гоҳ чунон сахт хушбахт набудам, то даме ки бори аввал оиди шахсе шунидам, ки ба воситаи ман Наҷоткорро ҷуст ва ёфт. Ҳеҷ модар ҳаргиз аз боиси зода шудани нахустзодааш чунин хурсандӣ накардааст; ҳеҷ ҷанговар аз боиси ғалабаи бо душворӣ ба даст овардааш ин қадар шодӣ накардааст!” Ба ин шаҳодати гарму ҷӯшон нигоҳ накарда, ба назари кас чунин менамояд, ки шумораи хурди одамон мехоҳанд ин “хушбахтии комил ва фаровон”-ро бичашанд.

Доктор Р. Торрей ҳамчунин шаҳодат дода, мегӯяд, ки вай то замоне ки бори якум шахси ғайримасеҳиро назди Масеҳ овард, аз шодии наҷот чандон бохабар набуд. Ҳақиқатан, ягон шодӣ ба шодии назди Масеҳ овардани одамони ғайримасеҳӣ монанд буда наметавонад!

АДАБИЁТИ МАСЕҲӢ ХОНЕД

Хуб мебуд, агар шумо китобҳои ба мавзӯи шаҳодати хусусӣ дахлдорро бештар мехондед. Агарчи ин гуна китобҳо ба забони тоҷикӣ чандон зиёд нестанд, онҳоро ба забони русӣ дастрас кардан мумкин аст. Хондани адабиёти масеҳӣ ба ҷалбкунандаи одамон ёрдам медиҳад, ки ҳангоми сару кор доштанаш бо ғайримасеҳиён мисолҳои зиёд оварад. Ҳамаи ахбори ҷамъшуда метавонад дар хотир нигоҳ дошта шавад, ё ҳангоми шаҳодат додан истифода шавад. Аммо на хониши зиёди ин китобҳову рисолаҳо, ё ҳатто омӯзиши ин курс, балки шаҳодатдиҳии амалӣ самараи дилхоҳ оварда, моро ҷалбкунандагони одамон мегардонад, чунон ки инро Худо мехост.

**Пешниҳодҳои амалӣ**

Барои аз ин курс бештар фоида гирифтан якчанд чиз муҳим ҳастанд.

1. Назди тахти файз илтимос кардан барои дили худ, то ки тамоми ҳақиқатро қабул карда, ба он итоат кунад. Ин ҳаётан муҳим аст. Мо бояд аз Худо равшанфикрӣ ва ҳикмати рӯҳро талабем. Нигоҳ кунед ба Яъқ. 1:5-7

2. Муҳим аст, ки шумо тамоми диққатро ба омӯзиши мавзӯъ диҳед. Ин осон нест. Бисёре аз донишҷӯён, махсусан донишҷӯёни курсҳои ғоибона, бо шавқи зиёд сар мекунанд, аммо оҳиста-оҳиста шавқашон камтар шуда, ниҳоят омӯзиши курсро бас мекунанд. Ин боиси кам шудани миқдори донишҷӯён ва рӯҳафтодагии муаллим мешавад. Суханони Яъқубро дар ёд доред: “Инак, мо онҳоеро, ки сабр кардаанд, хушбахт мешуморем” (Яъқ. 5:11, муқоиса кунед бо 1Қӯр. 15:58).

3. Аз ёд кардани порчаҳои Навиштаи Пок муҳим аст. Дар давоми ин курс шумо баъзан дар донистани оятҳои Навишта санҷида мешавед. Ягон роҳи осони аз ёд кардан вуҷуд надорад. Ягона роҳи дар хотир доштани оятҳо аз ёд кардани онҳост! Масалан, шумо метавонед варақчаҳои росткунчаро гирифта, дар як тарафи онҳо ҷои оятро, масалан, "Румиён 10:9,10", навишта, дар тарафи дигараш худи оятро нависед. Баъд ин оятро гаштаву баргашта хондан гиред, то даме ки онро калима ба калима аз ёд кунед. Баъди муддате шумо якчанд ин гуна варақчаҳо хоҳед дошт. Ҳангоме ки шумо хотираатонро санҷиданӣ мешавед, варақчаро гирифта, аввал ба ҷои воқеъ будани он нигоҳ кунед ва бинед, ки оё оятро дуруст аз ёд мегӯед. Чун дидед, ки ҳамаи оятҳоро дуруст аз ёд гуфтед, амалро баръакс иҷро намоед, яъне аввал ба ояти варақча нигоҳ кунеду сипас бинед, ки оё ҷои воқеъ будани онро гуфта метавонед.

Ҳангоме шумо доимо оятҳоро такрор мекунед, онҳо як қисми шумо хоҳанд шуд. Ҳамин тавр, шумо Навиштаҳоро "ҷаббида мегиред" ва дар истифодаи "шамшери Рӯҳ, ки Сухани Худост" (Эфс. 6:17), моҳир мешавед. Фаромӯш накунед, ки маҳз Сухани Худо, ки ба воситаи Рӯҳи Худо ба кор бурда шудааст, гуноҳро маҳкум мекунад, бовариро дар шунаванда ба вуҷуд меоварад ва боиси зодашавии нав мешавад (Юҳ. 16:7-13; Рум. 10:17; Яъқ. 1:18; 1Пет. 1:23).

Аз ҳамин сабаб, ҳар ояти додашударо бо диққат ва бо дуо хонда, онро дар Навиштаи Пок қайд намоед, ва агар мумкин бошад, онро аз ёд кунед. Дар ҳар сурат тарзе амал намоед, ки дар Рум.10:9,10 тасвир ёфтааст.

Ин вазифа осон нест ва ба он набояд бепарвоӣ кард. Ҳар қадар дониш зиёд шавад, ҳамон қадар ҷавобгарӣ зиёд мешавад. Аз донистан ва амал накардан дида надонистан беҳтар аст. Довуд гуфтааст: "Барои Худованд Худои худ

чизи муфтро қурбонӣ нахоҳам кард” (2Под. 24:24). Ҳар он чи муфт ба даст меояд, ягон арзише надорад!

4. Дар амал истифода бурдани чизҳои аз ин курс омӯхтаатон муҳим аст. Арзиши ин курс ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза ин принсипҳо дар зиндагии шахсӣ истифода бурда мешаванд. Андозаи таъсири он ба дилҳои мо бо дараҷаи ифодаёбии он дар ҳаёти мо муайян карда мешавад. Суруди куҳан инро чунин ҷамъбаст мекунад:

“Мо бо Сухани поки Ту зиндагӣ мекунем, ғизо мегирем ва ба камол мерасем;

Мо доимо дониши худро дар бораи Худованд зиёд мекунем, ва он чиро медонем, истифода мебарем ”.

## МУАЙЯН КАРДАНИ МАҚСАД

Зери иборои “расонидани Хушхабар” чизи зерин дар назар дошта мешавад: шахси масеҳӣ кӯшиш мекунад, то аз сухани Худо ба шахси дигар нишон диҳад, (1) ки вай гумроҳ ва пургуноҳ буда, ба Наҷотдиҳанда ва наҷоти Худо эҳтиёҷ дорад; (2) Масеҳ Писари Худо ва Наҷотдиҳандаест, ки вай мӯҳтоҷи Ӯст; (3) чӣ тавр Масеҳро Наҷотдиҳандаи шахсии худ кардан мумкин аст; (4) чун Худованди ҳаёти Худ қабул кардани Масеҳ чиро дар назар дорад, ва (5) чӣ тавр талабот, мушкилот ва эътирозҳои вай ҷавоби худро дар Сухани Худо меёбанд. Аз ҳамин сабаб ҳар масеҳӣ бояд шиори Павлусро чун шиори худ қабул кунад: “Барои ҳама кас ман ҳама чиз шудам, то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам” (1Қӯр. 9:22; бо Мас. 11:30 муқоиса намоед).

Дар ҳузури Худо ба панҷ саволи зерин ҷиддӣ ва самимона ҷавоб диҳед:

1. Оё ман ҳақиқатан бовар мекунам, ки Худо одамонро наҷот додан мехоҳад? (1Тим. 2:3,4).

2. Оё ман бовар мекунам, ки Худо метавонад ба воситаи дастёрии одамон мардумро дарҳол ва пурра наҷот диҳад? (Аъм. 15:7; 1Пет. 1:23-25; Аъм. 8:35-37).

3. Оё ман бовар мекунам, ки Худо маро истифода бурда метавонад? Оё ман ҳақиқатан наҷот ёфта, ба наҷоти худ дилпур ҳастам?

4. Оё ман бовар мекунам, ки Худо маро истифода хоҳад бурд?

5. Оё ман мехоҳам ба Худо имкон диҳам, ки маро истифода барад?

Чандин солҳо пеш Д. Л. Мудӣ гуфтаи зерини Ҳенрӣ Варлиро шунид: "Ҷаҳон ҳоло бояд бинад, ки Худо шахси ба Ӯ пурра вафодорро чӣ гуна истифода бурда метавонад". Вай қарор дод, ки аз рӯи файзи Худо ҳамин гуна шахс шавад. Ҳақиқати суханони Варлӣ аз боиси ҳаёти вафодоронааш ба Масеҳ исбот шуд (Рум. 12:1,2; 6:13; 1Қӯр. 6:19,20; Аъм. 20:24; Фил. 1:20,21). Худо Мудиро дар ду қитъаи замин истифода бурд. Ба воситаи мавъизаи вай ҳазорон одамон наҷот ёфтанд, ва имрӯз ҳам таъсири ҳаёти вай дар ҷаҳон ба воситаи донишгоҳҳои бунёдкардааш эҳсос мешавад.

Ҳангоме ҳаёти мо ҳамин гуна бошад, мо метавонем софдилона дуо карда, гӯем:

"Худовандо, ғамхориро оиди ҷони шахсе ба дилам вогузор, ва он ҷонро ба воситаи ман дӯст дор;

Ва бигзор ман кори худро софдилона кунам, то он ҷонро назди Ту оварам".

ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Саname ва ҳар сурате аз он чи дар осмон аз болост, ва аз он чи дар замин аз поён аст, ва аз он чи дар об аз зери замин аст, барои худ насоз. Ба онҳо саҷда набар ва онҳоро ибодат накун; зеро ки Ман Худованд Худои ту ҳастам, Худои ғаюре ҳастам, ки барои гуноҳи падарон аз писарон, то насли сеюм ва чорум, аз онҳое ки аз Ман нафрат дошта бошанд, интиқом мегирам” (Хур. 20:4,5).

“Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту рӯзу шаб биомӯз, то бо риояти ҳар он чи дар он навишта шудаст, амал намоӣ, зеро ки он гоҳ дар роҳҳои худ комёб гардида, муваффақият ба даст хоҳӣ овард” (Еҳ. 1:8).

“Агар дар назари шумо писанд наояд, ки Худовандро ибодат намоед, пас имрӯз барои худ интихоб кунед, ки киро ибодат хоҳед намуд: оё худоёнеро, ки падарони шумо дар он тарафи наҳр ибодат мекарданд, ё худоёни амӯриёнро, ки дар заминашон сукунат доред; валекин ман ва хонадони ман Худовандро ибодат хоҳем кард” (Еҳ. 24:15).

“Аз рӯзи фардо фахр накун, зеро намедонӣ, ки дар як рӯз чӣ ҳодиса рӯй медиҳад” (Мас. 27:1).

“Шахсе ки мазамматҳоро шунида, гарданкашӣ кунад, баногоҳ шикаст хоҳад хӯрд, ва ӯро паноҳгоҳе нахоҳад буд” (Мас. 29:1).

“Тарсончакии одам ба дом меоварад, вале касе ки ба Худованд таваккал кунад, аз хатар эмин аст” (Мас. 29:25).

“Биёед исбот намоем, – мегӯяд Худованд, – агар гуноҳҳои шумо мисли қирмиз бошад, мисли барф сафед хоҳад шуд; агар мисли арғувон сурх бошад, мисли пашм хоҳад шуд” (Иш. 1:18).

“Ба шариат ва шаҳодат рӯ оваред! Ба яқин сухане мисли ин хоҳанд гуфт, ки он ҳеҷ маъное надорад” (Иш. 8:20).

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 1 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 2

### Вазифа

Мо ҳафт сабаби аҳамиятнокии кори расонидани Хушхабарро қайд хоҳем кард.

### Навишта инро тасдиқ мекунад

### 1. Худо Худаш наҷот додани гунаҳкоронро мехоҳад

Худо моҳияти Худро бо номи Худ ошкор мекунад. Номи Худо ифодагари хислати Ӯст. Худо Худро дар Паймони Куҳан ҳафт маротиба “Наҷоткор” меномад. Оиди ин ба порчаҳои зерин назар кунед: Заб. 105:21; Иш. 43:3; 45:15; 45:21; 49:26; 60:16; 63:8. Худи ҳамин ном барои Худо дар Паймони Навин низ ба кор бурда шудааст (Луқ. 1:47; 1Тим. 1:1; 4:10; Тит. 1:3; 2:10; Яҳ. 25).

Ин хоҳиши дили Ӯст (Ҳизқ. 33:11; 18:23,32; Ҳуш. 11:8; 1Тим. 2:4; 2Пет. 3:9).

Бо фиристодани Писараш Худо хоҳиши Худро оиди наҷот додани одамизод тасдиқ мекунад. Масеҳ на барои он омад, ки Худо моро дӯст дорад, балки аз он сабаб, ки Худо моро дӯст дошт (1Юҳ. 4:14; Ғал. 4:4; Аъм. 3:26; Юҳ. 3:16,17). Ҳамин тавр Худои бузург Худаш барои наҷоти гуноҳкорон сахт ғамхорӣ мекунад.

## 2. Масеҳ инро ошкор намуд

Ӯ бори аввал инро бо мисоли Худ нишон дод. Ӯ медонист, ки барои хизмати ҷамъиятӣ аз 3,5 то 4 сол вақт дошт, бо вуҷуди ин расонидани Хушхабарро сарфи назар накард. Ӯ шогирдони Худро ба таври ҷудогона интихоб мекард (Мар. 3:14; Юҳ. 1:43; Мат. 4:21,22; 9:9). Ӯ бо одамони алоҳида сӯҳбат мекард. Нигоҳ кунед ба Юҳ. 3; 4; 5:1-9; 9; Луқ. 10:38; 7:36-50; 23:39-43; ва ғайра. Ҳақиқатҳои зодашавии нав ва парастиш дар сӯҳбатҳо бо **шахсони ҷудогона** ошкор мешуданд.

Амри Масеҳ оиди ба ҳамаи халқҳо расондани хушхабар ғамхории Ӯро нисбат ба ҷонҳои одамон ошкор мекунад (Марқ. 16:15,16; Мат. 28:19,20). Аҳамият диҳед, ки калимаи "ҳама" дар Мат. 28:19,20 гувоҳи чор чиз аст. Яке дар бораи *қудрати* Ӯ гувоҳӣ медиҳад, дигаре дар бораи *ҷамоат*: "ҳамаи халқҳо", яке дар бораи *барномаи* Ӯ гувоҳӣ медиҳад: "таълим диҳед", дигаре бораи *ҳузури* Ӯ: "Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам". Мо дар Марқ. 1:17 *даъват* –"биёед", *вазифа* – "пайравӣ кунед", *самт* –"Маро" ва *касб* –"сайёди мардум"-ро мебинем. Ба Луқ. 5:10 нигаред. Онро бо 2Тим. 2:26 муқоиса намоед. Ин ҷо ду сайёд ҳаст: шайтон ва масеҳӣ, ва ҳар ду "одамонро сайд мекунанд".

Луқ. 8:39-ро дида баромада, онро бо Марқ. 5:19 муқоиса кунед. Ин ҷо Масеҳ шогирдашро вазифадор мекунад, то ба воситаи ҳаёти худ нишон диҳад ва бо даҳони худ гӯяд, ки Масеҳ барояш чӣ кор кардааст. Шахсе гуфтааст: "Маҳз шаҳодати даҳон ва ҳаёт мардумро дилпур сохта, девҳоро гаранг мекунад". Ҳамчунин ба Аъм. 1:8 нигоҳ кунед. Мо оиди он чи дар бораи Ӯ дидаем, шунидаем, ва медонем, шоҳид ҳастем.

## 3. Ҷамоати аввалин инро дар амал ба ҷо меовард

Дар рӯзи Пантикост ҳама ба гап задан сар карданд (Аъм. 2:4). Натиҷаи онро дар 2:41 аз назар гузаронед. Ҳамчунин ба Аъм. 3:1-9; 3:12; 4:8-12; 8:35; 8:1 нигоҳ кунед ва ин оятҳоро бо Аъм. 11:19 муқоиса намоед. Худо ин усули соддаро, ки аз сӯҳбатҳои шахсӣ ва шаҳодатҳо иборат аст, баракат дод; зеро мо механем, ки "Каломи (Сухани) Худо ҳамин тавр қувват мегирифт ва паҳн мешуд" (Аъм. 19:20). Ибораи "мавъиза кунед" дар Паймони Навин 112 маротиба истифода шудааст, ва танҳо дар шаш маврид сӯҳбати расмиро ифода мекунад.

## 4. Имрӯзҳо Ҷамоат бе ин вуҷуд дошта наметавонад

Ҷамоате ки муждарасонӣ намекунад, ба зудӣ барҳам мехӯрад. Ҷамоате ки хоҳиши муждарасониро гум карда, аз худ қаноатманд аст, ба зудӣ аз байн меравад. Ҷамоати Уршалим пароканда карда шуд, аммо ба шарофати ин тамоми аъзоёнаш расонадагони Хушхабар гардиданд (Аъм. 11:19).

Аҳли Мерӯз на аз он сабаб гирифтори лаънат шуданд, ки ягон кори нодуруст карданд, балки аз сабаби он ки кори дурустро ба ҷо наоварданд. Ба ҷои он ки бо бародарони худ дар ҷанг зидди душмани умумӣ муттаҳид шаванд, онҳо ҳеҷ коре накарданд (Дов. 5:23). Масеҳиёне ки ба Худованд ҳеҷ чиз намедиҳанд ва ҳеҷ коре барои Худованд намекунанд, барои ягон чиз фоидабахш нестанд! Худо роҳ надиҳад, ки мо чунин масеҳиёни бефоида бошем!

### Ин ҷавобгарии боваркарда аст

Беҳтар мебуд, агар шумо ба зону нишаста, дар танҳоӣ бо Худо, Ҳизқ. 33:1-6, Мас. 24:11,12; Яъқ. 5:19,20; 1Қӯр. 9:16-27-ро хондед. Ҳақиқатан баъди он ки боваркарда ин ҳақиқатҳои муҳимро хонад, дигар ба аҳамиятнокӣ ва масъулияти ҷалб кардани одамон шубҳа нахоҳад кард.

Дар хусуси ин суханони барҷастаи Т.С. Ҳортон андеша намоед: "Назди Масеҳ овардани одамон санъати илоҳист.

Одамон ҷалбкунандагони одамон зода намешаванд, балки карда мешаванд. Ба ақидаи баъзе масеҳиён, танҳо шумораи хурди боваркардагон ба ин кор даъват шудаанд, ва ин вазифа ба ҳама дахл надорад; гӯё мо ихтиёр дорем ин корро кунем ё накунем. Аммо ин дурӯғ аст, берун аз Навишта ва бемантиқ. Ҳар як боваркарда ба ин кор вазифадор аст. Ҳама метавонанд ҷалбкунандагони ҷон шаванд, агар худро ба ин кор аз тамоми дилу ҷон супоранд".

Доктор Нетлтон, бузургтарин муждарасон ва ҷалбкунандаи одамон, боре ба худ чунин савол дода буд: "Агар ман аз ҳозир сар карда 1000 соли дигар умр медидам, чӣ хоҳиш медоштам?" Ҷавоби вай ин буд, ки тамоми ҳаёти худро барои назди Масеҳ овардани одамон сарф мекард.

Тасаввур кунед, ки барои ҳар ҷоне ки самимона барои Масеҳ меҷустед, ба шумо 1000 доллар медоданд. Оё шумо барои ин миқдор пул одамонро аз ҳозира бештар назди Масеҳ меовардед? Агар чунин бошад, пас муҳаббати шумо ба пул назар ба муҳаббати шумо ба Масеҳ ё ёронатон бештар аст!

Гуфтаанд, ки Рум "ҷаҳонро бо шамшери кӯтоҳ забт намуд". Ин ба онҳо имкон медод, ки бо душман аз наздик ҷанг кунанд. Дар ҷангҳои ҳозира барои куштани як кас зиёда аз як тонна пӯлод сарф мешавад, ва барои назди Масеҳ овардани як кас як тонна мавъиза. Аммо ҳангоме ягон кас шахсан бо "шамшери кӯтоҳ" бо шахсони ҷудогона сару кор дорад, ин тавр нест.

Довар Мингинс ҳангоми дар Филаделфия зистанаш нобовар буд. Вай баъди аз ин шаҳр рафтан ба Худо рӯ овард. Баъди муддате вай бори дигар ба Филаделфия омада, дар хонаи дӯсти деринаи нобовараш ҷой гирифт. Баъди се рӯз дӯсташ ба вай гуфт: "Ҷорҷ, ман шунидам, ки ту масеҳӣ шудаӣ". "Бале", – ҷавоб дод вай. "Инак, Ҷорҷ, ту ба Худо бовар мекунӣ? – "Бале". – "Ҳамаи онҳое ки тавба накарданд, абадан ба дӯзах хоҳанд рафт?" – "Бале". – "Магар масеҳият тамоми шираи инсонигариро хушк кардааст, чунон ки ин дар ту дида мешавад?" "Ту чиро дар назар дорӣ?" – пурсид довар.

“Хуб”, – гуфт дӯсташ, – “ту се рӯз боз дар хонаи ман зиндагӣ мекунӣ, ва ҳамаи ин чизҳоро дониста, барои наҷот додани ман ҳатто як сухане ҳам нагуфтӣ!” Оё ягон кас дар бораи мо низ чунин гуфта метавонист?

**Онҳое ки одамонро назди Масеҳ меоваранд, “хирадманд” ҳастанд (Мас. 11:30).**

Дар нусхаи асл “ҷонҳоро ба даст меоваранд” аст. Пас “ҷонҳоро ба даст овардан” чӣ маъно дорад. Ҷозеф Кемп қайд мекунад, ки калимаи “ба даст овардан” калимаи ҳарбист. “Ба даст овардани шаҳр” муҳосира карда забт намудани онро ифода мекунад. Ин чандон кори осон нест. Он маҳорат, сабр, ҷасорат ва тоқатро металабад. Забти шаҳри ҷони инсон ҳақиқатан кори барҷаста аст. Ҳар донишҷӯ бояд китоби Бунянро, ки “Ҷанги Муқаддас” ном дорад, хонад, то ки ин ҳақиқатро эътироф намояд. “Ба даст овардан” ҳамчунин калимаи касбист. Инро бо мисоли зерин фаҳмондан мумкин аст. Моҳигиреро тасаввур кунед, ки ба вазъи боду ҳаво ва хатарҳо нигоҳ накарда, барои сайди моҳӣ тамоми маҳорати худро ба кор мебарад. Илова бар ин, он калимаест, ки ба соҳаи оиладорӣ дахл дорад. Роҳе ки арӯсро ба воситаи он ба худ ҷалб мекунанд, ба даст овардани меҳру муҳаббати ӯст. Бинед, ки чӣ тавр барои Исҳоқ дар Ҳастӣ 24 арӯс интихоб шуда буд. Ҳангоме мард мехоҳад дили занро бо мақсади арӯси худ кардан ба даст оварад, вай дар ин ҳолат чӣ тавр амал мекунад? Вай диққати занро ба худ ҷалб мекунад; ба вай мурофиат мекунад; бо вай сайру гашт мекунад; бо вай сӯҳбат мекунад; ба вай тӯҳфа мефиристад; осудагӣ ва манфиатҳои худро сарфи назар мекунад, то бо вай бошад; ниҳоят ба вай пешниҳод мекунад, ки занаш шавад, ва зан “ҳа” мегӯяд. Мард дили занро ба даст овард!

Акнун инро ҳангоми барои назди Масеҳ овардани ҷонҳо ба кор баред, ва ин бароятон мисоли ҳайратовари роҳи хиради ҳақиқӣ хоҳад буд. Чэдвик хуб мегӯяд: “Ин кори бошараф аст.

Аз он дида чизи баландтар нест. Фариштагон сахт хоҳони он ҳастанд. Ин кори бардавом аст, зеро натиҷаҳои он дар ҷовидонӣ дида мешаванд. Ин кори ба ҷон фоидабахш аст, зеро он муваффақияти рӯҳонӣ, хушбахтӣ ва тароват мебахшад.

АРЗИШНОКИИ ҶОН

“Ҷон” гуфта, қисми рӯҳонии инсон (бар хилофи бадани вай) дар назар дошта мешавад (Марқ. 8:36,37; Заб. 48:8; Мат. 10:28).

Мо арзишнокии ҷонро бо якчанд восита муқаррар мекунем.

## 1. Табиат ва асли ҷон

Инсонро Худо офарид ва вай махлуқи сеҷониба мебошад (Ҳас. 2:7; 1Тас. 5:23). Ба воситаи бадани худ вай дунёро дарк мекунад, ба воситаи ҷонаш худро, ва ба воситаи рӯҳи худ Худоро. Маҳз доштани рӯҳ инсонро аз ҳайвон фарқ мекунонад.

## 2. Қобилият ва қудрати ҷон

Инсон ё барои Худо қобил буда метавонад, ё барои бадкорӣ; барои мушоракат бо Худо, ё хизмат ба иблис; метавонад барои ёри худ баракат бошад, ё лаънат. Дар ҳар ҷон барои чизи хуб ё бад имконияти зиёд буда метавонад!

## 3. Арзиши ҷон аз нуқтаи назари Масеҳ

Ҷолҷолто нишон медиҳад, ки ҷон барои Худо чӣ арзиш дошт. Хуни гаронбаҳои Масеҳ барои бозхарид намудани ҷонҳои мо рехта шуд (1Пет. 1:18,19). Ба мисоле ки Масеҳ Худаш овардааст, аҳамият диҳед (Мат. 13:44-46; бо Ғал. 2:20 муқоиса намоед).

## 4. Мавҷудияти ҷовидонаи ҷон

Ҷон ҷовидона ё дар осмон, ё дар кӯли оташ мавҷуд аст (Марқус. 9:43-48). Масеҳ ин ҳақиқатро кушоду равшан таълим дод (Луқ. 16:19-31; Мат. 10:28).

## 5. Мубориза барои соҳибӣ кардани ҷон

Ҷони одам майдони ҷанг миёни Худо ва иблис аст (Луқ. 11:21-23). Калимаи "саъю кӯшиш кунед" маънои "ранҷ бурдан"-ро дорад (Луқ. 13:24-30). Касе ки ҷонҳоро ба даст меоварад, зидди иблис ва пайравонаш мебошад (Эфс. 6:11,12).

Вилям Ҳамилтон гуфтааст: "Дар замин аз инсон дида чизи бузургтар нест, ва дар инсон аз ҷони вай дида чизи бузургтар нест". Расонандаи Хушхабар ҳангоми бо одамон сару кор доштан бояд онҳоро на чун баданҳои дорои ҷон тасаввур кунад, балки мисли ҷонҳое ки бадан доранд. Вай бояд барои назди Масеҳ овардани ҷон аз ҳар як имконият истифода барад. Арзиши тамоми ҷаҳон бо зарар дидани ҷони шахс баробар шуда наметавонад. Алмосҷӯй ҳар гуна азобҳо ва душвориҳои тасвирнопазирро аз сар мегузаронад; лекин агар ҳатто як санги қиматро дастрас намояд, ҳамаи онҳоро саҳмгузории хуб ҳисоб мекунад. Кӣ медонад, шояд мо метавонем барои Худованди мубораки худ ҷонеро ба монанди Мудӣ ё Сперҷен ба даст оварем?

**Воқеияти ҷовидонӣ**

Мат. 13:41-43, 49-51; 25:30-46-ро хонед. Мо оиди ҷовидонӣ чӣ бояд гӯем? Онро ягон забони одамӣ ба таври мувофиқ тасвир карда ва ягон ақл фаҳмида наметавонад. Шоир гуфтааст:

"Рангҳои тиллогин ва нуқрагинеро, ки баҳор бар алафзор пароканда намуд, бишмор;

Мавҷҳои чиндорро, ки тобистон дар баҳр намоён ҳастанд, бишмор;

Сояҳоеро, ки дар алафзори ҷангали тирамоҳӣ милт-милт мекунанд, бишмор;

Зарраҳои барфро, ки дар зимистон мерезанд, бишмор;

Хӯшаҳои бешумори гандумро, ки дар шабнами бомдод медурахшанд, бишмор;

Соҳили биёбонро, ки зери гунбази кабуди нимрӯзӣ тӯл мекашад, бишмор;

Сурудҳоеро, ки кабӯтарон дар бегоҳирӯзӣ месароянд, бишмор;

Ситорагонеро, ки шабона дар осмон милт-милт мекунанд, бишмор…

Чун ҳамаашро шумурдӣ, ҷовидонии нодир сар мешавад!

Шунаванда, биист: "Дар абадият дар куҷо хоҳӣ буд?"

Генерал Бут, асосгузори Лашкари Наҷот, мегуфт, ки ҳар масеҳӣ бояд ба муддати як ҳафта ба дӯзах фиристода шавад, зеро ин ҷовидонии нонамоёнро чунон воқеӣ хоҳад кард, ки вай боқимондаи умрашро барои аз лаънати ҷовидонӣ наҷот додани одамон хоҳад гузаронд.

Финнӣ, башоратдиҳандаи машҳур, ба масеҳиён маслиҳат медод, ки тавре назар кунанд, гӯё ба воситаи телескоп бошад, ва бечорагии гумроҳонро дида, нолаҳояшонро шунаванд; ва сипас ба осмон нигариста, шодиҳоро бинанд, ва сурудҳои наҷотёфтагонро шунаванд. Ҳар боваркарда бояд аз худ пурсад: "Оё мумкин аст назди Худо чунон обрӯ дошта бошам, ки ба воситаи ман гуноҳкори гумроҳ ба он ҷои пурҷалол рафта расад?"

Боре нобоваре гуфтааст: "Агар ман монанди миллионҳо одамони дигар ҳақиқатан, ҷиддӣ, ва ба таври доимӣ бовар мекардам, ки донистан ва кор фармудани дин дар ин ҳаёт ба сарнавишти ҳаёти пас аз марг таъсир мерасонад, бовар барои ман ҳама чиз мешуд. Ман тамоми айшу ишрати заминӣ, ғамҳои заминӣ, фикрҳо ва ҳиссиёти заминиро чун як чизи ҳеҷу пуч барканор мегузоштам. Ҳангоми ба хоб рафтан бовар

тасаввури охирин ва ҳангоми аз хоб хестан фикри аввалини бедоркунандаи ман мебуд. Маҳз ҳамин суханон С.Т. Стаддро ба ҳаяҷон оварда водор намуданд, ки аввал ба Чин ва сипас ба Африқо равад, то тамоми ҳаёти худро ба Масеҳ бахшад.

Александр Маршалл, муаллифи китоби машҳури "Роҳи Илоҳии Наҷот" одатан чунин мегуфт: "Наҷот ёфтани ҷон онро аз азобу уқубати хеле бештар аз он чи мардуми ҷаҳон аз ибтидои замон то кунун кашидаанд, раҳоӣ медиҳад, зеро ин ҷон аз ҷазои ҷовидон наҷот ёфтааст. Наҷот ёфтани ҷон ба он шодӣ, осоиштагӣ ва баракатеро меоварад, ки тамоми халқи Худо онро аз ибтидои замон то кунун, ва аз замони ҳозира то охирзамон чашидааст, зеро ин ҷон дорои шодии ҷовидон мешавад".

Бинобар ин боиси ҳайрат нест, ки як шахсе ки ҷонҳоро самимона назди Масеҳ меоварад, чунин дуо кардааст: "Худовандо, мӯҳри "ҷовидонагӣ"-ро бар мардумаки чашмам гузор, то ҳар чиро, ки мебинам, дар партави ҷовидонӣ бинам!"

## КӮТОҲИИ ЗАМОН

Юҳ. 9:4; Эфс. 5:14-16; 2Қӯр. 6:1,2; 2Тим. 4:2,3; Рум. 13:11,12-ро хонед. Рӯзҳои кӯтоҳи ҳаёт зуд ба охир мерасанд, ва дигар ҳаргиз имкони хизмат кардан нахоҳад буд.

Файласуфи фаронсавӣ гуфтааст: "Шахсе ки ҳаёти худро қадр мекунад, бояд нисбати вақти худ бодиққат бошад; зеро ҳаёт аз вақт иборат аст". Борҳэм гуфтааст: "Чунон ки фазо ифодагари беканорист, ончунон вақт нишонгари ҷовидонӣ аст". Миссионер Дэвид Брэйнерд, ки дар 36-солагӣ вафот кард, дар дафтари ёддоштҳояш навишта буд: "Ман мехостам барои ҷалоли Ӯ либоси хизмат пӯшам. Сарфи назар аз он ки ман чӣ тавр ва дар куҷо зиндагӣ мекунам, ё чӣ душвориҳоро аз сар гузарондам, ягона мақсадам барои Масеҳ ба даст овардани одамҳост".

Касе гуфтааст, ки Павлус дар ҳаққи гумроҳшудагон аз сабаби боварии секарата ғамхорӣ мекард. Вай ба ҳақиқатҳои

зерин, ки ҳама бояд бо онҳо рӯ ба рӯ шаванд, боварии сахт дошт: доварии Худо (Рум. 14:10), растохез ва ҷовидонӣ.

Деҳқоне ки баҳорон заминро шудгор намекунад ва ҳеҷ чиз намекорад, ба ҷуз алафи бегона дигар чизе нахоҳад даравид! Воиз 11:1-6-ро хонед.

Чӣ гуна мо метавонем дар ҳаққи одамон дуруст ғамхорӣ кунем? Ин танҳо дар мавриде муяссар мешавад, ки мо дар ҳузури Худо бо Каломи Худо рӯ ба рӯ мешавем. Биёед бо дуо фикр кунем, ки ин суханон чӣ маъно доранд: "аллакай маҳкум шудааст"; "ҳаёт надорад"; "гумроҳон"; ва "гирифторони ҳалокат" (Юҳ. 3:18; 1Юҳ. 5:12; 1Қӯр. 1:18).

## ХУДО БА КОРИ ФАРДӢ МУКОФОТ МЕДИҲАД

Андриёс мисоли корманди фардист. Вай се бор номбар мешавад, ва ҳар бор чун шахсе тасвир мешавад, ки ягон касро назди Масеҳ меоварад (Юҳ. 1:40-42; 6:8,9; 12:22).

Имрӯзҳо бисёр вақт муждарасонии "касбӣ"– оммавӣ ба назар мерасад. Ба воситаи усулҳои фишороварӣ ба асаб ҳазорон-ҳазорон одамон бардурӯғ масеҳӣ шуданд. Масеҳиёни пок бояд худро ба кори расонидани Хушхабар супоранд. Як ҷони ҳақиқатан наҷотёфта аз ҳазорон масеҳиёни бардурӯғ боваркарда беҳтар аст. Бигзор барои мо сифат муҳим бошад, на шумора.

Трамбул, як ҷалбкунандаи бузурги одамон ва муаллифи китоби "Зинда гирифтани одамон" чунин гуфтааст: "Ман метавонам бо мардуми бисёр гап занам, ва ҳеҷ натиҷае набинам; аммо метавонам бо бисёриҳо дар ҷудогонагӣ сӯҳбат намуда, натиҷаҳои бениҳоят зиёдро бинам".

Д.Л. Мудӣ гуфтааст: "Мавъизаи ман танҳо қадами аввалин ба расондани Хушхабар аст". Дар Сухани Худо гуфта нашудааст: "Аз тамоми ҷаҳон биёед ва Хушхабарро аз минбари мо бишнавед". Масеҳ гуфтааст: "Ба тамоми олам равед ва Хушхабарро ба ҳамаи махлуқот мавъиза кунед".

Узви ҷамоати инҷилӣ будан ва муждарасон будан фарқи бениҳоят зиёд дорад. Якумин метавонад пайрави таълимоти дуруст бошад ва дар айни замон хоболуд бошад. Узви ҷамоати инҷилӣ ба ҳақиқат дар **ях** хизмат мекунад; муждарасон ҳақиқатро дар **оташ** медиҳад. Биёед, мисли масеҳиёне набошем, ки дар дами марг эътироф намуда, мегӯянд: "Ман наҷот ёфтаам ва ба осмон меравам, вале дастхолӣ меравам, зеро ягон ҷонро назди Масеҳи Наҷоткор наовардаам".

Ҳисоб карда шудааст, ки агар ҳар яке аз 100 боваркарда ҳар сол як ҷонро назди Масеҳ меоварданд, ва ҳар ҷони наҷотёфта, дар навбати худ, каси дигарро ҳар сол назди Масеҳ меовард, дар давоми 25 сол зиёда аз якуним миллиард ҷон наҷот меёфтанд! Имрӯз бошад ҳар сол ба воситаи 100 масеҳӣ танҳо чор кас ба Масеҳ рӯ меоваранду халос, ки ин нишондиҳандаи сустист. Дар як масал чунин гуфта мешавад: "Шумо метавонед донаҳои дарахти булутро дар ягон дарахт шуморед, вале шумораи дарахтонро дар донаи булут ҳисоб карда наметавонед", – албатта, дар сурате ки донаи булут бимирад (Юҳ.12:24).

Фарқ миёни мавъиза кардан ва кӯшишҳои шахсӣ чун фарқ миёни дору ва шахсан омадани духтур аст. Духтур одами касалро тафтиш мекунад, бемориро муайян месозад ва номи доруи даркориро навишта медиҳад. Биёед ин қобилияти худро инкишоф дода, аз тамоми дилу ҷон кӯшиш намоем, ки ба воситаи муждарасонии фардӣ одамонро назди Масеҳ оварем.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Чунон ки онҳо роҳҳои худро ихтиёр кардаанд, ва ҷонашон корҳои зишташонро хостааст, ончунон Ман азиятҳои онҳоро ихтиёр хоҳам кард, ва бимҳои онҳоро бар сарашон хоҳам овард, зеро ки Ман даъват намудам, касе ҷавоб надод, Ман сухан рондам, онҳо нашниданд, балки он чи дар назари Ман бад буд, ба амал оварданд, ва он чи Ман нахостам, ихтиёр карданд".

Иш. 66:3б,4

“Зеро ки қавми Ман ду кори бад карданд: Маро, ки чашмаи оби ҳаёт ҳастам, тарк карда, барои худ сардобаҳо канданд, сардобаҳои кафидае ки наметавонад обро нигоҳ дорад”.

Ирм. 2:13

“Ва Писаре хоҳад зоид, ва ту Ӯро Исо хоҳӣ номид; зеро ки Ӯ қавми Худро аз гуноҳҳошон наҷот хоҳад дод”.

Мат. 1:21

“Зеро ки ба шумо мегӯям: агар адолати шумо аз адолати китобдонон ва фарисиён бартарӣ надошта бошад, ба Малакути (Подшоҳии) Осмон дохил нахоҳед шуд”.

Мат. 5:20

“Ман, Ман ҳамонам, ки гуноҳҳои туро ба хотири Худам маҳв менамоям, ва хатоҳои туро ба ёд нахоҳам овард”.

Иш. 43:25

“Ба Ман руҷӯъ намоед ва наҷот хоҳед ёфт, эй тамоми ақсои замин! Зеро ки Ман Худо ҳастам, ва дигаре нест”.

Иш. 45:22

“Ва ҳол он ки Ӯ аз ҷиноятҳои мо маҷрӯҳ, ва аз гуноҳҳои мо афсурдахотир шудааст; сазои осоиштагии мо бар Ӯст, ва ба воситаи ҷароҳатҳои Ӯ мо шифо ёфтаем. Ҳамаамон мисли гӯсфандон гумроҳ будем: ҳар яке ба роҳи худ мерафтем; ва Худованд гуноҳи ҳамаи моро ба гардани Ӯ монд”.

Иш. 53:5,6

“Валекин шарирон мисли бахри пурталотуманд, ки он наметавонад ором шавад, ва обҳояш лой ва лӯшро берун мепартояд.

Барои шарирон осоиштагӣ нахоҳад буд, – мегӯяд Худои ман".

Иш. 57:20,21

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 2 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 3

### ТАЛАБОТ

Ҳангоми дида баромадани талаботи асосӣ барои шаҳодати шахсӣ мо дар назар дорем, ки шахси бо ин кор машғул бояд аз ҷониби Рӯҳи Пок дубора зода шуда бошад.

### ДИЛПУРӢ ДАР НАҶОТИ ХУД

Мо бояд "аз он чи медонем, сухан гӯем" (Юҳ. 3:11). Фарз мекунем, ки ҳамсӯҳбататон аз шумо мепурсад: "Оё шумо дар наҷот ёфтани худ дилпур ҳастед?" Оё шумо метавонистед бо боварии комил ҷавоб дода гӯед: "Бале, Худоро шукр, ман дилпур ҳастам!" Фарз мекунем, ки саволи навбатии вай ин гуна мебуд: "Шумо аз куҷо медонед?" Оё шумо ба вай фаҳмонда метавонистед, ки ба кори дар салиб анҷомдодаи Масеҳ таваккал кардан ва ба Ӯ чун ба Наҷоткори худ бовар кардан шуморо комилан бехатар гардонд; ва бовар кардан ба Сухани Худо шуморо пурра дилпур сохт (1Юҳ. 5:13)? Ин оятро аз ёд кунед.

Павлус чунин гуфта метавонист: "Мо, ки чунин умед дорем, бо камоли ҷасорат амал мекунем" (2Қӯр. 3:12). Ақидаи мустаҳкам эътирофи ҷасуронаро ба вуҷуд меоварад, ки дар навбати худ боварии шахси шунавандаро зиёд месозад (2Қӯр. 4:13). Сухани Худоро ба асос гирифта, бовар кунонед, ки

шумо ба кори дар салиб анҷомдодаи Масеҳ ва Сухани Худо такя намуда, ҳақиқатан дар наҷот ёфтани худ дилпур ҳастед.

## БОВАРӢ БА ОН КИ ОДАМОН БЕ МАСЕҲ ГУМРОҲАНД

Маҳз пас аз дуруст муайян намудани касалии бемор духтур метавонад давои онро дуруст нависад. Сухани Худо оиди ҳолати табиати инсон аниқ мегӯяд. Аз мӯҳтоҷии сахти шахсоне ки шаҳодаташон медиҳед, пурра огоҳ шавед.

### 1. Шахси наҷотнаёфта мурда аст ва мӯҳтоҷи зодашавии дубора мебошад

Эфс. 2:1,2; Юҳ. 3:1-16-ро хонед. Дар Навишта марг маънои ҷудошавиро дорад. Марги ҷисмонӣ ҷудошавии рӯҳ аз бадан аст (Яъқ. 2:26). Марги рӯҳонӣ ҷудошавии гуноҳкорон аз Худо мебошад (Эфс. 4:18; 1Юҳ. 5:12; Юҳ. 3:36). Марги дуюм аз Худо ҷовидона ҷудо будани бадан, ҷон, ва рӯҳ аст (Ваҳй 20:12-15).

Маргро метавон чунин тавсиф дод: “Қатъи алоқа бо муҳит” (Ҳас. 2:17). Оё Одам дар рӯзи аз меваи манъшуда хӯрданаш мурд? Бале. Аммо вай на ҷисмонӣ, балки рӯҳонӣ мурд. Ҳангоме Одам гуноҳ кард, алоқаи вай бо Худо канда шуд, ва вай худро аз Ӯ ҷудо кард. Ҳамин тавр вай рӯҳан мурд. Акнун ба Луқ.15:24 нигаред. Кай писари ноқобил “мурда” буд? Ҳангоме вай дар кишвари дурдаст аз падари худ ҷудо буда, бо вай ягон алоқа надошт. Ҳамчунин ба 1Тим. 5:6 нигаред.

Азбаски одам рӯҳан барои Худо мурда аст, эҳтиёҷи асосиаш ҳаёт аз ҷониби Худост. Пайвастшавии ин ҳаёт ба гуноҳкор зодашавии нав ном дорад. Юҳ. 1:12,13-ро аз ёд кунед.

Дар ин порча се тасаввури ғалат оиди зодашавии нав мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода мешавад. Зодашавии нав “аз хун” нест ва аз насл ба насл намегузарад. Одамон аз боиси он ки падару модарашон масеҳӣ буданд, дар Масеҳ ҳаёт пайдо намекунанд. Ҳаёти рӯҳонӣ ба мерос гирифта намешавад. Ҳар кас бояд худаш дубора зода шавад. Он на аз кӯшиши худ ё “хоҳиши ҷисм” аст. Ҳеҷ кас наметавонад худ аз худ дубора зода шавад, ё худро зоёнад, чунон ки наметавонад дуюмбора ҷисман зода шавад. Зодашавии нав аз “хоҳиши мард” низ нест. Ҳазорон одамон бовар мекунанд, ки ба воситаи ғӯта хӯрдан, қабул шудан ба узвияти калисо ё иштирок дар шоми Худованд метавонанд дубора зода шаванд. Аммо мувофиқи таълимоти Навишта аниқу равшан аст, ки зодашавии нав ба воситаи хоҳиш ё амали инсон ба амал намеояд.

Сипас дар давоми порча ҳақиқати бузург ошкор мешавад, ки чунин аст: “балки аз Худо”. Танҳо Худо сарчашмаи ин зодашавии нав аст. Инсон нотавон ва мурда аст. Маҳз Худо ба инсон рӯҳи ҳаёт дамид (1Юҳ. 5:1). Бовар аз шунидани Сухани Худо ба амал меояд; Масеҳ чун Наҷоткор қабул карда мешавад; Рӯҳи Худо гуноҳкори тавбакардаро мӯҳр мезанад ва ҳамин тавр вай аз нав зода мешавад (Юҳ. 5:24,25; Ғал. 3:2; Юҳ. 1:12; Эфс. 1:13). Танҳо Худо метавонад инсонро аз олами боло зоёнад. Фақат корманди фардии бениҳоят боғайрат баъзан кореро анҷом додан мехоҳад, ки аз ӯҳдаи он танҳо Худо баромада метавонад. Мо метавонем ба гуноҳкор Сухани Худоро кушоду равшан фаҳмонем; аммо мо наметавонем ба вай ҳаёти рӯҳонӣ диҳем.

## 2. Наҷотнаёфтагон гумшуда буда, мӯҳтоҷи наҷотанд

Луқо 19:10; 2Қӯр. 4:3-ро хонед. Калимаи “гумшуда” ду маъно дошта метавонад. Маънои якум ин аст: чизе ки дар ихтиёри соҳиби қонунии худ нест; маънои дуюм: шахсе ки дар куҷо буданаш ё чӣ тавр ба ҷои таъиншуда роҳ пайдо карданашро намедонад.

Дар Луқо 15 калимаҳои “гумшуда” ва “гум шудан” ҳафт бор вомехӯранд. Се маротиба тасвири гуноҳкори гумшуда дода шудааст. Гӯсфанд роҳи худро гум карда, гум шуд (Луқ. 15:1-7-ро бо Иш. 53:6 муқоиса намоед). Инсон роҳгум задааст, ва ӯро ҷустуҷӯ намуда, ёфтан даркор аст, то наҷот ёбад. Тангае ки афтида гум шудааст, гаронбаҳо бошад ҳам, худро бардошта наметавонад, ва бинобар ин касе лозим аст, ки онро ҷуста, пайдо кунад. Писари ноқобил аз боиси худсарӣ гум шуд. Вай на роҳгум заду на афтид, балки “бо роҳи худ рафт”. Аз рӯи худсарии худ вай тамоми дороии худро сарф намуд, ва пеш аз он ки наҷот ёбад, бояд тавба карда, қарор қабул мекард.

Гунаҳкор “гумшуда” аст ва ҳеҷ чиз ба ҷуз наҷот эҳтиёҷи вайро қонеъ гардонда наметавонист. Наҷот кори Худо буда, натиҷааш ин аст, ки шахси гумшуда ёфт мешавад, ё наҷот меёбад, ва танҳо Худо ин кори наҷотро ба ҷо оварда метавонад.

### 3. Наҷотнаёфтагон ғулом буда, мӯҳтоҷи бозхарида шудан ҳастанд

Гунаҳкор зери итоат ё дар тобеияти чизи дигар аст. Гуноҳ чун хоҷа буда, гуноҳкор чун бандаи ӯст, ки худро озод карда наметавонад (Юҳ. 8:34; Рум. 6:16,20; 7:14). Аз ҳамин сабаб вай мӯҳтоҷи бозхарида шудан аст. Яъне барои аз қайду банди чизи дигар халос шудан барои вай бояд фидия дода шавад.

Ин ҷаҳон бошишгоҳи калони ғуломон аст, ки дар он одамон ғуломони дурӯғ, лаънат, хоҳиши ҷисм, шаҳват, ҳавобаландӣ, хасисӣ, майнӯшӣ, мӯд, айшу ишрат ва хоҳишҳои худ мебошанд. Чӣ тавр онҳоро бозхарида, аз ғуломӣ озод кардан мумкин аст? Онҳо бояд назди Масеҳи Фидиягузор оварда шаванд. Ӯ барои бозхарид кардан омад (Луқ. 4:18; Марқ. 10:45). Ӯ барои бозхаридани онҳо фидия* дод (Ғал. 3:13; 4:4,5; 1Пет. 1:18,19; 1Қӯр. 6:20). Ӯ доимо тайёр аст ҳар

* Фидия – музде ки барои аз бандагӣ раҳо намудани касе пардохта мешавад

гуноҳкори пеши Ӯ меомадаро аз ғуломии гуноҳ озод намояд (Юҳ. 8:32,36; Эфс. 1:7; Ғал. 5:1). Наҷот аз қайду банди гуноҳ дар як Шахс ҳаст – ва ин Шахс Писари Худост.

## 4. Наҷотнаёфта нобино буда, мӯҳтоҷи рӯшноист

Инсон аз рӯи табиати худ нисбати ҳақиқатҳои рӯҳонӣ кӯр аст. Ақлаш тира гардидааст (Эфс. 4:18). Шайтон вайро кӯр кардааст (2Қӯр. 4:4). Ӯ подшоҳии Худоро "дида" наметавонад (Юҳ. 3:3). Ӯ чизҳои рӯҳониро қабул карда, ё фаҳмида наметавонад (1Қӯр. 2:14). Ӯ дар торикӣ сокин буда, онро дӯст медорад (Юҳ. 1:5; Қӯл. 1:13; Юҳ. 3:19). Ӯ бояд чашмони рӯҳониашро кушода нигоҳ дорад (Аъм. 26:18).

Масеҳ барои он омад, то рӯшноӣ оварад (Юҳ. 8:12; Луқ. 4:18). Суханони Ӯ ба мо оиди Худо, гуноҳ, гуноҳкор, наҷот, мушкилоти ҳаёт, саодати абадии наҷотёфтагон, ва доварии инкоркунандагони Масеҳ маълумот медиҳанд (Заб. 118:130).

Ҳар кӣ ба Масеҳ бовар кунад, ба рӯшноӣ меояд (2Қӯр. 4:6; Эфс. 5:8). Ҳайрон нашавед, ҳангоме ягон шахси наҷотнаёфта чунин гӯяд: "Аммо ман наметавонам, ман онро ин гуна намебинам". Чӣ тавр онҳо дида метавонанд, ҳол он ки чашмонашон кушода нест? Навиштаҳо бо иштироки Рӯҳи Худо дар пеши назари гуноҳкор ҳақиқати мӯҳтоҷии вай ва чораи пешбинишудаи Худоро ошкор месозанд.

## 5. Наҷотнаёфтагон исёнкор буда, мӯҳтоҷи оштӣ мебошанд

Инсон нисбати Худо дар ҳолати душманӣ мебошад, яъне дар тарзи фикррониаш зидди Худост (Рум. 5:10; 8:7,8; Қӯл. 1:21; Тит. 3:3). Вай аз ҳақиқат нафрат дошта, нисбати Сухани Худо норозигӣ баён мекунад ва Масеҳро чун Худованд қабул намекунад (муқоиса кунед: Рум. 1:20,21,28; Дон. 5:23). Ин оят бо он тамом мешавад, ки Худо тамоми инсониятро маҳкум мекунад.

Бинобар ин инсон мӯҳтоҷи оштӣ аст. Вай бояд бо тавба ва фурӯтанӣ назди Худо баргашта, фармонбардори бовафои Ӯ гардад. Ба Луқ. 14:31,32 нигоҳ кунед. Салтау, муаллифи китоби “Кори инфиродӣ (як ба як) барои Масеҳ” ин оятро чунин ҷамъбаст мекунад: “Ин ҷо подшоҳест (гуноҳкорест), ки қувваҳояшро ҷамъ карда, андеша мекунад, ки оё вай метавонад бо лашкари ночизи гуноҳҳо, фикрҳо, ақидаҳо, қарорҳо, ва мақсадҳояш зери роҳбарии генерал Худсарӣ бист ҳазор талабот, хоҳишҳо ва фармоишҳои Худоро иҷро намояд. Бинобар ин вай роҳҳои оштиро меҷӯяд. Онҳо содда ҳастанд. Гунаҳкор бояд дар исёни худ иқрор шавад, ба Инҷил бовар кунад, бечуну чаро худро ба Масеҳ супорад, ва ҳамин тариқ ба ҳокимияту қудрати Шахсе ки хунаш боиси оштӣ гардид, тобеъ созад” (Қӯл. 1:20; 2Қӯр. 5:19-21).

## 6. Наҷотнаёфтагон ҷинояткор буда, мӯҳтоҷи сафедшавӣ мебошанд

Гуноҳ ҷиноят зидди Худо ва ҳукумати ахлоқии Ӯст. Бо он чи дар Сухани Худо оиди ин мавзӯъ гуфта мешавад, шинос шавед.

Инсон аз рӯи табиати худ гуноҳкор аст. Вай бо табиате ба дунё омад, ки зидди Худост (Заб. 50:5). Ин табиат “ҷисм” ном дошта, ҳар чизи барои Худо нафратоварро дӯст медораду аз ҳар чизи ба Худо маъқул нафрат мекунад (Рум. 8:5-9). Барои гунаҳкор шудан ба шахс лозим нест, ки гуноҳ кунад; вай аз он сабаб гуноҳ мекунад, ки гуноҳкор аст. Табиати гуноҳолуди шахс реша буда, гуфтору кирдори пургуноҳаш мева мебошанд (Марқ. 7:21-23; Ирм. 17:9).

Инсон аз рӯи интихоб ва амали худ гуноҳкор аст. Ин табиати гуноҳолуд ба зудӣ худро дар фикрҳои пургуноҳ ошкор мекунад; суханони пургуноҳ, ки аз даҳон мебароянд; амалҳои пургуноҳ, ки дар ҳаёт карда мешаванд, ва нуқтаи назари гуноҳолуд нисбати Худо. Худо дар Рум. 3:10,23 хусусиятҳои гуноҳкорро пурра ошкор мекунад, ва ҳар

корманди масеҳӣ бояд бо ин порча хуб шинос бошад. Ҳар гуноҳ пеш аз ҳама зидди Худи Худост, хоҳ зидди худ ё зидди шахси дигар равона шуда бошад (Заб. 50:4). Даҳшати ҷиноят бо он муқаррар карда мешавад, ки ин ҷиноят зидди кӣ равона шудааст. Аз ҳамин сабаб гуноҳ ҷиноят зидди Худост (Ҳуш. 7:2; Ом. 5:12; Тит. 3:3; Рум. 1:28-32; Заб. 14:2,3). Худо аз гуноҳҳои фикр (Мат. 5:28), сухан (Мат. 12:34-37) ва амали мо (Ирм. 44:4; Мас. 6:16) нафрат дорад ва бинобар ин Худо бояд ин гуноҳҳоро ҷазо диҳад, хоҳ гуноҳкорро, хоҳ ивазкунандаи гуноҳкорро, ки гуноҳҳои вайро бар дӯши худ гирифта, ба ҷояш мемурад.

Инсон бояд пеши Худо сафед карда шавад. Сафед кардан росткор ҳисобидан аст. Сафед кардан он амали Худост, ки ба воситааш Ӯ гуноҳкореро, ки ба қурбонии ивазкунандаи Писараш бовар карда, Ӯро чун Наҷоткор ва Худованд қабул мекунад, дар назари Худ росткор эълон мекунад. Ҳамин тавр ин беш аз бахшидан аст, зеро Худо бовардорро чун шахсе меҳисобад, ки гӯё ҳаргиз гуноҳ накарда буд! Ба Рум. 3:24-26; 5:1,2; Ғал. 2:16 нигоҳ кунед.

## 7. Наҷотнаёфтагон қарздор буда, мӯҳтоҷи бахшида шудан ҳастанд

Гуноҳкор варшикаста* буда, қарзи ба Худо доштаашро адо карда наметавонад. Инсон ба Худо чизҳои зеринро қарздор аст: ҳаёте ки ба фармудаҳои Ӯ итоаткор аст, ҷалол додани номи Ӯ ва хизмат кардан барои кори Ӯ. Вай ин қарзро адо карда натавонист (Луқ. 7:41,42). Худо ба инсон ҳаётро бо тамоми имкониятҳояш қарз додааст, ва инсон бояд ягон рӯз барои он ҳисобот диҳад (Рум. 14:12). Бисёриҳо бардурӯғ хаёл мекунанд, ки ба воситаи ваъдаҳои умедбахш оиди дар оянда беҳтар зистан қарзи гуноҳҳои худро адо карда метавонанд; аммо ҳамаи ин гуна умедҳо беҳуда ҳастанд. Корҳои нек, ашк,

* Варшикаста – дар соҳибкорӣ ба нокомӣ дучор шуда, дороии худро аз даст додани шахс

дуоҳо, маросимҳои динӣ ва қарорҳои хуб наметавонанд қарзро адо намоянд.

Худо бахшида шудан, пурра бахшида шудани қарзро пешбинӣ намуд, зеро Писари Ӯ қарзи моро ба дӯши худ гирифта, ба воситаи хуни гаронбаҳои Худ онро пурра адо намуд (Иш. 43:25; 44:22; 55:7; Аъм. 3:19; 13:38; Қӯл. 2:13; Мик. 7:18,19).

Ҳангоме аз назари Худо ба гунаҳкор чашм меандозем, то чӣ андоза нотавон ва беумед будани вайро фаҳмида метавонем. Танҳо меҳрубонии бузург ва қудрати Худо вайро наҷот дода метавонад. Ин меҳрубонӣ ва қудрат дар Хушхабар ошкор мешавад, ва мо бояд онро ба гуноҳкор равшан ва бо дуо пешкаш намоем.

Дар ин дарс шумо оятҳои зиёдеро мушоҳида хоҳед кард, ки бояд ба рӯйхати оятҳои аз ёд мекардаи шумо илова шаванд. Ҳатман онҳоро дар варақаҳо навишта, аз ёд кунед.

Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои 1-10-и имтиҳони 2 (ки дарси 3-ро дар бар мегирад) ҷавоб диҳед. Фаромӯш накунед, ки шумо набояд ин имтиҳонро то дами иҷро кардани дарси 4-ум барои ислоҳ кардан супоред.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд, бисёранд; зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд. Мат. 7:13,14

Исо чун шунид, ба онҳо гуфт: “На тандурустон, балки беморон ба табиб ҳоҷат доранд; ва шумо равед ва маънои ин суханро биомӯзед: “Марҳамат мехоҳам, на қурбонӣ”; зеро Ман омадаам, ки на одилонро, балки гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам”.

Мат. 9:12,13

Пас, ҳар кӣ Маро дар назди мардум инкор кунад, Ман низ ӯро дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, инкор хоҳам кард.

Мат. 10:32

Зеро ки аз дил хаёлоти бад, қатл, зино, фисқ, дуздӣ, шаҳодати бардурӯғ ва куфр пайдо мешавад: ин чизҳо одамро палид мекунад; лекин бо дасти ношуста хӯрок хӯрдан одамро палид намекунад”.

Мат. 15:19,20

Зеро ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дунёро ба даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад?

Марқ. 8:36

Зеро ки Писари Одам омадааст, то ки гумшударо пайдо кунад ва наҷот диҳад.

Луқ. 19:10

Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ки на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтаанд.

Юҳ. 1:12,13

Исо дар ҷавоби вай гуфт: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути (Подшоҳии) Худоро дида наметавонад.

Юҳ. 3:3

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 3 ҷавоб диҳед.*

**Дарси 4**

ТАЛАБОТИ ДИГАР

**Муносибати дуруст бо Масеҳ**

Агар мо Ӯро дӯст дорем, итоаташ хоҳем кард (Юҳ. 14:15,23; 15:10; 1Қӯр. 13:4-7; 2Қӯр. 5:14). Муҳаббати Худо ба ҳама ҷои дилҳои мо ҷорӣ шуд, то аз дили мо дар ҳама ҷо паҳн шавад (Рум. 5:5). Хизмати мо танҳо ҳамон вақт натиҷабахш мешавад, ки муҳаббати Ӯ мақсади водоркунандаи ин хизмат мегардад. Бе муҳаббат ба Масеҳ хизмат ба Ӯ машғулияти сард ва рӯякӣ хоҳад шуд. Мо дар хона осудаҳолона нишастанро беҳтар меҳисобем, дар ҳоле ки ҷонҳо нобуд мешаванд.

Чунон ки муҳаббати Масеҳ ба воситаи қурбонии Ӯ барои мо зоҳир шуд, despite онҷунон муҳаббати мо ба Масеҳ ба воситаи қурбонии мо барои Ӯ чен карда мешавад. Масеҳ моро дӯст дошт ва Худро барои мо супурд (Ғал. 2:20). Камтарин чизе ки мо карда метавонем, супоридани худ ба Ӯ ва самимона машғул шудан бо корест, ки барои Ӯ аз ҳама наздик ва азизтар аст, яъне наҷот додани гумроҳшудагон. Фидо намудани вақт, сарфи қувват, дуо, омӯзиш ва инкоркунии худ дар рӯзи мукофотгирӣ хеле арзанда хоҳанд буд (2Тим. 4:4-8)!

ДОНИСТАНИ СУХАНИ ХУДО (2Тим. 2:15)

Ин аҳамияти хеле калон дорад. Шумо бояд ба қадри имкон ва ҳарчи зудтар дониши Навиштаҳои Покро ба даст оваред. Бе ин Худо наметавонад шуморо бисёр истифода барад. Шумо бояд ба эътиборнокӣ, бехато будан ва илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаҳои Пок бовар кунед (2Тим. 3:15,16). Шумо набояд ба ҳақиқӣ будан ва пурра илҳоми илоҳӣ доштани он шубҳа кунед. Шумо бояд онро мунтазам ва бо ҷиддият омӯзед; оятҳои Навиштаҳои Покро бо боварии самимона иқтибос оварда, онро моҳирона ва фарқ кунонда истифода баред. Барои ин чор сабаб вуҷуд дорад.

Ҳангоме Сухани Худо ба воситаи Рӯҳи Худо кор фармуда мешавад, гуноҳ ошкор мегардад (Аъм. 2:37). Ин сухани зинда аст (Ибр. 4:12 “зинда”, муқоиса кунед 2Тим. 4:1). Он ҳам ҳаёти рӯҳониро ба вуҷуд меоварад, ҳам онро қувват мебахшад. Он сухан меронад, илтимос мекунад, баҳс менамояд ва ба ҳар савол ҷавоб медиҳад. Он донаест, ки дар худ принсипи ҳаётро дорад (1Пет. 1:23). Он қавӣ ва таъсирбахш аст. Бисёриҳо ҳаргиз як сухани мавъизаро нашунида, ба воситаи матни Навиштаҳои Пок наҷот ёфтаанд (Рум. 1:16; 1Тас. 2:13). Он чун шамшер аст (Эфс. 6:17). Онро кор фармоед, иқтибос оваред ва имкон диҳед, ки корашро анҷом диҳад (Аъм. 7:54). Навиштаҳои Пок монанди омоч ба хоки дил фурӯ рафта, чизи дар зери сатҳи он рӯйпӯш бударо ошкор мекунад. Он сӯрох мекунад. Он метавонад ба дил расида, “фикрҳо ва ниятҳоро” фош кунад. Он “танқидкунанда” буда, гуноҳкорро танқид мекунад. Он ҷудо мекунад. Он ҷон ва рӯҳ, чизи табиӣ ва рӯҳонӣ, шахси наҷотнаёфта ва наҷотёфта, диндори рӯҳан холӣ ва пайрави ҳақиқиро аз ҳам ҷудо мекунад. Он сирҳои дарунӣ, мақсадҳои ниҳоӣ, худсарӣ, шаҳват ва гуноҳи пинҳонии инсонро фош менамояд.

Сухани Худо роҳи наҷотро нишон медиҳад (2Тим. 3:14,15). Ҳангоми бо одамон рӯ ба рӯ шудан Сухани Худоро ба кор баред, зеро он ба онҳо мӯҳтоҷи наҷот буданашонро ва ҳам наҷоти ба онҳо даркорро нишон медиҳад. Он боиси дилпурӣ ба наҷот мегардад (1Юҳ. 5:13). Маҳз баёноти “Худованд чунин мегӯяд” ба ҷони кас дилпурӣ меоварад. Ин боиси он мегардад, ки бовардор дар наҷоти худ (Рум. 10:9,10; Юҳ. 5:24; 1Юҳ. 5:13), дар амнияти худ (Юҳ. 10:27-30; Рум. 8:35-39) ва дар баракатиояндаи худ (Юҳ. 14:1-3) дилпур мешавад. Ҳар инсон бояд Сухани Худоро маҳкам дорад. Илова бар ин он дар ҳаёт роҳнамоӣ мекунад (Заб. 118:105,130; Мас. 6:20-24; 2Пет. 1:3,4). Дар Сухани Худо барои ҳар мушкилоти ба миён омада роҳи ҳал вуҷуд дорад.

## ҲАЁТИ ПАРҲЕЗГОРОНА

Ҳаёти пур аз Рӯҳ ва бо Рӯҳ ҳидоятшаванда барои ҷалб кардани ҷон муҳим аст (Эфс. 5:18; Юҳ. 16:13,14; Зак. 4:6). Ин омодагии рӯҳонӣ ба якчанд шартҳо вобаста аст.

### 1. Пешкаш намудани вуҷуди худ (Рум. 6:13; 12:1-3)

Супоридани вуҷуди худ мақсади дуҷониба дорад. Якум, он барои ҳаёти росткорона ва дуюм барои ҳаёти фоидабахш зарур аст. Якум барои будан, дуюм барои амал кардан. Мо бояд дидаву дониста тамоми вуҷуди худро дар ихтиёри Ӯ вогузорем, то он чизе бошем, ки Ӯ мехоҳад, ва хости Ӯро ба ҷо оварда, ва ба ҳар ҷое ки Ӯ мехоҳад, равем.

### 2. Вобастагӣ дар дуо

Кори наҷот ба Худо таалуқ дорад; бинобар ин мо бояд бо Ӯ дар ин хусус бисёр сӯҳбат намоем. Дуо дар айни замон эътирофи номувофиқии мо, ва боварӣ ба он аст, ки қудрати илоҳӣ тамоми мӯҳтоҷиҳои моро қонеъ карда метавонад. Мо бояд барои имкониятҳои расондани Хушхабар, барои роҳнамоӣ дар он ва ҳикмат барои он дуо кунем (Яъқ. 1:5,6; Ирм. 33:3; Юҳ. 14:12-15; Мат. 17:21).

### 3. Тозагии ҳаёт (Иш. 52:11)

Тозагии ҳаёт барои фоиданокии хизматгузорӣ муҳим аст. Мо бояд тозагии фикр (Фил. 4:8), тозагии гуфтор, ростгӯӣ (Эфс. 4:25), тозагии кирдор ва росткорӣ дошта бошем (1Пет. 2:11,12; Фил. 2:12-16; 2Пет. 3:11; 1Тас. 2:10; 2Тим. 2:21).

### 4. Мақсади дил

Қарори пок оиди итоат ба Сухани Худо ва дастуроташ ҳаётан муҳим аст. Клей Трамбул дар “Зинда ба даст овардани одамон” ном китобаш мақсади худро ин тавр баён кардааст: “Ҳар боре ки ман мавзӯи сӯҳбат бо ягон шахсро интихоб мекардам, ин мавзӯъ мебоист миёни мо аҳамияти калон

медошт; то ман тавонам эҳтиёҷи вайро фаҳмида, ба қадри имкон онро қонеъ гардонам”. Вай ба ин нияти худ дар давоми 50 сол вафо намуд, ва Худо вайро дар ҷалби одамон бениҳоят зиёд истифода бурд.

## 5. Фурӯтании Рӯҳ

“Ҳалимонро (фурӯтанонро) ба роҳи инсоф меандозад” (Заб. 24:9). Фурӯтанӣ сустӣ нест, балки қуввати зери идораи комил гирифташуда мебошад. Масеҳ намунаи намоёни фурӯтанист (Мат. 11:28-30). Мо бояд нотавонии худро дарк намуда, пурра ба тавоноии Ӯ такя намоем (2Қӯр. 3:5,6; 12:7-10; Юҳ. 15:5). Ҳамин тавр мо фурӯтан хоҳем буд, на ғулом; дилпур хоҳем буд, на худсар.

ҶАСОРАТ

Табиист, ки ҳар яки мо тарс дорем. Трамбул эътироф намуд, ки баъди солҳои зиёди ҷалб кардани одамон вай ҳанӯз ҳам мисли 50 сол пеш ҳангоми ба ягон шахс наздик шудан беҷуръат аст. Эътирофи ин барои баъзе масеҳиён аз дигарон дида осонтар аст (Ирм. 1:8-10; Иш. 12:2,3; Еҳуш.1:9; Заб. 33:5). Ба ибораи “ҳамаи бимҳоям (тарсҳоям)” аҳамият диҳед. Худо шахсият ва вазъияти моро медонад, ва дар баробари додани фармон қудрати иҷро кардани онро низ ба мо медиҳад. Ҳатто ҳангоми тарсидан ҷасорати ҳақиқӣ бардавом мемонад. Фаромӯш накунед, ки шахсе ки шумо наздаш меравед, аз шумо ба андозае метарсад, ки шумо аз вай метарсед, бинобар ин ҷасур бошед! Оё шумо метарсед? Пас Заб. 26:1,14; 56:3; Иш. 12:2-ро хонед. Оё шумо суст ҳастед? Пас Иш. 40:29-31; Эфс. 1:19; 6:10,11; Рум. 14:4-ро хонед. Файзи фардоро имрӯз интизор набошед. “Некӯаҳволии ту тамоми умри ту давом мекунад” (Так. Шар. 33:25).

РОҲНАМОӢ

Ин ҷо адаби муроҷиат бо сухан дар назар дошта мешавад. Адаби сухангӯӣ на ҳамеша ато аст, балки бояд ба воситаи таҷрибаи доимӣ ба даст оварда шавад. Худро дар ҷои каси дигар монед. Чӣ гуна шумо мехостед, ки одамон ба шумо муроҷиат намоянд?

Адаби муроҷиатро ин тавр тасвир кардан мумкин аст: “Кас бояд худро ба ҷои дигарон монад, то мӯҳтоҷиҳои онҳоро дониста, қонеъ гардонад; таассубҳояшонро фаҳмида, онҳоро ором намояд. Кас бояд бо дил ҳис намояд, ки дар кадом вақт бояд сухани бамавқеъ гуфта, амали дуруст намояд, то касеро хафа накарда, ба ғазаб наоварад. Маънои калимаи “такт (одоби муомила)” “ламс (даст-даст кардан)” аст. Ҳамин тавр мо бояд ҷони одамро дар ҷой ва вақти қулай бо роҳи мувофиқ ламс намоем. Корманди намунавии масеҳӣ бояд ҳам сари сард ва ҳам дили гарм дошта бошад. Натиҷаи омезиши сари сард ва дили сард танҳо расмиятчигии даҳшатовар аст. Сари гарм ва дили гарм бошад боиси таассуб ва ҳардамхаёлӣ мегардад.

Намунаи зебои чунин адаб дар Юҳ. 4 оварда шудааст. Бинед, ки чӣ гуна Масеҳ ба ин зан боадабона муроҷиат намуд. Одоби муомила амалест, ки дар ҳар гуна ҳолат ба таври муносиб ё мувофиқ ба ҷо оварда мешавад (Юҳ.4:7). Ҳангоме ягон кас худро ба ҷои каси дигар мемонад, то мӯҳтоҷиҳояшро фаҳмида, онҳоро қонеъ гардонад, ин одоби муомила аст. Одоби муомила бовар кунондан ва аз байн бурдани таассуб аст (Юҳ.4:9,10,13-15). Одоби муомила донистани он аст, ки чӣ тавр бояд бо зан ё мард рафтор намуд, то ки вайро аввал ба тарафи худ ва баъд ба тарафи Худованд ҷалб кард (Юҳ.4:9,29. Одоби муомила амали хаёлот аст. Он барои эҳтиёткорона тартиб додани нақшаҳо ёрӣ медиҳад, то ки даъвати Худо ба нишон расад (Юҳ. 4:16-19).

Аз Худо роҳнамоӣ ва ҳикмати махсус талабида, дуо намоед, ки бо кадом шахс бояд сӯҳбат кунед. Мо наметавонем бо ҳама одамон сӯҳбат намоем, балки танҳо бо касоне ки Худованд моро наздашон хоҳад фиристод (Аъм. 8:29). Барои

ин бедории рӯҳонӣ ва итоат ба роҳнамоии Худо талаб карда мешавад. Доктор Торрей одатан дар дуо аз Худо металабид, то шахсе ки вай бояд бо ӯ сӯҳбат мекард, дар қатора (поезд) рӯ ба рӯи вай нишинад. Як дӯсти деринаи ман одатан фикр мекард, ки ҳар шахсе ки ба вай наздик шуда вақтро мепурсад, аз ҷониби Худованд фиристода шудааст, ва вай бояд бо ӯ оиди наҷот сӯҳбат намояд. Ҳар бегоҳ вай дар боғ сайру гашт намуда, фурсати ба кор бурдани ин нақшаи соддаро аз даст намедод.

Оиди чӣ гуфтан ва чӣ тавр гуфтан аз Худо дар дуо роҳнамоӣ ва ҳикмат талабед. Чӣ тавр шумо бояд ба ягон кас наздик шуда, бо вай робита барқарор намоед? Барои чунин кор "ба мо ҳикмати осмонӣ лозим аст, то ҷонҳои одамонро ҷалб намоем... Ҳеҷ як кори дигар чунон таъсирбахш, романтикӣ, бардавом ва пурҷалол нест (С. Чэдвик).

Барои ҷамъбаст кардан: Назди Масеҳ овардани ҷонҳо бояд дар рӯҳияи дӯогӯӣ ва такяи пурра ба Ӯ, бо фурӯтание ки хоси Худованд аст, бо ҷиддияти самимона, бо боварии комил ба Наҷоткоре ки мо нишонаш медиҳем ва ба Хушхабаре ки мавъизааш мекунем, ба ҷо оварда шавад.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад".

**Юҳ. 3:16**

"Ҳар кӣ ба Писар имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад. Ва ҳар кӣ ба Писар имон наоварад, ҳаётро нахоҳад дид, балки ғазаби Худо бар вай мемонад".

**Юҳ. 3:36**

"Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: соате мерасад, ва аллакай расидааст, ки мурдагон овози Писари Худоро мешунаванд, ва ҳар кӣ бишнавад, зинда гардад".

**Юҳ. 5:24**

“Ва аз ин тааҷҷуб накунед: зеро соате мерасад, ки ҳамаи онҳое ки дар қабр мебошанд, овози Ӯро хоҳанд шунид, ва берун хоҳанд омад – некӯкорон барои қиёмати ҳаёт ва бадкорон барои қиёмати доварӣ”.

**Юҳ. 5:28,29**

“Ҳар он чи Падар ба Ман ато кунад, назди Ман хоҳад омад, ва ҳар кӣ назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд”

**Юҳ. 6:3.**

“Агар касе хоҳад иродаи Ӯро ба амал оварад, дар бораи ин таълим хоҳад донист, ки оё он аз Худост, ё ки Ман аз Худ сухан мегӯям”.

**Юҳ. 7:17**

“Боз Исо ба онҳо гуфт: “Ман меравам, ва шумо Маро хоҳед ҷуст, ва дар гуноҳи худ хоҳед мурд; ба он ҷое ки Ман меравам, шумо наметавонед биёед”.

**Юҳ. 8:21**

“Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст”.

**Юҳ. 8:34**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 4 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 5

## МОНЕАҲО

Агар ба воситаи муждарасонии фардӣ назди Масеҳ овардани ҷонҳо ин қадар кори муҳим ва бобаракат бошад, пас

чаро шумораи зиёди масеҳиён бо он машғул нестанд? Дар ин боб ба ин савол ҷавоб дода мешавад.

**ТАРСИ ИНСОН** (Мас. 29:25)

Бисёр масеҳиён аз гувоҳӣ додан худдорӣ мекунанд, зеро метарсанд, ки дигарон метавонанд онҳоро сарзаниш намуда, масхара кунанд. Фикри он ки нобоварон ва ҳатто масеҳиёни нафсонӣ муждарасонро “аҷиб” шумурда метавонанд, боиси он гардид, ки ҳазорон-ҳазорон касон аз шаҳодат додан даст кашиданд. Чӣ фоҷиаест!

Роҳе ки Худо барои халқи Худ интихоб намуд, ҳеҷ гоҳ осон набуд. Ин ҳақиқатро Писари Худо равшан баён намудааст (Юҳ. 15:18-21; Мат. 5:11,12). Аз китоби Аъмол маълум аст, ки калисои ибтидоӣ доимо таъқиб карда мешуд. Дар Номаҳо равшан баён карда мешавад, ки “васвасаи салиб” бекор нашудааст (Ғал. 5:11). Салиб барои *ахлоқ* васваса аст, зеро амалҳо ва хислат наметавонанд инсонро дар назди Худо сафед кунанд (Ғал. 2:16); салиб барои *фалсафа* васваса аст, зеро он ба бовар муроҷиат мекунад, на ба хиради инсон ё донишҳои дунявӣ (1Қӯр. 1:19-31), салиб барои *маданият* васваса аст, зеро ҳақиқати он ба кӯдакон ошкор шудааст (Мат. 11:25); салиб барои *табақаҳои сарватманди мардум* васваса аст, зеро Худо камбағалон ва фурӯтанонро интихоб мекунад (Яъқ. 2:1-6); ҳамчунин салиб барои *ирода* васваса аст, зеро он талаб менамояд, ки кас худро бечуну чаро супорад (Рум. 8:7,8).

Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки Худованди ҷалолро таҳқир намуд, рад кард ва ба салиб кашид. Муносибати ҷаҳон ба Ӯ ҳанӯз ҳам дигаргун нашудааст. Аз ҳамин сабаб масеҳӣ ҳангоми мавъиза намудан ва кӯшиши барои ҷалоли Худованд зистан бояд омода бошад, ки бо зиддияти шадид ҷасурона рӯ ба рӯ шавад. Пайравони равияҳои дурӯғин, аз афташ, ҳангоми паҳн кардани таълимоти бардурӯғи худ ё андак метарсанд ё тамоман наметарсанд. Фурӯшандагон хона ба хона рафта аз

фурӯхтани молҳои худ шарм намекунанд. Ҳақиқатан, мо чун “сафирони* Масеҳ” бояд аз рӯи фармони Ӯ рафта, дар бораи Ӯ ҷасурона шаҳодат диҳем, ва ба таври шоиста намояндаи Касе бошем, ки моро аз рӯи файзи Худ наҷот дод (2Қӯр. 5:20; Аъм. 4:13). Аз Торрей боре пурсиданд, ки усули беҳтарини ҷалб кардани одамон кадом аст. Ӯ ҷавоб дод: “Рафта, онро ба амал овар!” Ҷасоратро ба воситаи амал обутоб додан мумкин аст.

## АЗ ДУО САРФИ НАЗАР КАРДАН

Худованд Исо барои мо намуна боқӣ гузошт, то мо “аз Ӯ ибрат гирем”. Ин ба дуо, чун ба ҳар гуна ҷиҳати дигари ҳаёти масеҳӣ, дахл дорад (1Пет. 2:21). Дар Навишта чандин маротиба зикр шудааст, ки Ӯ дуо мекард, ва баъзан дар давоми тамоми шаб. Агар дуо кардан ба Ӯ лозим буд, пас чӣ қадар бештар он ба мо лозим аст!

Ҳангоме киштии Титаник бо яхкӯҳи шинокунанда бархӯрда, ғарқ мешуд, киштии *Калифорниан* дар наздикӣ буд, аммо муҳандисони (инженерҳо) радио сахт мехобиданд. Бонги хатари киштии маҳкумшуда ношунида монд. Он “дастнорас” буд, ва фурсати наҷот додан аз даст рафт. Дуо хизматгори Худовандро омода месозад, ки ҳам хости Хоҷаашро донад, ва ҳам онро ба ҷо оварад. Бепарвоӣ ба дуо – аз даст додани қобилияти ҳис кардани Рӯҳи роҳнамоикунанда аст (Иш. 11:2,3). Гоҳо масеҳӣ бо кори Худо чунон банд аст, ки барои дуо вақт надорад. Вақт ҷудо карда назди тоҷи файз дуо ва илтимос кунед, зеро танҳо ба ин восита хизмати натиҷабахш кардан мумкин аст (Луқ. 18:1; 6:12; Мат. 9:37,38; Яъқ. 5:17,18; 1Подш. 12:33).

## ГУНОҲИ ПИНҲОНӢ

Ҳар гуна одати зарарноке ки виҷдони моро вайрон мекунад, қувваи рӯҳонии моро аз байн мебарад, қобилияти ҳис

---

* Сафир – намояндаи як давлат дар давлати дигар

намудани Рӯҳи роҳбарикунандаро суст мекунад, ё моро аз робита бо Ӯ ва аз шодии хизмат ба Ӯ маҳрум месозад, бояд қатъиян эътироф шуда, чун *гуноҳ* дур карда шавад (Заб. 50:12,13). Юҳанно номаи худро бо суханони зерин анҷом медиҳад: “Эй фарзандон! Худро аз бутҳо нигоҳ доред”. Бут ҳар чизест, ки ҷои Худоро мегирад. Он метавонад ягон чизи қонунӣ бошад, аммо агар он ҷои Масеҳро дар ҳаёт гирад, ё биниши рӯҳонии моро хира созад, бояд дур карда шавад (1Юҳ. 5:21). “Ҳар бори гаронро аз худ дур андозем” (Ибр. 12:1). Дар доварии Масеҳ ҳеҷ чиз зарарро ислоҳ карда наметавонад (1Қӯр. 3:11-15; 9:27).

## НАДОНИСТАНИ СУХАНИ ХУДО

Бисёриҳо ҳеҷ чиз намегӯянд, зеро чизи гуфтанӣ надоранд; ва онҳо аз он сабаб чизи гуфтанӣ надоранд, ки ба Худо гӯш намедоданд. Кӯдакон ба воситаи шунидан ва сӯҳбат кардан гап заданро ёд мегиранд: мо низ бояд чунин кунем (Иш. 50:4,5). Агар мо хоҳем, ки *лабҳои кушода* дошта бошем, бояд *гӯшҳои кушода* дошта бошем (Заб. 50:17).

Чунон ки духтур барои кори худ меомӯзад ва “бар илова мутолиа мекунад”, мо низ бояд Навиштаҳоро мутолиа намоем. Мо бояд донем, ки Худо дар хусуси бемории гуноҳкор чӣ мегӯяд, ва барои муолиҷаи он кадом доруро таъин мекунад. “Бе ваҳй қавм беқайд мешаванд” (Мас. 29:18). Оё одамон аз камии дониш нобуд мешаванд (Ҳуш. 4:6)? Аксар вақт, дар ҷараёни маҷлисҳои муждарасонӣ ман бо касоне ҳамсӯҳбат мешудам, ки солҳои зиёд масеҳӣ буданд, ва ҳангоме аз онҳо хоҳиш менамудам, ки бо шахсони ба наҷот эҳтиёҷдошта сӯҳбат намоянд, ягона чизе ки дар ҷавоб мешунидам, суханони зерин буданд: “Мебахшед, лекин ман дар ин гуна корҳо ягон таҷриба надорам!” Танҳо тасаввур кунед! Масеҳии баркамол намедонад, ки чӣ тавр одамро назди Масеҳ оварад! Чунин касон бисёранд. Ҳар масеҳӣ бояд самимона ин гуна донишро ҷӯё бошад (Мас. 2:1-6; 3:13-18; Тит. 1:9; 2Тим. 2:15).

## ХУДПАРАСТӢ

Назди Масеҳ овардани одамон кори осон нест, зеро он заҳмати зиёд ва худинкоркуниро талаб менамояд. Дар ин кор вақт, пул ва қувват сарф мешавад. Бисёриҳо ҳамаи инро на барои *кори Падар,* балки барои пеш рафтани кори худ сарф хоҳанд кард (Луқ. 2:49). Бисёре аз “соҳибкорони муваффақ” ном касон “аз файзи Худо маҳрум” шудаанд (Ибр. 12:15).

Шояд худнигоҳдорӣ қонуни якуми табиат бошад, аммо он қонуни файз нест (2Қӯр. 5:14,15; Луқ. 14:26,27; Рум. 12:11). Ҳангоме аз Карей, ки Инҷилро ба аҳли Ҳиндустон ошкор намудааст, пурсиданд, ки “Шуғли шумо чист?”, вай дар ҷавоб чунин гуфт: “Шуғли ман башорат додан аст, ва барои пардохти хароҷоти худ ман пойафзол таъмир мекунам”. Бисёр масеҳиёни ҷавон, ки ба фармудаи Худо гӯш накарда, муждарасонӣ накарданд, маҷбур шуданд ба хизмати ҳарбӣ раванд. Хоҳ бо ихтиёри худ, хоҳ бо дили нохоҳам, онҳо маҷбур буданд, ки ҳаёти бароҳатро ба маҳрумият ва даҳшати ҷанг иваз намоянд. Агар кас тайёр аст худро барои кишвари худ фидо кунад, пас чаро барои Масеҳ инро карда наметавонад?

Гарибалдӣ, озодкунандаи Италия, ба касоне ки дар кори вай иштирок менамуданд, бо суханони зерин мурожиат намуд: “Ман ба шумо душвориҳо, гуруснагӣ, либосҳои ҷанда, ташнагӣ, шабҳои бехобӣ, пойҳои обиладор, маҳрумиятҳои бепоёнро, аммо дар охир – ғалабаро дар кори аз ҳама бошараф пешниҳод менамоям!” Мардум ин даъвати вайро қабул карданд. Бигзор мо низ даъвати зерини Масеҳро қабул кунем: “[Биёед], салиби худро бардошта, Маро пайравӣ [намоед]”.

## ДИЛСАХТӢ

Ба он диққат диҳед, ки Масеҳ нисбати гумшудагон чӣ гуна меҳрубонӣ мекард. Вай ба гӯсфандони гумшуда чун чӯпон (Марқ. 6:34), ба беморон чун табиб (Мат. 14:14), ба

гуруснагон чун валинеъмат (Мат. 15:32), ба ғамзадагон чун тасаллобахш (Луқ. 7:13), ба зулмдидагон чун раҳоидиҳанда (Марқ. 5:19) меҳрубонӣ мекард. Ин боиси ташвиш аст, агар мо дар ҳаққи гумроҳшудагон ғамхорӣ накунем. Ҷон Нокс гириста, мегуфт: "Шотландияро ба ман деҳ, вагарна ман мемурам!" Таваҷҷӯҳ намоед, ки Павлус чӣ гуна ғам мехӯрд (Рум. 9:1-3). Бинед, ки Ирмиё чӣ гуна мегирист (Ирм. 9:1). Чун Исо ба Уршалими маҳкумшуда назар андохт, бар ҳоли он гирист (Луқ. 19:41).

Агар мо дар ҳузури Худо бо чор ҳақиқат рӯ ба рӯ шавем, дилсахтии мо бешубҳа аз байн хоҳад рафт. Дар бораи *баёноти кушоду равшани Худо оиди гумшудагон* фикр кунед (Рум. 3:10-19; 6:23; 1Қӯр.1:18). *Муҳаббати Худоро* чун муҳаббати дар атои Писари Ӯ зоҳиршуда дар ёд доред (1Юҳ. 4:9; Юҳ. 3:16). Дар бораи *муҳаббати Масеҳ* чун дар бораи муҳаббате фикр кунед, ки дар қурбонии Ӯ барои гуноҳкорон зоҳир шудааст (1Юҳ. 3:16). Дар бораи *сарнавишти даҳшатноки радкунандагони Масеҳ* андеша намоед (Ваҳй 20:11-15; Марқ. 9:43-48; Мат. 25:30-46).

Ҳикояи зеринро як тиллоҷӯяндаи калифорниягӣ нақл кардааст, ки тилло ёфта бо киштӣ ба хона бармегашт. Вай тиллои худро дар миёнбанде нигоҳ медошт, ки ба миёни худ баста буд. Дар масофаи на чандон дур аз хушкӣ киштӣ оташ гирифт. Чун шиновари бақувват вай фикр кард, ки ҳатто бо вазни тилло то хушкӣ сиҳату саломат шинокунон расида метавонад. Ҳангоме вай барои тарк кардани киштӣ тайёр шуд, духтараки хурд назди вай омада, бо овози дилсӯзона хоҳиш намуда, гуфт: "Оё шумо маро наҷот намедиҳед?". Сипас дар даруни вай ҷанг сар шуд. Вай медонист, ки наметавонад ҳам духтарак ва ҳам тиллои худро наҷот диҳад. Якеро аз ҳар ду бояд партофт. Миёнбанди тиллодори худро партофта, вай духтараки хурдро гирифт, ва сиҳату саломат ба хушкӣ расид. Оё мо овози миллионҳо нафар одамони бемасеҳро намешунавем, ки чунин илтимос мекунанд "Оё шумо маро

наҷот намедиҳед?” Биёед тамоми чизҳои халалрасонандаро партофта, худро ба ин вазифа супорем!

“Барои иштиёқи сахт ба одамон!

Барои раҳме ки ёд мекунад!

Барои муҳаббате ки то дами марг дӯст медорад!

Барои оташе ки меафрӯзад!

Барои қуввати дуо, ки дастболо мешавад,

Ва худро бар гумшудагон фурӯ мерезонад!

Дуои пирӯзмандона ба номи Ғолиб,

Новобаста ба он ки бо кадом арзиш ба даст меояд!”

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Касе ки аз Худо бошад, ба каломи Худо гӯш медиҳад; шумо ба он сабаб гӯш намедиҳед, ки аз Худо нестед”.

**Юҳ. 8:4:47**

“Ва Ман ба онҳо ҳаёти ҷаводонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Ман кашида гирад; Падаре ки онҳоро ба Ман дод, аз ҳама бузургтар аст, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Падари Ман кашида гирад”.

**Юҳ. 10:28,29**

“Исо ба вай гуфт: “Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам, зинда хоҳад шуд; ва ҳар кӣ зинда бошад ва ба Ман имон оварад, то абад нахоҳад мурд. Оё ба ин имон дорӣ?”

**Юҳ. 11:25,26**

“Исо ба вай гуфт: “Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман”.

**Юҳ. 14:6**

“Ва чун Ӯ ояд, ҷаҳонро бар гуноҳ ва бар адолат ва бар доварӣ мулзам хоҳад кард. Бар гуноҳ, зеро ки ба Ман имон намеоваранд; бар адолат, зеро ки назди Падари Худ меравам, ва дигар Маро нахоҳед дид; бар доварӣ зеро ки мири ин ҷаҳон маҳкум шудааст”.

**Юҳ. 16:8-11**

“Аммо ин қадараш навишта шуд, то шумо имон оваред, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост; ва имон оварда, ба исми Ӯ ҳаёт ёбед”.

**Юҳ. 20:31**

“Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем”.

**Аъм. 4:12**

“Пас, эй бародарон, ба шумо маълум бод, ки ба воситаи Ӯ ба шумо омурзиши гуноҳҳо эълон мешавад, ва аз ҳар чизе ки ба василаи шариати Мусо сафед шуда натавонистед, ҳар имондор ба василаи Ӯ сафед хоҳад шуд”.

**Аъм. 13:38,39**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 5 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 6

## НАМУДҲОИ ГУНОҲКОРОН

Муждарасонии фардӣ ба ҳамаи одамон дахл дорад, аммо барои осон кардани кор мо онҳоро ба якчанд гурӯҳҳои гуногун тақсим мекунем. Мо усули бо ҳар яке аз ин гурӯҳҳо рафтор карданро дертар муҳокима хоҳем кард.

### БЕПАРВО

Ин гуна шахс бечуну чаро намуди паҳншудатарин буда, эҳтимол аз ҳама душвор аст. Одами миёна, аз афташ, тамоман ба ҳақиқатҳои ҷовидон бепарво аст. Вай бо кор, ҳаёти хонагӣ ва дилхушиҳо банд аст. Ин гуна ҳаёт уфуқи ӯ буда, вай чизеро аз ин дуртар дидан намехоҳад. Агар фикрҳо дар бораи Худо, гуноҳ, марг ва ҷовидонӣ ба виҷдони вай сар халонанд (чунон ки онҳо баъзан мекунанд), вай то андозаи имконпазир онҳоро зуд аз сари худ меронад. Вай дар пеши рӯйи Худо мушт намебардорад ё мавҷудияти Худоро инкор намекунад; вале вай тавре ҳаёт ба сар мебарад, ки гӯё Шахсияте чун Худо вуҷуд надорад, ва дидаву дониста аз ҳақиқатҳое чун гуноҳ, наҷот, марг ва ҷовидонӣ сарфи назар мекунад. Шиори вай чунин аст: “Биёед бихӯрем, бинӯшем ва хушҳолӣ кунем”. Ҳақиқатан, “тамоми хаёли вай ин аст, ки “Худо нест” (Луқ. 12:19; Заб. 10:4).

Дар ин ҳолат, агарчи ин душвор бошад ҳам, кас бояд ҳисси хатар ва мӯҳтоҷии вайро бедор карда, ба ӯ бо суханони зерин хитоб намояд: “Туро чӣ шудааст, ки хобидаӣ? Бархез, Худои худро бихон” (Юнус 1:6).

## ФИРЕБХӮРДА

Чунин касон низ гурӯҳи паҳншуда мебошанд. Онҳо ба таълимоти дурӯғин гӯш доданд, ва дар натиҷа фикрҳои онҳо аз ҳақиқат дур шуданд. Аксаран ба назари кас чунин менамояд, ки иштибоҳе ки онҳоро кӯр мекунад, қисман дар Сухани Худо асос дорад. Ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки баъзе оятҳо ва калимаҳои Навиштаро нодуруст маънидод мекунанд, ва ё порчаро берун аз матни Навишта тафсир мекунанд (2Пет. 3:16).

Яке аз нишонаҳои "рӯзҳои охир" зиёд шудани муаллимони бардурӯғ ва таълимоти нодуруст аст (1Тим. 4:1-3; 2Тим. 3:1-7; 4:3,4; Мат. 7:15,16; Аъм. 20:29). Фарқ надорад, ки то чӣ андоза таълимот метавонад хандаовар, бемантиқ ва мухолифи Навиштаҳо бошад; доимо касоне ёфт мешаванд, ки ба он гӯш андохта, барои паҳн намудани ин таълимоти нодуруст кӯшишу ғайрат мекунанд. Пайравони фирқаҳои дурӯғин аксаран дар паҳн кардани таълимоти аҷиби худ аз башоратдиҳии масеҳиён дида ғайратмандтар ҳастанд. Дар миёни фиребхӯрдагон адвентистҳои рӯзи ҳафтум, шоҳидони Яҳува, илми масеҳӣ, мормонҳо, унитарианҳо, универсалистҳо, теософистҳо, спиритистҳо ва ғайраҳоро зикр кардан мумкин аст.

Ақидаҳои бардурӯғро ба воситаи истифодаи хирадмандонаи Сухани Худо бартараф намудан лозим аст. Ин вазифаи осон нест, зеро ақидаҳои бардурӯғ чун гипноз таъсир расонда, қобилияти равшанфикрӣ ва муҳокимаи мантиқиро аз байн бурдаанд.

## ЭЪТИРОЗКУНАНДА

Ин гуна шахс эътирозҳои зиёд дорад, ки аксаран аҳамияти дуюмдараҷа доранд, аммо вай онҳоро ба асос гирифта, гумон мекунад, ки онҳо раднашаванда мебошанд. Вай эътибори Навиштаҳои Покро зери шубҳа гузошта, мегӯяд, ки "он пур аз

зиддиятҳост”. Вай намехоҳад худро гуноҳкори гумроҳшуда ва айбдор шумурда, бо он фикр розӣ шавад, ки худро бо кӯшишҳояш наҷот дода наметавонад. Вай асосан нисбати “дурӯяҳо” эътироз дошта, фикр мекунад, ки ҳамаи расонандагони Хушхабар ба ҳамон гурӯҳ дохил мешаванд. Вай донистан мехоҳад, ки агар Худо бошад, чаро Ӯ рӯй додани ин ё он чизро имкон медиҳад, ва ба тамоми беадолатиҳое ки дар ҷаҳон ҳукмфармо ҳастанд, ишорат мекунад. Аммо ҳангоме вай ҷавобҳои шуморо шунида, ноилоҷ мемонад, ҳатто вонамуд мекунад, ки гӯё ба фаъолиятҳои миссионерии хориҷӣ шавқ дорад ва мехоҳад “аз аҳволи халқҳо (ғайримасеҳиён)” огоҳ бошад.

Дар ин гуна ҳолат вайро оромона, бомулоҳиза ва дар асоси Сухани Худо бовар кунондан лозим аст, ки эътирозҳояш беасосанд. Ин чунон душвор нест, зеро бисёре аз эътирозҳои вай ҷамъи нуқтаҳои назари гуногун аст. Албатта, аксар вақт ин эътирозҳо беасос буда, барои давом додани амалҳои гуноҳолуд баҳона мебошанд.

## АГНОСТИК, ШАККОК ВА ХУДОНОШИНОС

Мувофиқи ақидаи *агностик* ҳеҷ кас намедонад, ки оё Худо ҳаст ё не; оё Навиштаҳои Пок Сухани Худост ё не; оё наҷот чизи воқеист, ё танҳо хаёл аст; оё биҳишт ё дӯзах вуҷуд доранд. Агностик имконияти фаҳмидани аниқ ва пурраи таълимоти асосии дини масеҳиро рад мекунад.

*Шаккок* ошкоро мегӯяд, ки ба мавҷудияти Худо ва ба ваҳйи Худо будани Навиштаҳои Пок бовар намекунад. Вай нобовар аст, ва нисбати масеҳият ва Худои масеҳиён бе дудилагӣ изҳори нафрат мекунад.

*Худоношинос (атеист)* умуман мавҷуд будани ягон Худоро инкор мекунад. Вай мехоҳад пайдоишро ба воситаи ҳодисаҳои табиӣ фаҳмонад.

Дар ин ҳолат бояд ба ҳамаи онҳо нишон дод, ки Худо ҳаст, ва Ӯ Худро пурра дар Каломи Худ, махсусан дар Писари Худ, ки Наҷоткори одамизод аст, зоҳир сохт.

**БАҲОНАҶӮЙ**

Вай барои рӯйпӯш кардани сабабҳои ҳақиқии бовар накардан ба Масеҳ ва масеҳӣ нашудан захираи зиёди баҳонаҳо дорад. Шахсе гуфтааст: баҳона баёнотест, ки моро аз кардани он чи бояд кунем, нигоҳ медорад. Дар баҳона ягон чизи нав нест. Баҳонаҳо дар боғи Адан сар шуда, то ҳоло давом доранд (Ҳас. 3:10,12,13; Луқ. 14:18).

Дар ин вазъият, чун дар мавриди эътирозкунанда, бояд ба ҳар гуна баҳона ҷавоби рӯҳонӣ ва мантиқӣ дод. Ин нишон медиҳад, ки баҳона аз нуқтаи назари Сухани Худо ва ақли солим бемаъно аст.

**НОДОН**

Ин гуна шахсон асло Инҷилро нашунида, ягон адабиётро дар хусуси Худо, Масеҳ ва наҷот нахондаанд. Шумораи ин гурӯҳи одамон аз он чи мо тахмин мекардем, хеле зиёд аст, зеро дар миёни мо бисёр касоне ҳастанд, ки чун қабилаҳои дастнораси Африқо аз масеҳият бехабаранд.

Дар ин ҳол бояд фикри онҳоро бо ҳақиқати Худо ва ваҳйи Ӯ равшан намуд. Ҳангоме миссионер ба минтақае ворид мешавад, ки дар он ҷо аз Инҷил бехабаранд, бо ин масъала дучор мешавад.

**ХОҲИШМАНД**

Ин гуна шахс гуноҳкор будани худ ва мӯҳтоҷи наҷот будани худро дарк мекунад, аммо ҳанӯз наҷот наёфтааст. Вай хоҳони наҷот ёфтан аст, аммо намедонад, ки чӣ тавр бояд наҷот ёбад. Чунин касон бисёранд, ҳатто зиёдтар аз он ки мо

тасаввур мекунем. Онҳо хеле мехоҳанд, ки ягон кас бо онҳо сӯҳбат намояд, ва ҳақиқатан ин рӯзи муборак аст, ҳангоме гуноҳкори иқроршуда бо ҷалбкунандаи оқили одамон вомехӯрад.

Дар ин ҳолат бо одами хоҳишманд тавре бояд сӯҳбат намуд, ки вай кори анҷомдодаи Масеҳро бо ақл фаҳмида, Ӯро чун Наҷоткор қабул кунад, ва чун Худованди ҳаёт эътироф намояд.

## ПАРЕШОНХАЁЛ

Ин гуна шахс дарк намудааст, ки вай чун гуноҳкори гумшуда ба наҷот эҳтиёҷ дорад. Вай Инҷилро шунидааст, ва ҳатто шояд бо ягон корманде ки чандон оқил нест, сӯҳбате дошт. Вай ҳисси пешакӣ, тарс ва шубҳаҳои зиёд дорад. Вайро бештар эҳсосот, ақидаҳо ва мушкилиҳои худаш фаро гирифтаанд. Вай фикр мекунад, ки “гуноҳи нобахшиданӣ содир намудааст”, ё “аз боиси гуноҳҳояш аз рӯзи файз маҳрум шудааст” ё чунин мегӯяд: “Ман пеш борҳо кӯшиш кардам, аммо номуваффақ шудам”. Чун қаҳрамони асари Бунян вай дар Ботлоқи Ноумедӣ ғӯтида истодааст, ва интизори шахсест, ки ба вай ёрдам дода, аз чоҳи шубҳаҳо, торикӣ ва рӯҳафтодагӣ барорад.

Дар ин ҳолат тавре бояд амал кард, то вай фикрҳояшро ба Масеҳ ва Навиштаҳо равона кунад.

## АЗ ДИН ГАШТА

Як вақтҳо чунин касон масеҳиёни хушнуд буданд, аммо акнун шахсони бебахттарин ҳастанд. Онҳо шодӣ ва дар баъзе ҳолатҳо боовариро ба наҷоти худ аз даст доданд. Мисли Ноомӣ онҳо бояд чунин гӯянд: “Маро Ноомӣ (дилпазир) нахонед, балки Марро (талхком) хонед (Рут 1:20). Асбобҳои мусиқии онҳо дар бед овезонанд ва онҳо барои сурудхонӣ суруд надоранд (Заб. 136:1-4-ро бо Заб. 125:1-4 муқоиса кунед).

Дар ин ҳолат бояд ҷонро аз нав зинда кард. Ин танҳо ба воситаи иқроршавӣ ва даст кашидан аз гуноҳ муяссар мегардад. Ин боиси он мегардад, ки ҷон дубора зинда шуда, дар “Худои наҷотдиҳандаи худ” аз нав шодӣ карда тавонад.

## МАСЕҲИИ РӮҲАФТОДА

Сабабгори ин гуна рӯҳафтодагӣ нокомӣ дар кор, бад шудани саломатӣ, мурдани шахси дӯстдошта дар оила ё озмоишҳои ҳаёт буда метавонад. Дар ин ҳолат онҳо барои ёрдам додан ба ягон кас майлу шавқи зиёд надоранд.

Дар чунин вазъият бояд сабаби рӯҳафтодагии онҳоро ёфта, кӯшиш намоем, ки “дасти [онҳоро] ...бо таваккал кардан ба Худо қувват диҳем (1Подш. 23:16). Ҳамчунин нигоҳ кунед ба 2Қӯр. 1:3,4; 1Тасл. 5:14. Ин тавр амал намуда, мо “дар кори ростӣ шарик мешавем” (3Юҳ. 8).

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Хуллас, ҳоло Худо аз замонҳои ҷаҳолат сарфи назар карда, дар ҳар ҷо ба ҳамаи одамон амр мефармояд, ки тавба кунанд”.

**Аъм. 17:30**

“Зеро ки башорати Масеҳро ба худ ор намедонам, чунки он – қуввати Худост барои наҷоти ҳар як имондор (бовардор): ҳам, аввалан, яҳудӣ ва ҳам юнонӣ”.

**Рум. 1:16**

“Лекин мо медонем, ки ҳар чи шариат мегӯяд, ба аҳли шариат рӯ оварда мегӯяд, то ки ҳар даҳоне баста шавад ва тамоми олам пеши Худо айбдор гардад”.

**Рум. 3:19**

“Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд”.

**Рум. 3:23**

“Лекин барои касе ки амал намекунад, балки имон меоварад ба Он ки осиёнро сафед мекунад, имонаш адолат ҳисоб карда мешавад”.

**Рум. 4:5**

“Зеро ки Масеҳ, ҳангоме ки мо ҳанӯз суст будем, дар вақти муқарраршуда барои осиён мурд”.

**Рум. 5:6**

“Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ”.

**Рум. 6:23**

“Зеро медонам, ки дар ман, яъне дар ҷисми ман, чизи нек мавҷуд нест; чунки майли кардани кори нек дар ман бошад ҳам, ёрои кардани он надорам”.

**Рум. 7:18**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 6 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 7

## УСУЛҲО БА ТАВРИ УМУМӢ

Дар кори ба даст овардани ҷонҳо “бисёр одамон, бисёр ақлҳо ва бисёр усулҳо ҳастанд”. Дар он ягон хел қоидаҳои сахт муқарраршуда нестанд. Мо танҳо якчанд *қоидаҳои умумиро* баён карда метавонем, зеро нисбати ҳар як шахс усулҳои гуногун ба кор бурда мешаванд.

Дар рӯи замин ду одами айнан ба якдигар монанд ёфт намешавад, зеро ҳар кас дорои шахсиятест, ки вайро аз дигарон фарқ мекунонад. Шахсиятро бо сухан муайян кардан душвор аст. Он аз таъсире иборат аст, ки мо ба шарофати кӣ

*будани* худ, яъне аз рӯи ақл, эҳсосот ва иродаи худ, ба дигарон мерасонем. Он чи ман медонам, ҳис менамоям ва амал мекунам, кӣ будани маро муайян мекунад. Ҳангоме мо ба дигарон наздик мешавем, ин чизҳо ба онҳо таъсир мекунанд. Вазифаи ба даст овардани ҷонҳо аз он иборат аст, ки бо беҳтарин восита ба ақл таъсир намояд, эҳсосотро ба ҷӯшу хурӯш оварад, ва одамро ба дараҷае оварда расонад, ки худро ба Масеҳ супорад. Танҳо Худо ба ин кор лаёқат медиҳад (2Қӯр. 3:5,6).

Аммо баъзе хусусиятҳо пурра барои наҷоди одам хосанд. "Чунон ки дар об чеҳра акси чеҳра бошад, ончунон дили одам акси одам аст" (Мас.27:19). Дигар хел карда гӯем, мо акси худро дар шахсони монанди худ мебинем. Амалҳои ҷавобии мо ба андозаи зиёд аз они онҳо ҳастанд. Оё мо мехоҳем, ки бо мо меҳрубонона ва боадабона муомила намоянд? Онҳо низ чунин мехоҳанд. Оё мо хафа намешудем, агар ягон кас бо мо дағалона ва бо ҳавобаландӣ рафтор мекард? Онҳо низ хафа мешаванд.

Барои қарор кардан, ки кадом усулҳо аз ҳама беҳтаранд, мо бояд дар Паймони Навин (Аҳди Ҷадид) намудҳои гуногуни пурсандагонро дида бароем. Шоули тарсусӣ шахси собитқадам ва худсар буд. Дар китоби Аъмол мо мебинем ки муроҷиат ба *иродаи* вай нигаронида шуда буд; бинобар ин вай мегӯяд: "Чӣ амр *мефармоӣ,* то ба ҷо оварам?" (Аъм. 9:6). Дар хусуси хоҷасоро бошад, муроҷиат ба *ақли* вай нигаронида шудааст, зеро Филиппус аз вай пурсид: "Оё мефаҳмӣ он чиро, ки мехонӣ? Дар мавриди Лидия ба *эҳсосот*, ё дилбастагӣ муроҷиат карда мешавад, зеро мо медонем, ки "Худованд дили ӯро кушод". Он чи ба Шоул ё хоҷасаро таъсир накард, Лидияро сахт ба ҳаяҷон овард. Агар сухан оиди зиндонбон дар Филиппӣ равад, дар ин маврид *виҷдон,* ҳисси гуноҳ ва тарс ҷой доштанд; бинобар ин Худо заминҷунбӣ ба амал овард. Тасаввур кунед, ки агар усули заминҷунбӣ нисбати Лидия ба кор бурда мешуд! Вай аз тарс мемурд!

Дар усулҳои мо беҳтарин чиз табиӣ будан аст. Шумо бояд чунон ки ҳастед, ҳамон хел бошед. Ҳамеша хатари он вуҷуд дорад, ки ба дигарон тақлид намуда, сунъӣ рафтор кунед. Албатта мушоҳида кардани он, ки чӣ тавр дигарон кори муждарасониро пеш мебаранд, ва ҳамчунин гӯш додан ба ҳамаи маслиҳатҳое ки аз таҷрибаи кормандони масеҳӣ ба даст омадааст, хеле хуб аст; аммо ҳангоме худатон *амал мекунед,* табиӣ рафтор намоед. Довуд намунаи хуб нишон дод, ҳангоме аз пӯшидани зиреҳи Шоул даст кашид (1Подш. 17:38,39). Пешниҳодҳои ба шумо дахлдорро қабул намоед, аммо ба ҳар ҳол фаромӯш накунед, ки шумо бештар ба воситаи хатоҳои худ ёд хоҳед гирифт!

## ОН ЧИ БОЯД КАРД

### 1. Фаҳмидани ҳолат

Ин корро танҳо дар он вақт кардан мумкин аст, ки шахс ихтиёрӣ ба шумо розӣ дил кунад; ё ҳангоме шумо боадабона дили вайро мекушоед. Бо ин роҳ мефаҳмед, ки вай ба кадом гурӯҳи гуноҳкорон тааллуқ дорад. Ин мисли муоинаи духтур аст. Духтур ба шахси бемор имкон медиҳад, ки аломатҳои бемории худро тасвир намояд ва баъд саволҳои оқилона илова мекунад, то ҳолатро ба вай равшан созад. То чӣ андоза ин аз фурӯшандаи доруҳои қалбакӣ, ки барои ҳама намудҳои бемориҳо танҳо як дору, яъне доруи махсуси худсохтро дорад, фарқ мекунад. Якчанд саволи хуб, ки шумо дода метавонед, чунин буда метавонанд: “Ба фикри ту, масеҳӣ шудан чӣ маъно дорад?”, “Чаро ту масеҳӣ шудан мехоҳӣ?”, “Ба фикри ту, чӣ тавр масеҳӣ шудан мумкин аст?” Ҷавобҳои шахс ба ин саволҳо ҳолати вайро ба шумо ошкор месозад, ва шумо беҳтар мефаҳмед, ки чӣ тавр бояд бо вай муомила кард.

### 2. Бемориро тасвир кунед

Ин ҷо дурустӣ ва аниқӣ бениҳоят зарур аст. Мо набояд шахсеро, ки ба вай ёрдам додан мехоҳем, ба шубҳа андозем. Аз Сухани Худо моҳирона истифода бурда, мо бояд амиқтар кофта, бемории гуноҳро фаҳмем. Мо набояд чун коркуне бошем, ки "Осоиштагӣ! Осоиштагӣ!" мегӯяд (Ирм. 8:11). Ба шахс фаҳмонед, ки вай дар гуноҳ зода шудааст, дили фирбехӯрда дорад, дар фикрҳо, гуфтор ва кирдори гуноҳолуд айбдор аст, гумшуда мебошад, худро наҷот дода наметавонад, ва агар дар ин гуна ҳолат мурад, маҳкум шудааст. Ба тамоми ҳавобаландӣ, худбинӣ ва мағрурӣ бояд хотима дода шавад, ва инро танҳо ба воситаи Сухани Худо кардан мумкин аст. Нисбати шахси *мувофиқ* бояд ояти *мувофиқ,* бо усули *мувофиқ* ва дар вақти *мувофиқ* ба кор бурда шавад. Барои ин роҳнамоии Рӯҳ ва такя ба Худо лозим аст. "Наҷот дар дасти Худованд аст" (Юн. 2:10). Мо бояд *саросема нашуда* шитоб карданро ёд гирем.

### 3. Таъин кардани дору

Тавре амал намоед, ки дигарон шуморо фаҳманд, ва *ҳар амали худро* ба воситаи Сухани Худо маънидод намоед. Ба шахс савол дода, фаҳмед, ки оё вай ҳақиқатеро, ки шумо аз Навишта ба вай ошкор кардан мехоҳед, мебинад. Суханони худро ба даҳони вай наандозед. Бигзор вай бо суханони худ чизи аз Навишта фаҳмидаашро тасвир намояд, ва пас аз ин шумо метавонед ҳукм намоед, ки оё вай маънои асосии онро дарк кардааст ё не. Маҳз "оғози калом... нур мепошад" (Заб. 118:130). Ба Сухани Худо ва Масеҳи Худо аҳамияти зиёд диҳед, зеро яке дигареро ошкор месозад.

Ҳангоме шахс ҳолати ночори худро дарк мекунад, ба вай нишон диҳед, ки то чӣ андоза Худо ба гуноҳкорон муҳаббат дорад ва исботи ин муҳаббат дар атои Писари Ӯст. Кори наҷотеро, ки Масеҳ бар рӯи салиб иҷро кард, таъриф намоед, ва ба он ҳақиқат ишорат намоед, ки ин кор пурра эҳтиёҷи

вайро қонеъ гардонда метавонад. Ба таври содда фаҳмонед, ки роҳи наҷот, боварӣ ба Сухан, қабули Наҷоткор, эътирофи Масеҳ чун Худованди ҳаёти худ чӣ маъно дорад (Рум.10:9,10).

## 4. Огоҳӣ дар бораи хатар

Ин вазифаро софдилона ба ҷо оваред, зеро "дӯсти самимӣ талх гап мезанаду душман ширин". Ба шахс фаҳмонед, ки барои вай хатарҳои зерин вуҷуд доранд: вай дар гуноҳҳои худ мемурад (Юҳ.8:21); дилашро ба Сухани Худо сахт мекунад (Ибр. 3:12-25; Мас. 29:1); ба кори Рӯҳ муқобилат мекунад (Аъм. 7:51); Масеҳ бори дуюм меояд (Мат. 25:1-13; Луқ. 13:24,25).

## 5. Ба қабул кардани қарори фаврӣ даъват намоед

*Маҷбур* накунед. Шумо ба ҷои вай қарор карда наметавонед; ин пурра ба вай вобаста аст. Ба вай фишор надиҳед, ва водор накунед, ки барои наҷот ёфтан суханони муайяни рамзиро такрор намояд. Суханони муайяни рамзӣ гуфта, мо ҷавобҳои мусбатро ба як силсила саволҳо дар назар дорем. Ана як мисоли суханони муайяни рамзӣ: "Ту гунаҳкор ҳастӣ, ҳамин тавр не?" "Бале". "Оё ту бовар мекунӣ, ки Исо барои гуноҳкорон мурд?" "Бале". "Пас Ӯ барои ту низ мурдааст, ҳамин тавр не?" "Бале". "Ту ба Ӯ чун ба Наҷоткори худ бовар хоҳӣ кард, ҳамин тавр не?" "Бале". "Хуб, акнун ту наҷот ёфтаӣ!" Наход барои наҷот ёфтан шахс бояд танҳо чор бор "Бале" ҷавоб диҳаду халос! Такрори ин гуна суханони муайяни рамзӣ наметавонад боиси эътирофи софдилона бошад.

Баъди маънидоди Инҷил пурсед: "Инак, ҳангоме ту ба худ чун ба гуноҳкори гумшуда менигарӣ, ва роҳи наҷотеро, ки Худо омода кардааст, мебинӣ, чӣ ният дорӣ?" Бигзор шахс бо суханони худ ҷавоб диҳад. Агар вай гӯяд, ки ба Масеҳ бовар кардан мехоҳад, бигзор бо овози баланд ва суханони худ дуо

карда, ба Худованд Исо гӯяд, ки ҳоло Ӯро чун Наҷоткори худ қабул мекунад.

### 6. Барои дилпурии вай аз Сухани Худо иқтибос оваред

Ба оятҳои зерин ишорат кунед: Юҳ. 3:16, 5:24; 10:9; 1Юҳ.5:13.

### 7. Ӯро ба эътирофи Масеҳ даъват кунед

Эътирофи ба Масеҳ бовар доштанаш ҳаётан муҳим аст (Рум. 10:9,10; Заб. 26:1; 2Тим. 1:12; Марқ. 5:19). Ҳамчунин ба вай ёд диҳед, ки Навиштаҳоро хонад, дуо гӯяд, барои Масеҳ зиндагӣ кунад ва ба Ӯ хизмат намояд (1Пет. 2:2; Заб. 118:9,10; Дон. 6:10; Иш. 40:31; Марқ. 16:15).

## ЧИЗҲОЕ КИ АЗ ОНҲО БОЯД ХУДДОРӢ НАМУД

Маслиҳатҳои зерин асосан баъди ҷамъомади башоратӣ метавонанд ба шумо ҳангоми бо одамон ҳамсӯҳбат шуданатон ёрдам диҳанд.

### 1. Худро маркази диққат накунед

Тарзе амал намоед, ки Масеҳ маркази диққат бошад, зеро масеҳият Масеҳ аст (Юҳ. 3:30). Дар ин лаҳза ба вай ягон китобча барои хониш надиҳед, зеро ин метавонад вайро парешон кунад. Китобчаҳои хубро барои қувват додани суханони гуфташуда ва кори кардашуда баъди анҷоми ҷамъомад додан мумкин аст.

### 2. Якбора бо зиёда аз як кас ҳамсӯҳбат нашавед

Бигзор вай танҳо бошад. Ду кас кофист, се кас аллакай тӯда. Ҳангоме шахси сеюм меояд, одам мисли садафак* худро мепӯшонад. Ҳангоме ҳар дуи шумо гап мезанед, бигзор шахси сеюм бо Худо сӯҳбат кунад (Марқ. 8:22-26).

## 3. На чиркин бошед, на аз ҳад зиёд озода

Намуди зоҳирии худро ба тартиб оварда, аз атре ки бӯи тез дорад, истифода набаред. На туршрӯй бошед, на сабукрафтор, зеро таассуроти аввалин муҳим мебошанд. Табиӣ, фурӯтан, шод ва самимӣ бошед.

## 4. Ба дигарон имкони гап задан диҳед

Агар ҳамсӯҳбати шумо чизи бисёр гуфтан хоҳад, ба вай ин имкониятро диҳед. Ниҳоят баъди он ки вай дилашро холӣ мекунад, навбати гап задан ба шумо мерасад.

## 5. Бо намояндагони ҷинси муқобил ҳамсӯҳбат нашавед

Аз рӯи қоидаи умумӣ, мардҳо бояд бо мардҳо, ва занҳо бо занҳо сӯҳбат кунанд, махсусан агар онҳо ҷавон бошанд. Баъзан иҷрои ин қоида номумкин аст, масалан ҳангоме ки шахс маҳз бо шумо сӯҳбат кардан мехоҳад.

## 6. Бо шахсони синну солашон аз шумо хеле калон ҳамсӯҳбат нашавед

Одамони калонсол хафа мешаванд, агар ягон шахси хеле ҷавон онҳоро таълим диҳад.

## 7. Аз баҳсу мунозира худдорӣ намоед

---

* Садафак – як навъ ҷонвари баҳрӣ

Шумо метавонед дар баҳс ғолиб оед, аммо шахсеро, ки имкони наҷот ёфтан дошт, аз даст диҳед. Шайтон кӯшиш хоҳад кард, ки дар ин масъала ба шумо халал расонад. Баъзан шахси ҳамсӯҳбат қасдан баҳсу мунозираро сар мекунад, то бо ин баҳона зудтар равад.

## 8. Танҳо таҷрибаҳои шахсиатонро нақл накунед

Бигзор вай Сухани Худоро хонад ва таҷрибаи шахсии худро пайдо кунад. Гувоҳии шумо набояд суиистифода шавад.

## 9. Аз матни Навиштаҳо ва намунаҳо беҳад зиёд истифода накунед

Аз матнҳои зиёди рӯякӣ зикршуда дида ду ё се матни пурмазмун беҳтар аст. Ин матнҳоро *аз ёд* нагӯед, балки ба шахси ҷӯянда ҷои онҳоро дар Навиштаҳои Пок нишон диҳед, то вай худаш онҳоро хонда тавонад. Ба ин восита Сухани Худо иззат ёфта, дорои эътибори баланд хоҳад шуд (1Қӯр. 2:5). Бигзор диққати шахс ба ҷумлаи “Худованд чунин мегӯяд” равона шуда бошад. Масалан, фарз мекунем, ки шумо ба шахс Юҳ. 3:1-5-ро нишон медиҳед, ва пас аз он ки вай ин оятҳоро хонд, шумо ба вай саволҳои зерин дода метавонед: “Мувофиқи гуфтаҳои Масеҳ, барои дидани Подшоҳии (Малакути) Худо чӣ муҳим аст?”. “Ӯ инро ба кӣ гуфт?” “Кӣ бояд аз олами боло зода шавад?” Вай ба ин саволҳо танҳо “Ҳа” ё “Не” гуфта ҷавоб додан наметавонад. Вай танҳо дар он сурат ба ин саволҳо ҷавоб дода метавонад, ки ин оятҳоро аз нав дар Сухани Худо хонда бароядд.

## 10. Аз одоб берун нашавед

Шумо набояд ҳангоми сӯҳбат дастони худро ба китф ё гарданаш гузоред, зеро ин вайро хафа карда метавонад.

### 11. Шитоб накунед

Аниқ фаҳмед, ки ҷӯяндаи Худо айнан он чизеро, ки дар Сухани Худо гуфта мешавад, медонад. Аз он чи вай хондааст (Иш.28:16; Аъм.8:30), ба вай савол диҳед. Боре Уэслӣ гуфтааст: “Ман вақти шитоб кардан надорам”.

### 12. Худдориро аз даст надиҳед

Ҳатто агар шуморо асабӣ кунанд, худро гум накунед. 2Тим. 2:24,25-ро хонед.

### 13. Нагӯед, ки “Барои наҷот ёфтан ту танҳо бояд бовар кунӣ”

То даме ки ба чӣ ва ба кӣ бовар карданро надонад, инро гуфтан хатарнок аст.

### 14. Он чиро, ки дар назар дошта шудааст, аз будаш кам нишон надиҳед

Масеҳӣ шудан чизи зеринро дар назар дорад: шахс Масеҳро чун Наҷоткори худ қабул карда, Ӯро чун Худованди худ эътироф менамояд. Ин маънои “хайрухуш” бо ҳаёти худпарастонаро дорад. Ин мавзӯъро равшан фаҳмонед.

### 15. Сухани дигаронро набуред

Агар вай аз шумо ёрӣ талабад, ин хуб аст. Ба каси дигар имкон надиҳед, ки сухани шуморо бурад. Агар шумо ба саволҳои шахс ҷавобҳои мувофиқ дода натавонед, беҳтараш

вайро назди коркуне равон мекардед, ки таҷрибаи зиёдтар дорад.

## 16. Ба шахс нагӯед, ки вай наҷот ёфтааст

Худо инро аз шумо беҳтар карда метавонад, ва ин бештар боварибахш хоҳад буд. Агар онҳо пурсанд, ки “Оё ман наҷот ёфтаам?” назари онҳоро ба Сухани Худо равона кунед, ва чунин гӯед: “Худо чӣ мегӯяд?”

## 17. Аз бемуваффақиятии зоҳирӣ рӯҳафтода нашавед

Аксар вақт шумо танҳо ҳалқае дар занҷири файз мебошед, ки гуноҳкорро назди Масеҳ меоварад. Касе гуфтааст: “Худо ҳаргиз тамоми ҷонро ба як одам намедиҳад”. Чунин шуда метавонад, ки ба шахс дигарон пеш аз мо оиди роҳи наҷот нақл кардаанд, ва баъди мо низ нақл хоҳанд кард. Мо бисёр вақт ба меҳнати дигарон дохил мешавем (Юҳ. 4:37,38). Пас биёед меҳнат карданро давом диҳем, ва “дар вақташ хоҳем даравид, агар сустӣ накунем” (Ғал. 6:9).

## 18. Тарзе кунед, ки дар сӯҳбат “Не!” ҷавоби охирин набошад

Ҳамеша сӯҳбатро бо ягон шахс тарзе хотима диҳед, ки онро дар мавриди дилхоҳ аз нав шурӯъ кардан мумкин бошад.

## 19. Агар ягон чизро надонед, натарсида гӯед, ки “намедонед”

Баъзе саволҳое ки ба шумо медиҳанд, файласуфони аз ҳама хирадмандро ба душворӣ андохта буданд. Диққати шахсеро, ки чунин саволҳоро медиҳад, ба масъалаи асосӣ равона созед.

## 20. Аз таъриф худдорӣ накунед

Ҷиҳатҳои хуби ҷавобҳо ва баёноти шахсро зикр намоед. Вайро барои чизҳои медонистааш таъриф намоед, ва чизҳоеро, ки намедонад, барояш ошкор кунед.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

Ва на фақат он, балки худи мо низ, ки соҳиби навбари Рӯҳ ҳастем, дарунакӣ оҳу нола мекунем ва мунтазири фарзандхондагӣ ва кафорати ҷисми худ мебошем.
**Рум. 8:23**

Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт.
**Рум. 10:9**

Зеро “ҳар кӣ исми Худовандро хонад, наҷот хоҳад ёфт”.
**Рум. 10:13**

Зеро паёми салиб барои гирифторони ҳалокат ҷаҳолат аст, вале барои мо, ки дар роҳи наҷот ҳастем, қуввати Худост.
**1Қӯр. 1:18.**

Аммо одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ ҷаҳолат аст; ва онро дарк карда наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад.
**1Қӯр. 2:14**

Зеро ки дар аввал он чиро, ки низ қабул кардаам, ба шумо супурдаам, ки яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд, ва Ӯ дафн карда шуд ва, мувофиқи Навиштаҳо, дар рӯзи сеюм эҳё шуд.
**1Қӯр. 15:3,4**

Вале агар башорати мо пӯшида бошад, он барои нобудшавандагон пӯшида аст, барои беимонҳое ки худои ин

дунё зеҳнашонро кунд кардааст, то ки нури башорати ҷалоли Масеҳ, ки Ӯ сурати Худост, барои онҳо надурахшад.

**2Қӯр. 4:3,4**

Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст.

**2Қӯр. 5:17**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 7 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 8

## МУНОСИБАТИ ДУРУСТ

### Тарзҳои муносибат

Тарзи дурусти муносибат бо ягон шахс масъалаи муҳим аст. Бинобар ин самимона дар дуо ҳикмат талабед, ва тарзи муносибат карданро инкишоф диҳед. Барои сар кардани сӯҳбат дуо кунед. Ба ин тариқ шумо метавонед бисёр вақт ба дуоҳои худ ҷавоб пайдо кунед. Шояд шумо хатоҳои бисёр кунед, аммо метавонед аз таҷриба фоидаи бисёр баред.

### 1. Муносибати бевосита

Ин навъ муносибатро “тактикаи такондиҳанда” номидан мумкин аст. Ин дарҳол ба сари мақсад омадан аст. Истифодаи ин усул ба бисёриҳо фоидаи калон меоварад. Баъзан, аз боиси кӯтоҳии вақт, ин гуна усул зарур аст.

Ҷон Вассар, ҷалбкунандаи бузурги одамон, дар ин санъат устод шуда буд. Вай вақтро барои пешгуфторҳо сарф накарда, дарҳол барои амалиёти фаврӣ мағзи мавзӯъро мегуфт. Вай ба

шахси ношинос саволҳои зерин дода метавонист: “Оё муносибати шумо бо Худо дуруст аст?” “Оё ба фикри шумо, гуноҳҳоятон бахшида шудаанд?” “Оё шумо наҷот ёфтаед?” “Оё шумо барои вохӯрдан бо Худо тайёред?” “Шумо ҷовидониро дар куҷо хоҳед гузаронд?” Яке аз дӯстони наздики Ҷон гуфт, ки вай ягон мавридеро намедонад, ки ба ҷасорати Ҷон ягон кас муқобилат карда бошад. Вай бовар мекард, ки ин усулро аз Худо қабул кард, ва онро барои Худо ба кор мебурд.

Худи бародари ман низ дар Лондон бо ин гуна муносибат бархӯрд. Як ҷавонмарди хушсарулибос аз вай боадабона пурсид: “Мебахшед, мумкин аст ба шумо як савол диҳам?”. Баъди иҷозат гирифтан вай чунин савол дод: “Оё муносибати шумо бо Худо дуруст аст?”. Сипас вай ба бародари ман фаҳмонд, ки ба Худо ваъда додааст, ки ҳар рӯз як бор ба ягон кас ин саволро диҳад.

Як дӯсти дигари ман ҳаргиз аз ягон кас немепурсид, ки оё вай наҷот ёфтааст ва оё вай масеҳӣ мебошад. Вай мегуфт, ки агар шахс “ҳа” ҷавоб диҳад, дар ҳоле ки бояд “не” мегуфт, вай дигар бо ин шахс оиди ин масъала сӯҳбатро давом дода наметавонист, ва хатари он вуҷуд дошт, ки вай ин шахсро дурӯғгӯй номад. Ба ҷои ин вай чунин савол медод: “Оё донистани он ки гуноҳҳоят бахшида шудаанд, чизи бузург нест?” ё, “Наҷот ёфтан ҳақиқатан чизи хуб аст!” Баъд вай метавонист амалҳои ҷавобии ин шахсро мушоҳида намояд. Агар дар рӯи шахс нишонаҳои хурсандӣ зоҳир шуда, вай “Ҳа, Худоро шукр” гуфта ҷавоб диҳад, он гоҳ вай медонист, ки ӯ масеҳӣ аст. Аммо агар вай дудилагӣ карда, зери лаб ким-чиҳо мегуфт,  дӯсти ман дарҳол оиди ҷони ӯ сӯҳбатро сар мекард. Ҳамаи ин усулҳои муносибати бевосита фоиданок мебошанд.

## 2. Муносибати бавосита

Усули якум ҳамаро ба худ ҷалб намекунад. Баъзеҳо усулҳои бавоситаро беҳтар дониста, дар санъати ивази мавзӯи сӯҳбат коршинос мешаванд. Онҳо метавонанд сӯҳбатро аз обу

ҳаво, ё ягон чизи ғайрирӯҳонӣ сар карда, ба мавзӯи рӯҳонӣ гузаранд. Ин маҳорати ҳақиқиро талаб мекунад, аммо маҳоратро бо таҷриба такмил додан мумкин аст. Новобаста ба он ки дар оғози сӯҳбат мавзӯъ чӣ буд, онро бо мавзӯи рӯҳонӣ тарзе бояд иваз кард, ки шахс дар ҳақиқат гумон кунад, ки ин мавзӯъро вай пешниҳод кардааст!

### 3. Саволҳо

Ин ҷо саволҳои моҳиронае дар назар дошта мешаванд, ки шавқи шахсро бедор карда, чашмонашро ба эҳтиёҷоти рӯҳонии вай мекушоянд. Як дӯсти ман дар ин навъ муносибат коршинос буд. Вай мепурсид: “Мебахшед, оё шумо ба ман гуфта метавонистед, ки чӣ тавр гуноҳкор бо Худои пок муросо карда метавонад?” Ҳангоме шахс зери лаб мегуфт, ки “гуноҳкор бояд кори беҳтарини аз дасташ меомадаро ба амал оварад”, вай Навиштаҳои Поки худро мебаровард, ва Эфсӯсиён 2:8,9-ро нишон дода, мегуфт: “Ман низ як вақтҳо ҳамин тавр фикр мекардам, аммо дар ин оят чунин гуфта мешавад: «Аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад»”. Аз ҳамин лаҳза сар карда вай нақл мекард, ки чӣ тавр гуноҳкор наҷот ёфта метавонист. Худо ин шахсро бисёр истифода мебурд.

### 4. Муносибат ба воситаи кори нек

Аксар вақт ягон кори неки шумо метавонад боиси кушодашавии дили шахс шавад. Ба ягон кас некӣ кунед, ва барои сӯҳбати рӯҳонӣ фурсати қулай пайдо мешавад. Як зани масеҳӣ шунид, ки зане бемор аст. Вай ба хонаи зани бемор рафта, барояш як пиёла қаҳва тайёр кард, косаҳояшро тоза кард, дасту рӯи фарзандонашро шуст ва хонаро рӯбучин кард. Сипас якчанд оят аз Навиштаҳои Пок хонда, дар бораи Масеҳ гап зад. Тамоми оила ба Масеҳ бовар карданд. Некии вай тамоми зиддиятро аз байн бурд.

Шахсе ки ҳақиқатан мехоҳад ба воситаи меҳнати зиёд ва худинкоркунӣ бо одамон оиди Масеҳ сӯҳбат кунад, чунин имкониятро ба даст хоҳад овард. Бисёр модарон аз он сабаб ба маҷлисҳои башоратӣ рафта наметавонанд, ки кӯдакони хурд доранд. Шумо метавонед ёрдами худро ба вай пешниҳод кунед, то вай имконияти дар маҷлис иштирок карданро пайдо намояд. Бисёр модарон бо ин воситаҳо ба Наҷоткор бовар карданд.

**5. Муносибат ба воситаи изҳороти зерин: "Лутфан, ба ман ёрӣ диҳед"**

Аз шахс хоҳиш кунед, ки бароятон коре кунад. Ба аксари одамон маъқул аст, агар аз онҳо ёрдам пурсанд. Масеҳ худаш ҳангоми назди чоҳ бо зан сӯҳбат кардан аз ин усул истифода бурд. Ҳангоме ягон кас ба шумо некӣ кунад, шумо метавонед дар ивази некиаш ба вай низ некӣ кунед, ва оиди Шахсе нақл кунед, ки ҷони шуморо наҷот дода, ба ин восита ба шумо некии бузургтарин кардааст.

**6. Муносибат ба воситаи адабиёт**

Шояд, барои оғоз кардани сӯҳбат ин роҳи аз ҳама осон аст. Китобчаро бояд меҳрубонона ва боадабона пешкаш намуд. Ин яхи дилро шикаста, роҳро барои сӯҳбати шахсӣ мекушояд. Ман шахсеро мешиносам, ки китобчаҳои башоратиро *қарз медод.* Ҳангоме вай китобчаҳояшро бозхост мекунад, аз хонанда мепурсад, ки назари вай ба мазмуни ин китобча чӣ гуна аст. Вай ба осонӣ метавонист ин китобчаро тӯҳфа намуда, дигар онро талаб накунад, аммо вай қасдан онро қарз медиҳад, то барои сӯҳбати минбаъда имкон дошта бошад. Хуб мебуд, агар шумо доимо дар бар якчанд китоби хуби башоратие медоштед, ки мазмунашон ба шумо маълум бошад, зеро мазмуни китобро дониста, шумо ба шахс китоби ба вай зарурро пешниҳод карда метавонед. Китобчаҳо бояд мувофиқ, хуб навишташуда, ҷолиби диққат, осонбаён ва тоза

бошанд. Китобчаҳои гӯшаҳои саҳифаҳошон қатшуда ва чиркинро пешкаш накунед.

## 7. Муносибати баъди ҷамъомад

Ба касони бегона низ, ки дар ҷамъомадҳо иштирок мекунанд, таваҷҷӯҳ намоед. Ба чунин касон бо саломи гарм наздик шавед. Чунин як баёнот монанди “Ин паёми инҷилӣ хеле хуб буд!” метавонад барои шурӯъ кардани сӯҳбат заминаи хуб бошад. Эҳтиёт бошед, ки сӯҳбат маҷбурӣ набошад. Агар шахс ягон шавқ зоҳир накунад, вайро бори дигар ба ҷамъомад даъват кунед, ва гӯед, ки дар ҷамъомад иштирок кардани вай боиси хурсандии шумост. Бисёр бегонагон барои он доимо аз омадан ба ҷамъомади муждарасонӣ метарсанд, ки шахсони беҳад диндор бо суханони худ онҳоро ҷонбезор мекунанд. Ана дар ин ҷо адаби гуфтор зарур аст.

# ДУ МИСОЛ АЗ НАВИШТАҲО

## 1. Исои Масеҳ

Боби 4-уми Юҳанноро хонда, ба он диққат диҳед, ки Худованд бо зане ки назди чоҳ истода буд, чӣ тавр рафтор кард. Исо барои дидани вай ба роҳ равон шуд (ояти 4). Ӯ бо расмиятпарастӣ маҳдуд набуд (ояти 9). Ӯ эҳтиёткорона амал кард; Ӯ бомдодро интихоб кард (ояти 6, муқоиса кунед бо 1Тас. 5:22). Ӯ барои дидани ин зан дучори нороҳатӣ шуд (ояти 6). Ӯ боадаб буд. Ӯ то замоне ки онҳо танҳо монданд, интизор шуд (ояти 8); Ӯ сарзаниш накард ё дашном надод; Ӯ лутф талабид (ояти 7); Ӯ ба воситаи маҷози оддӣ ҳақиқати рӯҳониро таълим дод (ояти 10); Ӯ аз аҳволи хонадонаш пурсон шуд (ояти 16); ҳангоме зан масъалаи диниро бардошт, Ӯ мавзӯъро дигар накард (ояти 19,20); Ӯ масъалаҳоеро, ки зан оиди фарқи ҷинс (ояти 9), нажод (ояти 9), ва дин (ояти 20) ба миён гузошт, сарфи назар накард. Ӯ Худро чун Масеҳ ошкор намуд (ояти 26). Барои он ки шахс Масеҳро шиносад, бо вай

тавре рафтор кардан лозим аст, ки Масеҳ бо зани сомарӣ рафтор кард.

## 2. Филиппуси башоратдиҳанда

Аъмол 8:26-30-ро хонда, бинед, ки чӣ тавр Филиппус бо ҳабашӣ рафтор намуд. Аввал вай наздик омад (ояти 29). Вай шахси одамгурез ва нозпарвард набуд. Вай аз мақоми худ фахр намекард, ва бо ягон кас сӯҳбат карданро барои худ паст ҳисоб намекард. Вай дар иҷрои хости Худо зудамал буд. Вай давид. Вай вақти худро беҳуда сарф намекард. Вай пурра аз фурсати ба даст омада истифода мебурд. Вай ҳабаширо пурсупос кард. Вай бо сухани расмӣ сар накард. Филиппус ба воситаи саволҳои оқилона аз он чи ҳабашӣ медонист ва аз ҳолати рӯҳонии вай хабардор шуд. Вай бо ӯ нишаст. Вай худро ба ҷои ӯ гузошт. Ин намунаи беҳтарини рафтори боадабона аст. Ҳангоме вай ба ҳабашӣ дар бораи Исо мавъиза мекард, аз Навиштаҳо истифода мебурд. Вай имкон дод, ки Сухани Худо дида шавад, хонда шавад ва ба кор бурда шавад. Вай ӯро назди Масеҳ овард. Лаҳзае фаро расид, ки хоҷасаро ҳақиқатро дида, ба он сари таъзим фурӯд овард, ва ба Масеҳ бовар карда, Ӯро чун Худованди худ эътироф намуд. Ҳоҷасаро роҳи худро давом дод (ояти 39). Баъд аз вохӯрдан бо Филиппус хоҷасаро дар даст Сухани Худоро дошт, ба дилаш Рӯҳ даромад, Масеҳ Наҷоткори вай гардид ва ҷонаш пур аз шодии наҷот шуд.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем.
**2Қӯр. 5:21**

Вале ба ман гуфт: “Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад”. Ба ин сабаб ман бо

рағбати бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад.

**2Қӯр. 12:9**

Лекин, чун донистем, ки одамизод на бо аъмоли шариат сафед мешавад, балки фақат бо имон ба Исои Масеҳ, – мо ҳам ба Исои Масеҳ имон овардем, то ки бо имон ба Масеҳ сафед шавем, на ин ки бо аъмоли шариат; зеро ки бо аъмоли шариат ҳеҷ ҷисме сафед нахоҳад шуд”.

**Ғал. 2:16**

Лекин тамоми аҳли аъмоли шариат зери дасти лаънат мебошанд; зеро ки навишта шудааст: “Малъун аст ҳар касе ки ҳар чизи дар китоби шариат навишташударо доимо ба ҷо намеоварад.

**Ғал. 3:10**

Масеҳ моро аз лаънати шариат фидия дода гирифта, барои мо лаънат гардид, – зеро ки навишта шудааст: “Малъун аст ҳар касе ки ба дор овехта шудааст”.

**Ғал. 3:13**

Фирефта нашавед: Худо намегузорад, ки Ӯро тамасхур кунанд. Зеро ки он чи одамизод мекорад, ҳамонро хоҳад даравид.

**Ғал. 6:7**

Дар Ӯ мо бо Хуни Ӯ фидияе ва омурзиши гуноҳҳоро бар ҳасби сарвати файзи Ӯ пайдо кардаем.

**Эфс. 1:7**

Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад.

**Эфс. 2:8,9**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 8 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 9

## БЕПАРВО ВА ФИРЕБХӮРДА

Бори дигар таъкид кардан мехоҳем, ки дар кори башорати фардӣ ягон қоидаи муайяне вуҷуд надорад, ки мо онро риоя карда тавонем, зеро ду одами айнан ба якдигар монанд ёфт намешавад. Валекин мо метавонем маслиҳати фоиданок диҳем. Фаҳмидани хислати шахс доимо душвор аст. Ягона роҳи фаҳмидан таҷриба аст. Дар амал кӯшиш намоед, то хислати шахсро фаҳмед. Таҷриба комил мекунад. Танҳо ба воситаи таҷрибаи доимӣ коршинос шудан мумкин аст. Баъзе мавридҳо муносибати махсусро талаб мекунанд (Мат. 17:21). Дар ин дарс мо мебинем, ки бо шахсиятҳои дар дарси шашум тасвирёфта чӣ тавр бояд муносибат кард.

### БЕПАРВО

Баъзан бепарвоӣ танҳо ниқоб барои пинҳон кардани ғами дарунӣ мебошад. Табассуми шубҳанок аксар вақт барои пинҳон кардани дили дарднок истифода мешавад. Тарзи муносибат бо ин гурӯҳ, яъне бо гурӯҳи шахсони бепарво, ҳафт ҷиҳати зерин дорад:

**1. Бедор кардани ҳисси эҳтиёҷ**

Барои он ки шахс ба гуноҳи худ иқрор шавад, шумо набояд бо вай баҳсу мунозира кунед. Ба ҷои ин шумо бояд ба кори Рӯҳ такя намуда, оятҳои мувофиқи Навиштаҳоро нишон диҳед. Мо аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонем. Танҳо Худо инро карда метавонад ва Ӯ инро махсусан ба воситаи Сухани Худ ба амал меоварад. Бинобар ин мо бояд Сухани Худоро дуруст ба кор барем.

Ба гуноҳкор будани тамоми одамизод ишорат намоед (Рум. 3:10-19,23). Аз шахс пурсед, ки ба фикри вай баёнотҳои зерин чӣ маъно доранд: “Касе одил нест, як нафар ҳам нест”; ё

“Ҳеҷ тафовуте нест”; ё зери калимаи “ҳама” чӣ дар назар дошта шудааст. Ба шахс фаҳмонед, ки меъёри Худо камолоти мутлақ аст, ва талаботи одилонаи Ӯ дар шариати Ӯ нишон дода шудаанд (Луқ. 10:25-28). Аз вай пурсед, ки оё вай ин шариатро пурра риоя кардааст. Доктор Торрей ба як шахси росткор боре гуфта буд, ки вай гуноҳи бузургтаринро содир кардааст, зеро ҳукми бузургтаринро шикастааст (Мат. 22:36-40). Иш. 53:6; Марқ. 7:21-23; Юҳ. 8:24;3:36-ро истифода баред. Аммо ҳамаи ин оятҳоро ба кор набаред. Оятҳоеро интихоб кунед, ки ба фикратон, ба ҳолати мавҷуда мувофиқанд.

Ба воқеӣ будани марг ва доварии баъди он меомада ишорат намоед (Ибр. 9:27; Рум. 1:18; 6:23; 8:7,8; Аъм. 17:31; Юҳ. 3:36; Ваҳй 20:11-15). Ҳам софдил бошед, ҳам меҳрубон. Ҷарроҳон одатан ба беморони худ пеш аз ҷарроҳӣ чунин мегӯянд: “Аввал ба захм нағзакак назар андоз, сипас ба ман нигар, то даме ки ман корро ба анҷом расонам”. Ба шахс имкон диҳед, ки нағзакак ба гуноҳи худ назар андозад, ва сипас диққати вайро ба Масеҳ ҷалб намоед. Вай ҳатман ба ин розӣ хоҳад шуд!

Хатари бепарвоӣ нисбати наҷот ё инкор кардани онро таъкид кунед (Ибр. 2:3; 10:28,29; Юҳ. 3:17,18; Мас. 27:1; 19:1).

## 2. Ба Масеҳ ишорат кунед

Ҳангоме шумо ба шахс эҳтиёҷи ҳақиқиашро нишон додед, диққати вайро ба қурбонии ивазкунандаи Масеҳ равона карда, росткории Худоро дар наҷоти гуноҳкорон нишон диҳед (1Пет. 2:24; 2Қӯр. 5:21; Иш. 53:5,6; Юҳ. 3:16; Рум. 3:24-26).

## 3. Маънои бовар карданро фаҳмонед

Худо барои фаҳмондани ибораи “бовар кардан” ибораҳои зиёдро истифода мебарад:

а. *Руҷӯъ намудан (нигаристан)* (Иш. 45:22). Кӯдак бо боварии комил ба волидони худ менигарад, ки онҳо ба вай

тамоми чизҳои зарурииро медиҳанд. Одам ба дӯсти худ, ки ваъдаи адои қарзи ӯро додааст, менигарад. Фикри асосӣ Ҷолҷолторо намоён сохтан, ё фикран онро тасаввур кардан нест. Фикри асосӣ ба Масеҳ ва кори Ӯ бовар кардан аст.

б. *Толиб будан (ҷӯё будан)* (Иш. 55:6). Ин ҷо аз шахс талаб карда мешавад, ки вай ҳақиқатан хоҳиши шинохтани Худоро нишон диҳад.

в. *Хондан (ҷеғ задан)* (Рум. 10:13). Кӯдак падару модари худро чеғ мезанад. Одами ғарқшудаистода барои наҷот чеғ мезанад. Чаро вай чеғ мезанад? Зеро вай худро наҷот дода наметавонад ва бояд ба каси дигар такя намояд.

г. *Омадан* (Мат. 11:28-30); Ибр. 7:25; Луқ. 14:17). Ин ҳаракати дилро сӯи Масеҳ тасвир мекунад. Боз, амали ирода зикр мешавад. Кӯдак аз он сабаб сӯи ду дасти кушоди модараш медавад, ки даъват шудааст. Барои ҳамин ин ҷавоби иродаи вай аст.

д. *Чашидан.* Ин маънои истеъмол кардан ё аз они худ карданро дорад (Заб. 33:9). То даме ки хӯрокро начашӣ ё нахӯрӣ, он ҳеҷ арзише надорад.

е. *Гирифтан* (Ваҳй. 22:17). Ин ҷиҳати бовар карданро ба воситаи тӯи арӯсӣ тасвир намоед. "Оё ту ин занро (ин мардро) мегирӣ?" Ҷавоби мусбат, яъне "Ҳа, мегирам" ҳар ду ҷонибро дар никоҳ пайваст мекунад. Ҳам мард ва ҳам зан розӣ ҳастанд, ки бо хоҳиши худ якдигарро гиранд. Ба шахс фаҳмонед, ки Масеҳ вайро "гирифтан" мехоҳад, ва пурсед, ки "Оё *вай* Ӯро "мегирад?"

ж. *Мувофиқат намудан* (Айюб 22:21). Ин маънои шинохтанро дорад. Мо бо одамон ба воситаи он шинос

мешавем, ки худро ба якдигар шинос мекунонем. Кӯшиш кунед, ки шахси пурсандаро бо Масеҳ шинос кунонед.

з. *Қабул кардан* (Юҳ.1:12). Ҳатто одами бедаст тӯҳфаро қабул карда метавонад. Аммо чӣ тавр? Ба воситаи шукр гуфтан. Одами бедаст ба тӯҳфа даст расондан натавонад ҳам, вай онро дар дили худ қабул кардааст.

и. *Итоат кардан* (Яъқ. 4:7). Ин маънои онро дорад, ки як шахс ба қудрати шахси дигар таслим мешавад. Масеҳ аз гуноҳкор таслими бечуну чароро талаб мекунад.

к. *Бовар карда супурдан* (2Тим. 1:12; Заб. 36:5). Бемор ба духтур бовар карда, худро барои ҷарроҳӣ месупорад. Вай худро бегуфтугӯ ба дасти духтур месупорад.

л. *Имон овардан (бовар кардан)* (Аъм. 16:30,31). Бовар кардан ҳақиқӣ шумурдани сухан, шахсият ё кори каси дигар аст. Фаромӯш накунед, ки маҳз *Сарчашмаи* боварӣ (Масеҳ) наҷот медиҳад, на худи *боварӣ.* Бисёриҳо аз боиси он пешпо хӯрдаанд, ки бештар на бо фикр дар бораи *Масеҳ,* балки бо фикр дар бораи *бовар кардан* машғуланд. Ишорат на ба “бовар кардан”, балки ба “Худованд Исои Масеҳ” карда мешавад. Инро бо мисоли зерин тасвир кардан мумкин аст: Болои шаршараи Ниагара таноб гузаронданд. Блонден ном дорбози машҳур мардеро дар ароба андохта, бар таноб қадам зад, ва аз як тарафи шаршараи Ниагара ба тарафи дигари он бо муваффақият расид. Сипас дорбоз назди писарбачае омада пурсид: “Оё ту бовар мекунӣ, ки ман туро аз болои шаршара ба воситаи ин таноб гузаронда метавонам?”, “Ҳа”, – зуд ҷавоб дод писарак. “Хуб, пас ба аробаи ман даро, ва ман туро аз болои дарё мегузаронам”, – гуфт дорбоз, аммо бача розӣ нашуд, ва ба ин восита нишон дод, ки вай ҳақиқатан бовар накард, балки фикран розӣ шуду халос.

м. *Таваккал кардан* (Иш.12:2). Ин сухани дӯстдошта ва пурмаъност. Инсон ба бонк таваккал карда, ба он пулашро месупорад, ва ба курсӣ таваккал карда, бар он менишинад; кӯдак таваккал карда, худро бар оғӯши падари худ мепартояд.

### 4. Худованд будани Масеҳро фаҳмонед

Ин маънои онро дорад, ки Ӯ минбаъд ҳаётро пурра идора мекунад (Рум. 10:9,10; 2Қӯр. 5:15). Масеҳ Хоҷаи тамоми он чи ин шахс ҳаст ва он чи дорад, мешавад.

### 5. Фаҳмед, ки оё шахс аниқ Масеҳро чун Наҷоткор ва Худованди худ қабул кардааст

Аниқ кунед, ки оё шахс ҳақиқатан эҳтиёҷи худро дида, роҳи наҷотро дарк кардааст. Аз вай пурсед: “Азбаски ту мегӯӣ, ки гуноҳкор будани худро дарк кардаӣ, ва фаҳмидӣ, ки Масеҳ барои наҷоти ту тамоми кори заруриро ба ҷо овардааст, пас ба фикрат, акнун чӣ бояд кунӣ?” Агар дар ҷавоб вай гӯяд: “Ман бояд Ӯро чун Наҷоткори худ қабул кунам”, пас ба вай маслиҳат диҳед, ки ба зону нишаста, бо овози бурро, дар шоҳидии шумо ба Масеҳ инро гӯяд. Чун вай инро ба ҷо оварад, ба Худо барои ин шахс, ки ба Наҷоткор бовар кард, шукргузорӣ намоед.

### 6. Ба шахс нишон диҳед, ки чӣ тавр аз наҷот ёфтани худ бояд дилпур буд

Ба вай фаҳмонед, ки асоси дилпурӣ дар наҷот бояд на ҳиссиёт, балки Сухани Худо бошад (Юҳ. 1:12; 5:24; 6:47; 10:9; 1Юҳ. 5:13; Рум. 10:9,10). Якчандтои ин оятҳоро дар варақи алоҳида нависед, то вай ба онҳо муроҷиат карда тавонад. Ба вай гӯед, ки ҳар рӯз Сухани Худоро хонад, ва омӯзиши Инҷили Юҳанноро бо вай сар кунед. Ҳамчунин вайро ба дуогӯӣ ва ситоиши Худо ташвиқ намоед.

### 7. Ӯро бовар кунонед, ки Масеҳро эътироф кунад

Ҳангоме шахс ба дигарон ошкоро мегӯяд, ки ба Масеҳ бовар кардааст, вай бояд аз тарзи ҳаёти пештараи худ даст кашида, ба дигарон нишон диҳад, ки вай дигаргун шудааст. Минбаъд вайро бовар кунонед, ки танҳо барои Масеҳ зиндагӣ карда, ба Ӯ содиқона хизмат намояд.

Ҳатмӣ нест, ки ҳар як сӯҳбат ин ҳафт қадамро дар бар гирад. Ман касонеро мешиносам, ки ба маҷлиси башоратӣ рафта, нисбати чизҳои ҷовидон тамоман бепарво буданд, аммо дар давоми як соат ба гуноҳи худ иқрор шуда, пурра наҷот меёфтанд. Ман касонеро мешиносам, ки садҳо бор ба маҷлисҳои муждарасонӣ меомаданд, то даме ки ниҳоят ба Масеҳ бовар карданд. Кори Рӯҳ ҳақиқатан пурасрор аст, ва мо наметавонем пеш аз он ки Ӯ дар гуноҳкор Сухани Худоро ба кор барад, амал намоем. Пеш аз он ки бо шахси пурсанда дарси дуюмро гузаронед, аниқ кунед, ки оё вай дарси *якумро* фаҳмидааст; зеро ҳар дарс бар дарси пештара асос ёфта, аз рӯи пайдарпайии мантиқӣ тартиб дода шудааст.

## ФИРЕБХӮРДА

Ҳазорон касоне ҳастанд, ки ақидаи худро дуруст мешуморанд, дар ҳоле ки фиреб хӯрдаанд. Онҳоро дар ин роҳи хатояшон муаллимони дурӯғин ва китобчаҳои моҳирона навишташуда рӯҳбаланд мекунанд. Дар бисёр мавридҳо ин фиребхӯрдагон дар кори фардӣ бо масеҳиён фаъолтаранд, назар ба ин ки масеҳиён бо онҳо! Пеш аз он ки мо ягонто аз ин фирқаҳои дурӯғинро зикр намоем, хуб мебуд, агар ҳангоми бо онҳо сару кор доштан якчанд қоидаи умумиро дар хотир нигоҳ медоштем.

### 1. Бо бовари шахси фиребхӯрда шинос шавед

Ба забони тоҷикӣ адабиёт оиди боварҳои дурӯғин нашр шудааст. Ин китобҳоро хонда, шумо айнан мефаҳмед, ки фирқаҳои дурӯғин чӣ гуна таълимот доранд. То даме ки ин

китобҳоро нахонед, дар торикӣ кор хоҳед кард. Пешакӣ огоҳ шудан пешакӣ мусаллаҳ шудан аст.

**2. Фаромӯш накунед, ки вай ба дурустии ақидаи худ сидқан бовар мекунад**

Аксар вақт фиребхӯрда ба ҷанҷол майли сахт дошта, барои ҷанг бо душмани худ комилан тайёр аст, ва кӯшиш мекунад, ки муждабарро пайрави мазҳаби худ созад.

**3. Беҳуда фиребхӯрдагонро ба хашм наоваред**

Душманӣ ба фиребхӯрдагон ҳеҷ фоидае намеоварад. Маҳз дар ин ҷо рафтори боадабона зарур аст.

**4. Баҳсу мунозира накунед**

Васвасаи он ҳаст, ки шумо бо дониш ва маҳорати худ бо фиребхӯрда қувваозмоӣ мекунед. Ин вазъиятро тезу тунд мекунад, ва дар навбати худ ба шумо халал мерасонад, ки ба мақсадҳои гузоштаи худ расед (Эфс. 6:17; Ибр. 4:12,13). Шояд шумо дар баҳс ғолиб меоед, аммо шахсеро ки метавонист наҷот ёбад, аз даст медиҳед.

**5. Боадаб бошед**

Ҳангоми сӯҳбат аз рафтори дағалона худдорӣ намоед (1Қӯр. 13:4,5; 2Тим. 2:24-26).

**6. Дилсӯз бошед**

Худро ба ҷои шахси фиребхӯрда гузоред. Ҳолати вайро тасаввур кунед. Шояд вай дар муҳити таълимоти дурӯғин ба воя расидааст. Таълимоти гумроҳкунанда, чунон ки мо пештар қайд намудем, ба гирифторони худ таъсири сахт дорад.

## 7. Пурсабр бошед

На рӯҳафтода шавед, на хашмгин. Заминро чуқуртар шудгор кунед, ва вақти зиёдро сарф намоед, то корро пурра ба анҷом расонед.

## 8. Аз масъалаҳои дуюмдараҷа худдорӣ намоед

Дар бораи масъалаи муҳим сӯҳбат кунед, ва бо муҳокима оиди он ки як сохти махсуси динӣ аз сохти динии дигар бартарӣ дорад, машғул нашавед. Диққати вайро пеш аз ҳама на ба шахсони барҷастаи динӣ, балки ба Шахсияти Масеҳ равона созед.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН:

“Хуллас, эй бародарон, ҳар он чи рост аст, ва ҳалол аст, ва боинсоф аст, ва пок аст, ва хушоянд аст, ва шоёни таҳсин аст, ва ҳар эҳсон ва ҳамде ки бошад, – дар бораи онҳо фикр кунед”.

**Фил. 4:8**

“Ки дар Ӯ мо фидияе ба воситаи Хуни Ӯ ва омурзиши гуноҳҳо пайдо кардаем”.

**Қӯл. 1:14**

“Бигзор каломи Масеҳ андаруни шумо ба фаровонӣ сокин шавад, ва якдигарро бо таронаҳои Забур, мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ таълим диҳед ва насиҳат кунед, ва бо файз дар дилҳои худ барои Худованд сароед”.

**Қӯл. 3:16**

“Ба ин сабаб мо низ пайваста Худоро шукргузорӣ мекунем, ки чун шумо каломи Худоро аз мо шунида қабул кардед, онро на ҳамчун каломи одамизод қабул кардед, балки

ҳамчун каломи Худо, ки он дар ҳақиқат чунин аст ва он дар шумо, имондорон, амал мекунад”.

**1Тасл. 2:13**

“Ин сухан дуруст аст ва сазовори қабули куллӣ, ки Исои Масеҳ ба дунё омад, то гуноҳкоронро наҷот диҳад, ва ман бадтарини онҳо ҳастам”.

**1Тим. 1:15**

“Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст”.

**2Тим. 3:16**

“Онҳо мегӯянд, ки Худоро мешиносанд, лекин бо аъмолашон Ӯро инкор менамоянд, дар ҳолате ки зишткор ва беитоат буда, ба ҳеҷ амали нек қобил нестанд”.

**Тит. 1:16**

“Аммо дар бораи Писараш гуфта шудааст: “Тахти Ту, эй Худо, то абад аст, ва асои садоқат асои салтанати Туст”. **Ибр. 1:8**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 9 ҷавоб диҳед.*

**Дарси 10**

## МУНОСИБАТ БО ГУМРОҲӢ ВА “КАЛИСОГАРОӢ”

### Фирқаҳо ва равияҳои динӣ

## ШОҲИДОНИ ЯҲУВА

Ин равияи динӣ Худо будани Масеҳро инкор карда, Ӯро танҳо инсон ҳисоб мекунад. Ин равия арзиши амалеро, ки Масеҳ барои пӯшондани гуноҳ ба ҷо овард, воқеияти дубора зинда шудани Ӯро ва ҷовидона ҷазо дидани касонеро, ки

Масеҳро қабул намекунанд, инкор мекунад. Мувофиқи таълимоти онҳо барои наҷотнаёфтагон дар оянда мӯҳлати озмоишӣ дода мешавад. Барои нишон додани хатои ин таълимот китобҳои зиёд навишта шудаанд, ва хуб мебуд агар донишҷӯ онҳоро ёфта, мехонд. Ҳангоме шумо бо чунин касон рӯ ба рӯ мешавед, чизҳои зеринро нишон диҳед.

### 1. Илоҳияти ҷудоинопазир ва ҷовидонии Масеҳ

Иш. 9:6; Мик. 5:2; Мат. 1:23; Юҳ. 1:1-3; Қӯл. 1:13-18; Рум. 9:5; 1Тим. 3:16; Ибр. 1:7-10-ро хонед.

### 2. Арзиши ҷовидонии қурбонии ивазкунандаи Ӯ

Ибр. 9:26; 1Пет. 2:24; Иш. 53:5,6-ро хонед.

### 3. Аз нав зинда шудани воқеии ҷисмонии Масеҳ

Юҳ. 2:19-22; Луқ. 24:39-ро хонед.

### 4. Ҷазои ҷовидонии инкоркунандагони Масеҳ

Луқ. 16:19-31; Юҳ. 5:28,29; Ваҳй 20:11-15; 22:11; Мат. 26:46; 2Тасл. 1:9-ро хонед. “Ҳалокат” маънои нобудшавиро надорад (Ҳуш. 13:9). Ҳамон як калимаи “ҷовидонӣ” барои ифодаи мавҷудияти Худо, ва барои ифодаи давомнокии ҷазо истифода мешавад.

## АДВЕНТИСТОНИ РӮЗИ ҲАФТУМ

Ин гурӯҳ дар хусуси қурбонии ивазкунандаи Масеҳ, табиати бегуноҳи Ӯ, муносибати бовардор ба шариати Мусо, ва ҳолати мобайнии мурдагон тасаввуроти барғалат дошта, “ҷони хобида” ном таълимотро (ақидаи бардурӯғ оиди он ки шахс аз лаҳзаи мурдан то эҳёи ҷисмонӣ беҳушу бехабар мемонад) таълим медиҳанд. Пайравони ин фирқа моҳирона

кӯшиш мекунанд, то аз ақидаҳои дурӯғини худ, ки дуруст метобанд, фоида баранд.

Чун дар мавриди Шоҳидони Яҳува, Шумо бояд бо назарияҳои бардурӯғи онҳо шинос бошед ва ҷойҳои дӯстдоштаи онҳоро аз Китоби Муқаддас, ки барои исботи нуқтаи назари худ истифода мебаранд, донед. Шумо метавонед аз китобҳое ки оиди фирқаҳои фиребдиҳанда ба забони тоҷикӣ нашр шудаанд, истифода баред.

Ба мавзӯъҳои зерин бояд аҳамияти махсус дод.

**1. Бовардор барои шариат мурда аст**

Масеҳ барои бовардор мурда, шариатро ба ҷо овардааст (Рум. 7:1-4; 10:3-9).

**2. Давраи шариат ба поён расид**

Масеҳ ин давраро ба поён расонд (2Қӯр. 3:6-11).

**3. Бовардор дигар зери итоати шариат нест**

Чун қоидаи ҳаёт маҳз файз масеҳиро идора мекунад, на шариат (Ғал. 2:16-3:13). Нома ба ғалотиён ба равияи Адвентистони Рӯзи Ҳафтум зарбаи ҳалокатовар мерасонад.

**4. Рӯзи Шанбе аломат миёни Исроил ва Худо буд**

Хур. 31:13-17-ро хонед. Нигоҳ доштани "рӯзҳо" ҳукми масеҳӣ нест (Қӯл. 2:16). Тамоми даҳ аҳком, *ба ҷуз* ҳукми чорум, дар Паймони Навин дубора тасдиқ мешаванд!

**5. Дар Навиштаҳо оиди "ҷони хобида" чизе гуфта нашудааст**

Ба онҳо 2Қӯр. 5:1-8 ва Фил. 1:20-23-ро нишон диҳед. Онҳо аз китоби Воиз иқтибос меоваранд, аммо ин китоб ҳама чизро аз нуқтаи назари табиӣ дида мебарояд. Нуқтаи назари он шахси "дар таҳти офтоб" аст (Воиз 9:5-10). Мазмуни матн

танҳо ба бадан дахл дорад, на ба ҷон. Он ҳақиқат, ки рӯҳ бо бадан “хоб” намеравад аз 1Қӯр. 5:5; Луқ. 23:43-46; Аъм. 7:59; Мат. 10:28 маълум аст.

## ИЛМИ МАСЕҲӢ

Ин равия, ки на масеҳӣ асту на илмӣ, ба ҳазорон одамон таъсири калон дорад, аз ҷумла ба шахсони сарватманд. Он қариб тамоми асосҳои масеҳиятро рад мекунад, мавҷудияти материяро инкор мекунад ва бешубҳа ғайриилмӣ аст. Он “фалсафаи нестӣ” аст. Он чор тасдиқоти асосӣ дорад – Худо ҳама чиз дар ҳама чиз аст; Худо некӣ аст; некӣ ақл аст; ҳама чиз Рӯҳ аст.

Бо ин гуна одамон сӯҳбат кардан душвор аст. Онҳо мегӯянд, ки Худо, Масеҳ ва Рӯҳи Пок танҳо принсипҳоянд на Шахсиятҳо. Онҳо таълим медиҳанд, ки гуноҳ ғайривоқеӣ буда, иблис вуҷуд надорад, бемориву марг бошад танҳо хатоҳои ақли миранда аст.

Онҳо ба илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаҳо боварӣ доранд, ва дар айни замон даъво мекунанд, ки *Илм ва Саломатӣ* ном китоби Мэри Бэйкер Эддӣ низ илҳоми илоҳӣ дорад. Кӯшиш кунед аз Навиштаҳо он оятҳоеро нишон диҳед, ки айнан ба шахсони бепарво ё беаҳамият нишон медодед.

## СПИРИТИСТҲО

Спиритизм Шахсияти Худо, Илоҳияти Масеҳ, Шахсият ва кори Рӯҳ, арзиши кори Масеҳ дар салиб ва ҷазои ояндаро инкор мекунад. Мувофиқи таълимоти он мурдагон метавонанд ба воситаи миёнарав бо зиндаҳо робита дошта бошанд. Ин чизи нав нест. Ин равияи динӣ камаш 4000 сол боз мавҷуд аст (Так. Шар. 18:9-13). Худо онро *ба таври қатъӣ манъ кардааст* (Хур. 22:18; Иб. 19:26-31; Так. Шар. 18:9; Иш. 8:19). Аз нав ба вуҷуд омадани он яке аз нишонаҳои замонҳои охир

аст (1Тим. 4:1,2). Новобаста ба он ҳақиқат, ки дар сеансҳои спиритистҳо бисёр макру ҳила ҳаст, бешубҳа хабарҳо аз ҷаҳони рӯҳӣ меоянд. Валекин ин на паёми мурдагон, балки хабарҳои девҳо мебошанд, ки шакли инсонро мегиранд. Дар Навиштаҳои Пок равшан гуфта шудааст, ки рӯҳҳо аз бадан ҷудо шуда, дигар бо замин алоқа надоранд (Луқ. 16:19-31). Софдилона оиди ин гумроҳӣ огоҳ намоед, зеро касоне ки ба ин кор машғуланд, гирифтори лаънати Худо мешаванд (1Вақ. 10:13; 4Подш. 21:2-12). Кӯшиш намоед ба чунин касон гуноҳашонро нишон диҳед, то онҳо тавба карда, сӯи Худованд рӯ оваранд.

## МОРМОНИЗМ

Ду гурӯҳи мормонҳо ҳастанд – Калисои Покони Охирзамон, ки идораашон дар Солт Лэйк Ситӣ, штати Юта, ва Калисои Азнавташкилшуда, ки идорааш дар Индепенденс, штати Миссурӣ аст. Аксари мормонҳое ки шумо бо онҳо вомехӯред, ба яке аз ин ду гурӯҳ дохил мешаванд. Шумораи пайравони ин фирқа зуд зиёд мешавад. Миссионерҳои фаъоли ин фирқа асосан хушсарулибос ва боақл мебошанд, ва ду соли ҳаёти худро ба кори миссионерӣ мебахшанд. Дини онҳо ба корҳои нек диққати бештар медиҳад. Фаъолиятҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва динии онҳо хуб ташкил ёфтаанд ва дар калисо марказонида шудаанд. Мормонизм қувваест, ки онро бояд ба назар гирифт.

Ба аксари мормонҳо таърихи шубҳаноки калисои онҳоро таълим додаанд. Ин фирқа аз ҷониби Ҷозеф Смит ном шахси танбал ва бекора, ки аз афташ сайёди сарват буд, бунёд шудааст. Мувофиқи гуфтаҳои вай, соли 1823 Моронӣ ном фариштае дар ҷойгаҳ ба вай зоҳир шуда, аз Худо ваҳйи нав овард. Вай дертар ба Смит ҷои якчанд лавҳи пинҳонкардашудаи тиллогинро, ки дар он паём ба забони “мисрии ислоҳшуда” (забони номавҷуд) навишта шуда буд, нишон дод. Бо ёрии айнаки сеҳромез (ки мувофиқи гуфтаи

Ҷозеф Смит Урим ва Туммим ном доштанд) “пайғамбар” матнро пурра ба забони англисии замони Навиштаҳои Поки тарҷумаи Шоҳ Яъқуб тарҷума кард, ки бисёр хатоҳои грамматикӣ ва таърихӣ дошт. Котибони андешманди мормонӣ кӯшиш намуданд, ки аз ин “тарҷума” ғалатҳои сахтро хат зада, онро барои насли минбаъда дилпазир созанд. Дар натиҷа Китоби Мормон пайдо шуд. Ба он мормонҳо боз ду асари дигарро илова карданд: *Таълимот ва Паймон* ва *Марвориди Қиматбаҳо*. Ҳар сеи ин китобҳо баробари Навиштаҳои Пок дорои ваҳйҳои илоҳӣ шумурда мешаванд.

Мормонҳо мегӯянд, ки дар Навиштаҳои Пок оиди *Китоби Мормон* пешгӯӣ шудааст, ва *Китоби Мормон* Паймони Кӯҳанро тафсир карда, қисми паймони навин бо Исроил мебошад. Аммо Китоби Мормон аз бисёр ҷиҳат бо ваҳйи Навиштаҳои Пок мувофиқат намекунад, ва ҳикояҳои он оиди тамаддунҳои бузурги аз байн рафта бо илми бостоншиносӣ ва инсоншиносӣ (антропология) мухолиф аст. Ҳамчунин аён аст, ки матни Китоби Мормон аз нубувватҳои дурӯғин ва порчаҳои аз нусхаи англисии Навиштаҳои Пок дуздидашуда иборат аст. Ҳозир гумон меравад, ки қисми зиёди Китоби Мормон аз асари Соломон Сполдинг, вазири ба истеъфо рафта, ки дар романҳояш мавзӯъҳои Навиштаҳои Покро истифода мебурд, гирифта шудааст.

Таърихи ибтидоии мормонизм бо он шавқовар аст, ки ба пайдоиши тираи ин равия равшанӣ меандозад. Он таърихи пурҷӯшу хурӯш дорад. Мормонҳо аз боиси таълимоти куфромез ва бадахлоқонаашон, ки яке аз пунктҳои асосии он бисёрзанӣ буд, сахт таъқиб мешуданд. Ҷозеф Смит ниҳоят кушта шуд, аммо пеш аз ин гӯё аз Худо бевосита 132 ваҳйро қабул кард, аз он ҷумла ваҳй оиди муқаррар намудани бисёрзанӣ.

Кори Смитро Брайэм Юнг давом дод. Вай шахси оқил, ҷасур, бераҳм ва яке аз пайравони ашаддии равия ҳисоб мешуд. Маҳз дар зери роҳбарии Брайэм Юнг мормонҳо ба водии калони Солт Лэйк, ки имрӯз дар он штати Юта воқеъ

аст, кӯчиданд. Юнг калисоро зиёда аз сӣ сол сахтгирона роҳбарӣ кард. Ҳар роҳбари минбаъдаи калисои Мормонҳо даъво мекард, ки мероси фиристагиро аз Ҷозеф Смит гирифтааст.

Таълимоти мормонҳо омехтаи хатоҳост. Мормонҳо мегӯянд, ки коҳинии* онҳоро Худо муқаррар кардааст, ва он давоми коҳинии Ҳорун ва Малкисодақ мебошад. Ин коҳинӣ роҳбарони калисо, фиристаҳо, саркоҳинон, пирон ва кормандони идораро дар бар мегирад ва ниҳоят ҳар аъзои наринаи калисо, ки синну солаш аз дувоздаҳ боло мебошад, ин коҳиниро қабул карда метавонад. Дар Ибр. 7 гуфта мешавад, ки ягона Коҳин ба монанди Малкисодақ имрӯз Худованд Исо аст, ва Ӯ коҳинии Ҳорунро бекор кардааст. Илова бар ин, мувофиқи 1Пет. 2:9,10 ва Ваҳй 1:4-6 ҳамаи бовардорон коҳинон мебошанд. Мо коҳинии рӯҳонӣ дорем, ва ба фиребҳои дини оддӣ мӯҳтоҷ нестем.

Таълимоти мормонҳо дар бораи Худо бутпарастона ва бисёрхудоёна мебошанд: Худо одами болобардоршуда аст; олам пур аз худоёни гуногун аст. Ин худоён фарзандони рӯҳӣ доранд, ки баъдтар дар сайёраҳои гуногун бар худ ҷисм мепӯшанд. Худо Худаш дорои ҷисм ва устухон аст. Мувофиқи таълимоти Навиштаи Пок Худо Рӯҳ аст (Юҳ. 4:24). Худои мормонҳо Худои Навиштаҳо нест. Брайэм Юнг таълим медод, ки Исо фарзанди модари миранда ва Падари намирандаву аз нав зиндашудаи ҷалолёфта аст. Ҳамин тавр, мувофиқи таълимоти мормонҳо, Худованд Исо аз “Рӯҳулқудс” пайдо нашудааст, ҳол он ки дар Навиштаи Пок гуфта мешавад, ки Исо дар батни Марям маҳз аз “Рӯҳулқудс” пайдо шудааст (Луқ. 1:35).

Дар таълимоти мормонҳо гуфта мешавад, ки барои наҷот ёфтан кас бояд ба Масеҳи онҳо бовар кунад, ба ақидаҳои динии калисои мормонӣ итоат кунад, корҳои нек ба ҷо оварад ва ҳукмҳои Худоро риоя намояд. Ин таълимот бо Навиштаҳо

---

* Коҳин – роҳбари рӯҳонӣ

мувофиқат намекунад, зеро дар Навиштаҳо гуфта мешавад, ки наҷот “аз аъмол” нест. Дар муқоиса бо Мат. 25:41,46 ва Ваҳй 19:19-21:11 мормонҳо таълим медиҳанд, ки ҳамаи одамон дар охир наҷот хоҳанд ёфт.

**Яҳудиён**

Шумораи зиёди яҳудиёнро роҳнамоӣ кардаанд, то Исоро чун Масеҳ ва Наҷоткори худ қабул кунанд. Барои кори муваффақиятнок бо онҳо хуб донистани Паймони Куҳан муҳим аст. Ҳақиқатҳои муайяне ҳастанд, ки онҳоро бояд ба яҳудиён нишон дод.

**1. Нубувватҳои Паймони Куҳан дар Масеҳ иҷро шудаанд**

Ӯ Масеҳи ваъдашуда, аз насли Иброҳим (Ҳас. 12:2,3), аз насли Яҳудо (Ҳас. 49:10; Мик. 5:2), аз насли Довуд (Иш. 11:1-10; Ирм. 23:5,6) мебошад. Ӯ аз духтари бокира (Иш. 7:14) дар Байт-Лаҳм (Мик. 5:2) ба дунё омадааст. Радшавӣ (Заб. 21; Иш. 53) ва бозгашти Ӯ (Зак. 12:10) пешгӯӣ шудаанд.

**2. Қурбониҳо ва нишонаҳои Паймони Куҳан дар Масеҳ иҷро шудаанд**

Иб. 17.11-ро хонда, бо Ибр. 9:18-28 муқоиса намоед. Нишон диҳед, ки Фисҳ (Песаҳ)* дар Масеҳ иҷро шудааст (Хур. 12; Юҳ. 1:29 ва ғайра). Ҳангоме яҳудиён дар хусуси Ваҳдати Сегона эътироз баён мекунанд, ба онҳо Ҳас. 1:1-ро нишон диҳед. Калимаи “Худо” ин ҷо шумораи ҷамъ дошта, маънои зиёда аз ду касро дорад (Ҳас. 1:26).

**3. Дар бораи хатари рад кардани Масеҳ огоҳ намоед**

Ибр. 10:26-29-ро хонед. Агар шумо бо яҳудиён оиди Масеҳ сӯҳбат кардан хоҳед, махсусан бо мазмуни Нома ба Ибриён ошно шавед.

* Фисҳ(Песаҳ) – ҷашни раҳоӣ аз ҷазои Худо

## АЪЗОЁНИ КАЛИСО

Мо бояд ба мазҳаби католикӣ диққати махсус диҳем, зеро он ба ҷаҳони имрӯза дар давоми чандин садсолаҳо таъсир дошт.

Нури дурахшон ва озодии Инҷили пурҷалоли Масеҳ ҳазорон католикҳои румиро ба худ ҷалб намуд. Фаромӯш накунед, ки калисои католикӣ баъзе ҳақиқатҳои асосиро, ба монанди илоҳияти Масеҳ, аз бокира зода шудани Ӯ, ҳаёти бегуноҳ, мӯъҷизаҳои ҳайратангез, марги ивазунандаи Ӯ, аз мурдагон бархостан ва ба осмон рафтанашро таълим медиҳанд. Ҳамчунин онҳо ба илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаҳо бовар мекунанд. Мо Худоро шукр мекунем, ки онҳо ҳақиқатҳоро дар давоми чандин садсола нигоҳ доштаанд. Мушкилот дар ин аст, ки католикҳо хурофот, бутпарастӣ ва хатоҳои зиёдро бо ҳақиқат чунон омехта кардаанд, ки пайравонашон аз Инҷили наҷотдиҳандаи ҷон бехабаранд.

Ҳангоми сӯҳбат бо католикҳо аз он нусхаи Навиштаҳои Пок, ки барояшон писандида аст, истифода намоед. Кӯшиш накунед, ки ба Калисои католикӣ ҳамла намуда, мазҳаби протестантиро ҳимоя кунед. Дар муқоиса бо протестантҳо, ба католикҳо таърихи дигари калисоро таълим додаанд. Назари онҳо ба Реформатсия (ислоҳот) аз мо чунон фарқ мекунад, ки аз ҳар гуна баҳс оиди ин мавзӯъ худдорӣ намоед. Доимо гуноҳҳои рӯҳониёни католикии румиро ба ёд наоваред. Мақсади шумо на баён кардани ақидаи худ оиди Калисои католикӣ, балки ба Масеҳ ҷалб кардани одам аст.

Ҳангоме шумо бо католикҳо ҳамсӯҳбат мешавед, аксарияти онҳо мегӯянд, ки масеҳӣ ҳастанд. Ба онҳо муқобилат накунед, балки гӯед, ки масеҳӣ аз Сухани Худо аниқ *медонад,* ки гуноҳҳояш бахшида шудаанд; ки вай бо Худо осоиштагӣ дорад; ки вай дорои ҳаёти ҷовидонист; ки вай аз рафтан ба биҳишт дилпур аст. Шояд ба ин восита вай эътироф мекунад, ки дар ҳақиқат ӯ масеҳӣ нест.

Хуллас, Калисои румӣ-католикӣ Миёнарави ягона будани Масеҳро инкор карда, мегӯяд, ки Марям (модари Исо), покон ва рӯҳониён низ миёнарав буда метавонанд. Он дилпуриро ба наҷот, танҳо бо бовар (на бо амалҳо) сафед шуданро инкор мекунад. Он ҳамчунин дар масъалаҳои бовар ягона сарчашмаи эътиборнок будани Навиштаҳоро рад мекунад. Калисои католикӣ чунин меҳисобад, ки навиштаҳои нахустпадарон ва фармоишҳои Папа эътибори баробар доранд.

Камаш панҷ усули хуби оғоз кардани сӯҳбат бо пайравони Калисои румӣ-католикӣ вуҷуд дорад:

## 1. Сӯҳбат оиди дилпурӣ ба наҷот

Гӯед, ки одам дониста метавонад, ки наҷот ёфтааст. Вай дониста метавонад, ки гуноҳҳояш пурра бахшида шудаанд (Аъм. 10:43; 13:38,39; Эфс. 1:7; 1Юҳ. 1:9; Қӯл. 2:13); ки вай *акнун* ҳаёти ҷовидонӣ дорад (1Юҳ. 5:13; Юҳ. 3:16,36; 5:24). Дар номаи 1-уми Юҳанно калимаи "медонем" 36 бор вомехӯрад. На танҳо якчанд нафари имтиёздор, балки ҳама дилпурӣ ба наҷот дошта метавонанд (Юҳ. 1:12; 20:31; 2Тим. 1:12; Ваҳй 22:17).

## 2. Сӯҳбат оиди зодашавии нав

Фаҳмонед, ки кас метавонад диндор бошаду масеҳӣ не. Никӯдимус (Юҳ. 3) хатна шуда буд, ва бовари яҳудӣ дошт, аммо ба ҳар ҳол наҷот наёфта буд. Фаҳмонед, ки аз рӯи Навиштаҳо ғӯтахӯрӣ ва зодашавии дубора ду чизи фарққунанда ҳастанд. Роҳзан ғӯта нахӯрд, лекин наҷот ёфт (Луқ. 23:43); Шимъӯни ҷодугар ғӯта хӯрд, аммо дубора зода нашуд (Аъм. 8:9-24). Фаҳмонед, ки зодашавии дубора кори Рӯҳи Худо дар якҷоягӣ бо Сухани Худост (Юҳ. 3:8); ки Ӯ табиати нав медиҳад (2Пет. 1:4), гуноҳкорони боваркардаро мӯҳр мезанад (Юҳ. 3:14-16; Эфс.1:13), ва ба ин восита махлуқи навро ба вуҷуд меоварад (2Қӯр. 5:17), ки далелаш ҳаёт нав аст (Тит. 2:11,12; Рум. 12:1,2; Яъқ. 1:27; 1Пет. 1:23).

### 3. Сӯҳбат оиди мавҷудияти як Миёнарав

Фаҳмонед, ки ба одамон дастур дода шудааст, то ба воситаи Масеҳ танҳо ба Худо дуо гӯянд (Юҳ. 14:6; 15:16; 16:23,24); ки Масеҳ Миёнарави ягона аст (1Тим. 2:5; Аъм. 4:12; 1Юҳ. 2:1); ки ҳам Петрус, ҳам Павлус ва ҳам Юҳанно нисбати таъзиме ки ба онҳо карда шуд, норозигӣ баён карданд (Аъм. 10:25,26; 14:8-16; Ваҳй 19:10; 22;8,9); ки Марям Масеҳро дар ҷои аввал гузошт (Юҳ.2:5). Ба маслиҳати Марям аҳамият диҳед, ва гуфтаҳояшро ба кор андозед. Фаҳмонед, ки Масеҳ вайро баробари шогирдонаш медонист (Мат. 12:46-50; Луқ. 11:27,28; муқоиса кунед бо Юҳ. 2:4; 19:26,27); ки Марям ба Наҷоткор мӯҳтоҷ буданашро эътироф намуда, ба ҳузури Худо чун гуноҳкор истод (Луқ. 1:46,47; 2:21-24). Баъди Аъм. 1:14 номи вай дигар ҳаргиз зикр нашудааст. Ҳақиқатан, вай “муборак” аст, аммо танҳо ба хотири Ҳамоне ки аз вай зода шуд (Луқ. 1:28-55). Диққат диҳед, ки Марям дар ояти 47 “Наҷотдиҳандаи ман” гуфтааст.

### 4. Сӯҳбат оиди он ки танҳо ба воситаи бовар сафед шудан мумкин аст

Рум. 3:24-28; 4:5; Ғал. 2:16; 3:10-13; Эфс. 2:8-10-ро бо диққат хонед. Фарқи миёни наҷот “бо аъмол” ва наҷот “барои аъмоли нек” ё наҷот “бо нияти аъмоли нек”-ро нишон диҳед.

### 5. Сӯҳбат оиди эътибори Сухани Худо

Католикро ба хондани Сухани Худо ҳавасманд намоед. Он рӯшноӣ хоҳад оварт (Заб. 118:130; Ибр. 4:12,13; Яъқ. 1:18). Агар вай Навиштаи Пок надошта бошад, ба вай якто тӯҳфа намоед, ва маслиҳат диҳед, ки Инҷили Юҳанноро хонад. Бо вай дар робита бошед, бароям дуо гӯед, ва шояд аз он ки вай ба Масеҳ бовар мекунад, хурсанд хоҳед шуд.

## ХИЗМАТГУЗОРӢ БА ЗИНДОНИЁН

Азбаски кори ба Масеҳ ҷалб намудани зиндониён вусъат меёбад, мо барои ин хизматгузорӣ дастуруламалҳои зеринро пешкаш менамоем.

1. Ҳангоме сӯҳбатро сар мекунед, худсарона ё “ҳавобаландона” рафтор накунед

2. Шитоб накунед! Гӯш карданро ёд гиред, ва пеш аз номбар кардани мӯҳтоҷиҳои вай ба суханонаш гӯш андозед. Аксаран онҳо ба он эҳтиёҷ доранд, ки бори тарсҳову ноумедиҳояшонро ба шумо “холӣ кунанд”.

3. Ҳар гуна ваъдаҳои бардурӯғ надиҳед – наҷот зомини озодии ҷисмонии онҳо ё ҳатто амнияти шахсии онҳо ҳангоми дар зиндон буданашон нахоҳад шуд.

4. Масъалаҳои дуюмдараҷаро, чун системаи судӣ, ҳабс, набардоред – беҳтар мебуд, агар шумо диққати зиндониёнро ба ҷавобгарии шахсии онҳо дар пеши Худо ва ба он чи Ӯ дар Писари Худ пешкаш мекунад, равона мекардед.

5. Нишон надиҳед, ки аз табиати ҷинояткоронаи онҳо нафрат доред. Ҳамаи мо метавонем гуноҳ кунем ва агар дар ҳолати онҳо мебудем, шояд мо низ ба худи ҳамин васваса меафтодем.

6. Бигзор дағалии ба назар намоёни онҳо шуморо дур накунад. Аксаран ин рафтори онҳо танҳо ҳимоятест аз дағалӣ ва бераҳмие ки дар маҳбасҳо ҳукмфармост. Дар дили худ бошад онҳо сахт ниёзманди ҳақиқатанд.

7. Дилхунук нашавед, зеро онҳо шояд дар аввал шавқ зоҳир намекунанд – ин танҳо зоҳиран чунин менамояд. Дуо кунед, ки Худо ба шумо ҳикмат ва фаросат диҳад, то суханонеро пайдо кунед, ки “дилҳои онҳоро кушоянд”.

8. (Дар бисёр мавридҳо) аз доварии Худо дида бештар муҳаббат ва бахшидани Ӯро зикр кунед. Одатан зиндониён худро одамони паст шумурда, аллакай аз доварӣ ва ҷазо хуб огоҳ ҳастанд.

9. Таъкид кунед, ки Худо мехоҳад аз онҳо барои ҳаёти нав махлуқони нав созад: онҳо ба умед хеле мӯҳтоҷанд.

10. Бахшидани ҳайратангези Масеҳро равшан нишон диҳед. Бисёриҳо бар он ақидаанд, ки аз боиси корҳои гуноҳолуд ва бадкирдоронаи худ ҳаргиз бахшида нахоҳанд шуд. Ёдрас намоед, ки Мусо, Довуд ва Павлус қотил буданд, аммо бо вуҷуди ин Худо онҳоро бахшид ва истифода бурд.

11. Ба онҳо имкон надиҳед, ки дар рафтори гуноҳолуди худ ҷамъиятро, "сохти давлатдориро" ё ягон чизи дигарро айбдор намоянд. Пеш аз он ки ба онҳо ёрдам дода тавонед, онҳо бояд эътироф кунанд, ки барои амалҳои худ ҷавобгаранд.

12. Доимо омода бошед, ки барои қонеъ гардондани мӯҳтоҷиҳои ҳақиқиашон ба онҳо ёрдам диҳед. Бисёр касон баъди ба зиндон афтоданашон аз оилаҳо ва дӯстони худ маҳрум шуданд.

13. Худро шахси содда нишон надиҳед ё зуд фирефтаи ҳикояҳои шунидаатон нашавед – дар бисёр ҳолатҳо ин дурӯғ хоҳад буд. Имкон надиҳед, ки шуморо истифода баранд ва бидуни исботу далел ба ҳар чиз бовар накунед.

14. Ҳангоми бо ин гуна одамон сару кор доштан, ваъдаҳои бардурӯғ, нокомиҳои зиёд ва душвориҳо хоҳед дид. Бисёре аз ин шахсон ҳаёт ва гузаштаи бадбахтона доштанд.

15. Ба маҳбусон беҳуда фишор наоваред, ки фавран ба Масеҳ бовар кунанд. Бигзор онҳо ҳақиқатро фаҳмида, ҷиддӣ будани қарори мекардаашонро донанд. Бигзор Рӯҳи Пок одамонро наҷот диҳад; мо ин корро карда наметавонем!

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Чӣ гуна мо халос мешавем, агар ба чунин наҷоти бузург беэътиноӣ кунем, ки онро аввал Худованд мавъиза намуд ва баъд онҳое ки аз Ӯ шунидаанд, дар миёни мо тасдиқ кардаанд".

**Ибр. 2:3**

"Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад".

**Ибр. 4:12**

"Ва ҳеҷ махлуқе нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст: ба Ӯ ҳисобот хоҳем дод".

**Ибр. 4:13**

"Ва ба ин сабаб низ метавонад доимо онҳоеро, ки ба василаи Ӯ сӯи Худо меоянд, наҷот диҳад, зеро ҳамеша зинда аст, то ки барои онҳо шафоат кунад".

**Ибр. 7:25**

"Аммо Ӯ як қурбониро ба сурати абадӣ барои гуноҳҳо тақдим намуда, ба ямини Худо бинишаст".

**Ибр. 10:12**

"Пас иҷрокунандагони калом бошед, на фақат шунавандагоне ки худро фиреб медиҳанд".

**Яъқ. 1:22**

“Дар сурате ки шумо намедонед, ки фардо чӣ ҳодиса рӯй хоҳад дод: зеро ки чист зиндагонии шумо? Буғест, ки ба муддати кӯтоҳе зоҳир гардида, баъд нест мешавад”.

**Яъқ. 4:14**

“Пас, касе ки медонад, чӣ некӣ бояд кард, ва намекунад, – ба вай гуноҳ аст”.

**Яъқ. 4:17**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 10 ҷавоб диҳед.*

**Дарси 11**

## ЭЪТИРОЗКУНАНДА ВА ШАККОК

Эътирозҳои ин гуна шахсон сарчашмаҳои гуногун дошта метавонанд, аммо аксари онҳо решаҳои умумӣ доранд, ва дар Навиштаҳо ба ҳамаи онҳо ҷавоб дода шудааст.

### 1. Эътирозҳое ки бо Навиштаҳо ва таълимоти он алоқамananд

*“Навишта пур аз зиддият аст”.* Ба эътирозкунанда Навиштаи худро диҳед ва хоҳиш кунед, ки яке аз он зиддиятҳоро (номувофиқиҳоро) нишон диҳад. Одатан онҳо ин корро карда наметавонанд, аммо тайёр бошед, агар онҳо ягон ҷои Навиштаҳоро нишон диҳанд. Акнун ба вай фаҳмонед, ки китобро ҳаргиз нахонда, дар он пайдо кардани хато бемаъно аст. Ба вай 1Қӯр. 2:14; Юҳ. 3:3,7 ва эҳтимол 2Пет. 2:12-ро нишон диҳед.

*“Навишта китоби нопок аст”.* Аз эътирозкунанда пурсед, ки вай нопок гуфта чиро дар назар дорад. Оё Навишта хонандаро ба фикрҳо, амалҳо ва корҳои нопок шавқманд мекунад, оё он дар шахс хоҳиши тақлиди амалҳоро бедор мекунад, ё он шахсро водор месозад, ки аз гуноҳи дар он тасвиршуда нафрат намояд? Агар баёноти охирин дуруст

бошад, яъне Навишта касро водор месозад, ки ба гуноҳ нафрат кунад, пас он поктарин китоб аст (Тит. 1:15; Заб. 11:6; 2Пет. 2:11,12). Китоби тиббӣ барои хониши ҷамъиятӣ пурра мувофиқ нест, аммо ҳеҷ кас аз боиси ин онро “нопок” наменомад.

*“Худо ноодил аст, ки одамонро барои маҳкум кардан меофарад”*. Худо инсонро барои он офарид, ки баракаташ диҳад (Ҳас. 1:28; Заб. 101:18; Ваҳй 4:11). Худо одамизодро на маҳкум кардан, балки наҷот додан мехоҳад, ва далели ин он аст, ки Ӯ Писарашро дод, Писараш бошад дар навбати худ ҷони Худро дод (Марқ. 10:45; Ҳизқ. 33:11; Юҳ. 3:16,17; 2Пет. 3:9). Илова бар ин, агар гуноҳкор ҷовидона маҳкум шавад, ин танҳо аз он сабаб аст, ки вай ихтиёрӣ ягона роҳи наҷот ва ягона Наҷоткорро рад намуд (Юҳ. 5:40; 2Тасл. 2:12; Мат. 25:41).

*“Ҳеҷ гуна дӯзах вуҷуд надорад”.* Аз эътирозкунанда пурсед: “Ту аз куҷо медонӣ? Бо кадом қудрат ту инро мегӯӣ?” Масеҳ гуфт, ки дӯзах ҳаст, ва мурд ва дубора зинда шуд, ва ҳеҷ кас ҳанӯз аз ҷовидонӣ барнагаштааст, то сухани Ӯро инкор кунад (Луқ. 16:19-31; Марқ. 9:43-48; Мат. 25:46; Ваҳй 20:11-15)!

*“Дӯзах дар ин ҳаёт аст.* Ин номумкин аст, зеро дар дӯзах масеҳиён буда наметавонанд, ҳол он ки дар замин масеҳиёни бисёр ҳастанд. Ба эътирозкунанда ёдрас намоед, ки дар дӯзах Инҷилро мавъиза намекунанд, дар ҳоле ки вай онро мешунавад; дар дӯзах наҷот пешкаш намекунанд, дар ҳоле ки ин ато ба вай пешкаш мешавад. Дуруст аст, ки бадкорон дар ин ҳаёт осоиштагӣ надоранд, аммо ҳолати онҳо дар ҷовидонӣ боз ҳам бадтар хоҳад шуд.

*“Навишта аз рӯи илҳоми илоҳӣ нест”.* Аз курси Аммоус китоби “*Сухани ту рост аст”-ро* хонед, ва худро зидди ин эътироз мусаллаҳ намоед. Аз эътирозкунанда пурсед: “Илҳомёфта гуфта ту чиро дар назар дорӣ?” Эҳтимол вай ба шумо ҳеҷ чиз ҷавоб дода натавонад. Ба вай фаҳмонед, ки

нобоварӣ ба далел ҳақиқати онро дигаргун намекунад (Рум. 3:3; 2Тим. 3:15,16; 1Тасл. 2:13; 2Пет. 1:10,21; Ибр. 4:12).

*“Ман дар эътиқоди худ самимӣ ҳастам”.* Ин ба баёноти зерин монанд аст: “Фарқ надорад, ки одам ба чӣ бовар мекунад, ба шарте ки вай самимӣ бошад”. Ба ин даъво ҷавоби мувофиқ чунин аст: “Шумо дар бораи шахсоне ки тасодуфан заҳрро нӯшида, самимона онро дору ҳисоб мекарданд, чӣ мегуфтед? Оё самимияташон онҳоро наҷот медиҳад?” Ин тавр шуданаш мумкин аст, ки шахс “самимона хато карда”, айнан мисли худкуш мемурад. Ниқӯдимус шахси самимӣ буд, аммо ба зодашавии дубора эҳтиёҷ дошт (Юҳ. 3). Ҷавонмарди сарватманд агарчи самимӣ буд, як камбудӣ дошт (Марқ. 10:21). Шоул самимӣ буд, аммо хато мекард (Аъм. 26:9-11). На фикрҳои одамон, балки Сухани Худо меъёр аст.

*“Худои муҳаббат ҳаргиз офаридаҳои Худро ҷазо нахоҳад дод”.* Аз эътирозкунанда пурсед: “Шумо аз куҷо медонед?” Худо на танҳо муҳаббат, балки *нур* низ ҳаст (1Юҳ. 1:5). Ӯ ҳаргиз покӣ, адолат ва росткории Худро сарфи назар карда, дӯст дошта наметавонад. Худо аз гуноҳ нафрат дорад, ва бояд онро ҷазо диҳад (Рум. 1:18-20; 2:4,5; Хур. 34;6,7; Заб. 11:4-7; Дон. 9:12-14; Так. Шар. 32:4). Фаҳмонед, ки Худо дар *муҳаббат* Писари Худро дод (Юҳ. 3:16) ва сипас, дар *нур,* тамоми ғазаби худро бар Оне ки ихтиёрӣ гуноҳҳоро бар дӯши худ гирифт, фурӯ рехт (2Қӯр. 5:21; Мат. 27:46; Иш. 53:5,6). Ҳар кӣ ин гуна Наҷоткори бузургро ихтиёрӣ таҳқир, рад ва норисандӣ мекунад, ба маҳкумияти ҷовидонӣ гирифтор мешавад (Юҳ. 3:18,19,36; Ибр. 10:29; Ваҳй 21:8).

## 2. Эътирозҳое ки бо ноустувории масеҳиён алоқаманданд

Эътирози умумӣ ҳаст, ки бениҳоят зиёд дурӯяҳо ҳастанд. Ин эътирозро доимо эътироф кунед, аммо хотирнишон намоед, ки пулҳои ҳақиқӣ аз боиси он ки дар байни онҳо баъзан пули қалбакӣ ёфт мешавад, партофта намешаванд. Дар Навиштаҳо дурӯягӣ пешгӯӣ ва маҳкум шудааст (Мат. 23:1-

3,15-33). Шахс бояд эҳтиёт шавад, ҳангоме ягон касро дурӯя меномад, зеро худаш ҳамин гуна буда метавонад (Мат. 7:1-5; Рум. 2:21-23)! Шояд *хасе* ки шахс дар чашми бародари худ мебинад, акси *чӯбест,* ки дар чашми худи ӯст! Аз эътирозкунанда пурсед, ки оё вай доимо ба меъёри зиндагӣ ва ахлоқи худ мувофиқат мекунад. Ёдрас намоед, ки шахс аз дурӯяе ки дар ақибаш пинҳон шудааст, бояд хурдтар бошад. Аз эътирозкунанда пурсед, ки оё вай мехоҳад аз шахсе ки дар ақибаш пинҳон мешавад, ахлоқан хурдтар ҳисобида шавад? Он ҳақиқат, ки як соҳиби бонк зани худро мекушад, исбот намекунад, ки ҳамаи бонкдорон занҳои худро мекушанд! Он ҳақиқат, ки як шахсе ки худро масеҳӣ меҳисобад, дурӯя аст, маънои онро надорад, ки ҳамаи масеҳиён ин гунаанд. Аз эътирозкунанда пурсед, ки оё вай мехоҳад ҷовидониро ҳамроҳи ин дурӯяҳо гузаронад? Ҳеҷ дурӯя ба биҳишт нахоҳад рафт (Мат. 23:33), бинобар ин беҳтар мебуд, агар вай ҳақиқатан наҷот меёфт. Фаҳмонед, ки на пайравони ноустувори Масеҳ, балки Ӯ Худаш барои мо мақсади боварӣ ва намунаи ибрат аст. Дар Навишта гуфта намешавад, ки "Назди масеҳиён биё", ё "Ба калисо бовар кун". Дар он гуфта мешавад, ки гуноҳкорон назди Масеҳ омада, ба Ӯ бовар кунанд (Мат. 11:28; Иш. 45:22; Юҳ. 10:9; 14:6).

## 3. Эътирозҳое ки бо душвориҳои шахсӣ алоқаманданд

*"Ман чандон бад нестам".* Пурсед, ки чӣ чиз меъёри ҷиноят ҳисоб мешавад, ақидаҳои шумо, ё қонуни кишвар?" Ба онҳо меъёреро нишон диҳед, ки Худо аз рӯи он гуноҳро андоза мекунад. Матто 22:36-40; Луқо 10:27,28-ро хонда, акнун ба Яъқуб 2:10 назар андозед. Аз эътирозкунанда пурсед: "Оё ту ин қонунро пурра ва доимо дар давоми ҳаёти худ риоя кардӣ? Агар не, пас ту онро иҷро накардӣ ва гуноҳкори айбдор ҳисоб мешавӣ (Рум. 3:19,23). Дар охир на ақидаи *шумо* дар бораи гуноҳ, балки маҳз ақидаи Худо ба назар гирифта мешавад".

*“Ман тамоми чизи аз дастам меомадаро мекунам”.* Дарҳол беасос будани ин баёнотро фаҳмонед. Пурсед: “Оё ҳақиқатан ту ин тавр мекунӣ? Оё дар ҳар лаҳзаи ҳаёти худ ту доимо тамоми чизи аз дастат меомадаро мекунӣ? Оё ту ҳаргиз дар ҳаёти худ дурӯғ нагуфтӣ, фикрҳои бад ва нопок накардӣ, ягон кори нодуруст накардӣ ё нисбати Худо рафтори нодуруст надоштӣ? Оё ту метавонӣ софдилона, чун дар ҳузури Худо, инро гӯӣ? Оё ту даъвои комил буданро мекунӣ? Оё рост нест, ки ту бисёр вақт кори аз дастат меомадаро намекунӣ?” Як амали хато гуноҳ аст, гуноҳ бошад ҷазоро металабад (Рум. 6:23; Ҳизқ. 18:4). Масеҳро рад кардан, аз тавба рӯ гардондан ва ба Инҷил бовар накардан, рафтори беҳтарин нест. Шахсеро тасаввур кунед, ки дар ошёнаи болоии бинои оташгирифта аст. Сӯхторхомӯшкун назди тирезааш зинапоя гузошта, фарёдкунон мегӯяд: “Поён фаро”, аммо ин шахс ҳар чизи аз дасташ меомадаро мекунад, то зинапояи худро сохта, бо он худро наҷот диҳад. Зинапояи “беҳтарин”-и ин шахс барояш “бадтарин” аст! Беҳтарин чизе ки он шахс карда метавонад, он аст, ки аз кӯшишҳои худ даст кашида, ба зинапояе ки барояш пешниҳод карда шудааст, боварӣ кунад (Эфс. 2:8,9; Рум. 4:5).

*“Ман бовар карда наметавонам“.* Ба ин баёнот саволҳои зерин диҳед: “Шумо ба *кӣ* бовар карда наметавонед? Оё Сухани Худо сазовори боварӣ нест? Оё шумо ба гуфтаҳои одам бовар мекунед? Ба 1Юҳанно 5:9,10 нигоҳ кунед. Оё шумо мегӯед, ки Худо дурӯғгӯй аст? Шубҳа доштан ба Худо таҳқир кардани Ӯст”. Фаҳмонед, ки агар ӯ “Ман бовар нахоҳам кард” мегуфт, софдилонатар мебуд,

*“Ин қадар динҳои зиёд ҳастанд”.* Инро эътироф кунед, аммо хотирнишон намоед, ки танҳо як Наҷоткор ва танҳо як роҳи наҷот ҳаст. Илова бар ин, масеҳият на дин, балки Шахс аст (Юҳ. 10:9; 14:6; Аъм. 4:12; 1Юҳ. 5:12). Маркази масеҳият *Шахс* аст, дар ҳоле ки маркази дин *эътиқод.* Дин барои гуноҳҳои мо намурдааст, гуноҳкоронро даъват намекунад, ё ба ҳамаи касоне ки бовар мекунанд, наҷот ваъда намедиҳад;

аммо Масеҳ ҳамаи инро мекунад ва ҳамаи касонеро, ки ба Ӯ бовар мекунанд, ҳақиқатан наҷот медиҳад.

*“Ҳаёти масеҳӣ бениҳоят душвор аст”.* Ҷавоб ин аст, ки ҳаёти масеҳӣ на танҳо душвор аст, балки ҳар шахсе ки мехоҳад ин ҳаётро бо қуввати худ ба сар барад, аз ӯҳдааш намебарояд. Аммо Масеҳ қувват медиҳад, ки ин ҳаётро ба сар барем (Юҳ. 1:12; Рум. 1:16; Мат. 11:28-30; Иш. 14:3). Ҳаёти масеҳӣ осон нест. Ҳеҷ кас бе Масеҳ ҳаёти масеҳиро *сар карда* наметавонад (Юҳ.1:4,12,13; 4:14; 5:24). Фаҳмонед, ки роҳи гуноҳкор боз ҳам душвортар аст (Мас. 13:15; Иш. 57:20,21), ва доварии вай аниқ аст (1Пет. 4:17).

*“Аз чизҳои бениҳоят зиёд даст кашидан лозим аст”.* Пурсед: “Агар шумо ба ҷони худ зиён расонед чӣ? (Марқ. 8:36)? Оё айшу ишрати ин дунё зиёни ҷовидонии шуморо иваз хоҳад кард?” Ин масъалаи фоида ва зиён аст (Рум. 6:23). Фаҳмонед, ки ин на ҳолати “даст кашидан” аз ягон чиз, балки гирифтани Як Кас ва як чизи хеле беҳтар аст, яъне шумо Масеҳ ва наҷотро бо шодӣ, осоиштагӣ ва ризоияти он пайдо мекунед (Юҳ. 14:1-3; 15:11; Фил. 1:6; 3:9; 1Тасл. 5:23,24; Эфс. 1:3,7; Рум. 15:13). Оё шумо ягон бор оиди шахсе шунидаед, ки аз боиси ба Масеҳ бовар карданаш пушаймон шуда бошад (Марқ. 10:22)? Магар вай чизеро аз даст дод?

*“Ман аъзои калисо ҳастам”.* Аксари он дастурҳоеро, ки дар дарси даҳум зикр шуда буданд, истифода баред. Зарурияти зодашавии дубораро таъкид намоед (Юҳанно 3).

*“Ман бениҳоят бад ҳастам”.* Баъзан ин изҳоротро шунидан мумкин аст. Бо ин шахс розӣ шавед, ва гӯед, ки вай бадтар аз он аст, ки тасаввур мекунад, аммо на ба дараҷае ки наҷот наёбад (Иш. 1:18; 1Юҳ. 1:17; 1Тим. 1:15; Ибр. 7:25; Луқ. 19:10; Аъм. 13:38,39).

*“Дӯстон бар ҳоли ман механданд”.* Бо ин изҳорот розӣ шавед, аммо фаҳмонед, ки беҳтараш дӯстон бар ҳоли вай ханданд, на Худо! (Мас. 1:24-30). Беҳтар аст, ки мардум туро рад кунанд, на Масеҳ (Марқ. 8:38; Мат. 10:32,33). Огоҳ кунед,

ки аз одамон натарсад (Юҳ. 12:42,43; Мас. 29:25; Иш. 51:7; Мат. 10:28).

## ШАККОК (шубҳакунанда)

### 1. Гурӯҳҳои шаккокон

*Шаккок* таълимоти асосии масеҳиятро зери шубҳа гузошта, ба Навиштаҳо чун ба қоидаи ягонаи боварӣ ва амал шак мекунад. *Бехудо* принсипҳои масеҳиятро рад мекунад. *Бевафо* ба ҳақиқати Сухани Худо ҳам муқобилат мекунад, ҳам онро рад менамояд. “Бевафоӣ” муқобили “вафодорӣ” буда, ноҳақ, бесадоқат ва хиёнатгар буданро дар назар дорад. *Деист* мавҷудияти Худоро эътироф мекунад, аммо ваҳйи илоҳӣ доштани Навиштаҳоро инкор менамояд. *Агностик* инкор мекунад, ки ягон кас мавҷуд будан ё набудани Худоро медонад, ё донista метавонад. *Озодфикр* иҷозат намедиҳад, ки фикрҳои вайро ягон таъсир ё ақидаи динӣ “фаро гирад”.

### 2. Шаккоки ғайрисамимӣ

Шакку шубҳаи чунин шахс танҳо рӯйпӯшест барои давом додани ҳаёти пур аз гуноҳ ва азоби виҷдон. Ҳангоми сару кор доштан бо чунин шахс чуқуртар пурсупос намоед, ва гуноҳи решагирифта ошкор хоҳад шуд. Бо ин гуна шахс баҳсу мунозира накунед, зеро вай маҳз ҳамин чизро мехоҳад. Солтау гуфтааст: “Ҳаргиз кӯшиш накун, ки ба шаккок ягон чизро исбот намоӣ, зеро барои ин гуна шахс далел ҳеҷ гуна арзиш надорад”. Бигзоред, ки вай суханонашро тамом кунад, ва сипас аз Навишта оятеро иқтибос оваред, ки виҷдонашро ба ҷунбиш оварда, ҳисси гуноҳ ва кӯтоҳандешиашро бедор кунад (1Қӯр. 1:18; 3:18; 2Қӯр. 4:3,4; Ибр. 9:27; Заб. 13:1; Марқ. 16:16). Дар пеши вай “шамшер”-ро ба кор бурда, иқтибос овардани Навиштаҳоро давом диҳед, ва дуо кунед, ки он ба вай таъсири амиқ кунад.

### 3. Шаккоки самимӣ

Душвории бо ин гурӯҳ шахсон дар он аст, ки онҳо бовар карда наметавонанд. Пурсед, ки ба фикри ӯ, *бовар кардан* чист. Сипас фаҳмонед, ки боварие ки вай бояд ба Худо ва Сухани Ӯ дошта бошад, монанди ҳамон бовариест, ки вай ҳар рӯз дар ҳаёти тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва дохилӣ истифода мебарад. Фарқ на дар *хусусияти* боварӣ, балки дар он аст, ки ин боварӣ ба кӣ равона шудааст. Гӯед, ки бовар кардан ба шахс чун ҳақиқат қабул кардани гуфтаҳои ӯст. Акнун 1Юҳ. 5:9,10 истифода баред. Сипас нишон диҳед, ки Худо оиди гуноҳ (1Юҳ. 1:8-10; Рум. 3:9-23), оқибатҳои он (Юҳ. 3:18,19,36), оиди муҳаббати Худо (Юҳ. 3:16; Рум. 5:6-8) ва дар хусуси кори Масеҳ (2Қӯр. 5:21; 1Пет. 2:24) чӣ гуфтааст; роҳи наҷот ва дилпурӣ ба онро шарҳ диҳед (Юҳ. 5:24; 1Юҳ. 5:13). Фаҳмонед, ки Худо боварӣро маҳз ба ҳамин чиз талаб мекунад. Оё *Худо* сазовори боварист? Оё *Ӯ* ваъдаи Худро иҷро хоҳад кард? Дар ин маврид шумо метавонед оиди файзи наҷотбахши Худо шаҳодати худро диҳед.

А. Т. Пиерсон ин усули гуфтугузорро бо шаккокони ҷиддӣ пешниҳод мекунад. Ба вай гӯед, ки *Навитаҳоро тадқиқ намояд* (Юҳ. 5:39). Аз вай хоҳиш кунед, ки Инҷили Юҳанноро мустақилона хонад. Навиштаҳо аломати илҳоми худро доранд (Юҳ. 20:31). Ба вай маслиҳат диҳед, ки *ниҳонӣ барои маърифат дуо кунад* (Мат. 6:6). Худо ҳар гуна кӯшиши самимонаро, ки барои наздик шудан ба Ӯ равона шудааст, нодида намемонад (Аъм. 17:27; Ибр. 11:6). Ӯро бовар кунонед, ки *чизҳои омӯхтаашро дар амал ба ҷо оварад* (Юҳ. 7:17). Мувофиқи маърифате ки Ӯ медиҳад, амал намоед, ва нури бештар хоҳед дошт (Ҳуш. 6:3). *Ҳангоме вай дилпур шавад, метавонад назди Масеҳ ояд* ва Ӯ ба вай оромӣ хоҳад бахшид (Мат. 11:28-30). Мувофиқи баёноти А. Т. Пиерсон вай оиди иҷронашаванда будани ин усул ҳаргиз нашунидааст.

Усули доктор Р.А. Торрей аз савол додан иборат аст. *Шумо ба чӣ бовар карда наметавонед?* Ба қадри имкон

ҷавоби пурра гиред, то сӯҳбатро оғоз кардан мумкин бошад. *Чаро шумо бовар карда наметавонед?* Шояд ба ин восита шумо чашмонашро кушода, мефаҳмонед, ки то чӣ андоза сабабҳои нобоварии вай беасосанд. Пурсед: "Оё шумо ба мавҷудияти Худо бовар мекунед?" Агар вай дар ҷавоб "Не" гӯяд, пурсед: "Оё шумо ба дуо бовар мекунед?" "Не". "Оё шумо ба ягон қисми Навиштаҳо бовар мекунед?" Агар вай ҳанӯз дар ҷавоб "Не" гуфтан гирад, пурсед: "Оё шумо бовар мекунед, ки дар миёни чизи дуруст ва нодуруст фарқи куллӣ ҳаст?". Агар вай "Ҳа" ҷавоб диҳад, сипас пурсед: *"Оё шумо мувофиқи боваратон зиндагӣ мекунед?"* Ана дар ин ҷо мушкилоти ҳақиқии ӯст. Юҳ. 7:17; Ҳуш. 6:3-ро ба кор баред. Фаҳмонед, ки Худованд дар ин оятҳо пешниҳоди одилона мекунад: агар шахс иродаи Худоро ба андозае ки онро медонад, *ба амал оварад,* ба ӯ *дониш* дода хоҳад шуд, ва ҳамин тавр ӯ аз шаккокия (шубҳакунӣ) ба боварӣ хоҳад омад.

Торрей сипас баёноти хаттиро бароварда, аз вай хоҳиш менамуд, ки онро имзо кунад. Дар баёнот гуфта мешуд: "Ман бовар мекунам, ки чизи дуруст аз нодуруст тамоман фарқ мекунад. Ба ин васила ман тасдиқ мекунам, ки дар ҳамаи ҳолатҳо чизи дурустро тарафдорӣ мекунам. Ман ваъда медиҳам, ки самимона тадқиқ карда, мефаҳмам, ки оё Исои Масеҳ Писари Худо аст ё не. Агар ман фаҳмам, ки Ӯ Писари Худост, ваъда медиҳам, ки Ӯро чун Наҷоткори худ қабул мекунам, ва дар пеши ҷаҳон эътироф мекунам, ки Ӯ Худованди ман аст". Сипас барояш Юҳ. 20:31-ро хонед, ва водор намоед, то ба худ қавл диҳад, ки ҳар рӯз як порча аз Инҷили Юҳанно мехонад. Бисёриҳо ба ин восита нурро ба даст оварданд.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Чун медонед, ки шумо на бо фидияи нуқра ё тилло харида шудаед аз ҳаёти ботиле ки аз падарони худ мерос

гирифтаед, балки бо Хуни гаронбаҳои Масеҳ, ҳамчун барраи беайб ва пок”.

**1Пет. 1:18,19**

“Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт, то ки мо аз гуноҳҳо фориғ шуда, барои адолат зиндагӣ кунем: шумо аз ҷароҳатҳои Ӯ шифо ёфтед”.

**1Пет. 2:24**

“Зеро вақти он расидааст, ки доварӣ аз хонаи Худо оғоз шавад; ва агар аввал аз мо оғоз шавад, пас фарҷоми онҳое ки ба Инҷили Худо итоат намекунанд, чӣ гуна хоҳад буд? Ва агар одил базӯр наҷот меёфта бошад, пас оқибати осиён ва гуноҳкорон чӣ хоҳад буд?

**1Пет. 4:17,18**

“Ва каломи нубувват барои мо матонати бештаре дорад; шумо хуб мекунед, ки ба он рӯ меоваред, ҳамчун ба чароғе ки дар ҷои торик нур мепошад, то даме ки чашми рӯз кушода шуда, ситораи субҳ дар дилҳои шумо тулӯъ намояд”.

**2Пет. 1:19**

“Худованд дар иҷрои ваъда таъхир наменамояд, чунон ки баъзе касон инро таъхир ҳисоб мекунанд; балки ба шумо пурсабрӣ зоҳир менамояд ва намехоҳад, ки касе нобуд шавад, балки ҳама ба тавба рӯ оваранд”.

**Пет. 3:9**

“Агар гӯем, ки мо гуноҳ надорем, – худамонро фиреб медиҳем, ва дар мо ростӣ нест. Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд”.

**1Юҳ.1:8,9**

“Эй фарзандонам! Инро ба шумо менависам, то ки шумо гуноҳ накунед; ва агар касе гуноҳ кунад, мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре дорем, ки Исои Масеҳи Одил аст. Ва Ӯ кафорат

аст барои гуноҳҳои мо, ва на танҳо барои гуноҳҳои мо, балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ”.

**1Юҳ. 2:1,2**

“Ҷаҳонро дӯст надоред, на он чиро, ки дар ҷаҳон аст: касе ки ҷаҳонро дӯст медорад, дар вай муҳаббати Падар нест; зеро ҳар чи дар ҷаҳон аст: шаҳвати ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагонӣ – аз Падар нест, балки аз ин ҷаҳон аст”.

**1Юҳ. 2:15,16**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 11 ҷавоб диҳед.*

## Дарси 12

## ДИГАР НАМУДИ ШАХСОН, КИ БО ОНҲО САРУ КОР ХОҲЕД ДОШТ

### Баҳонаҷӯӣ

Ин шахс ба эътирозкунанда монанд аст, аммо баҳонаҳояш маънои амиқ надоранд. Вай одатан сабукфикр буда, баҳонаҳояш бемаъно ва пучанд. Ба вай фаҳмонед, ки баҳонаҳояш нав нестанд. Огоҳ созед, ки Худо шояд баҳонаи вайро ба назар гирифта, аз наҷот ёфтан ва дар биҳишт будан озод мекунад (Луқ. 14:24). Ана якчанд баҳонаҳои хос.

*“Ман монанди дигар аъзоёни калисо хуб ҳастам”.* Ин ҳеҷ чизро исбот намекунад, зеро бисёре аз онҳо ҳаргиз аз олами боло зода нашудаанд. Ба ҳар ҳол, меъёри ба Худо писанд омадан на аъзои калисо будан, балки зодашавии нав аст. Юҳанно 3:3,5-ро ба кор баред, ва бо Румиён 3:10-19 муқоиса намоед. “Ганда набудан маънои беҳтар буданро надорад”.

*“Ҳоло вақт бисёр аст”.* Худо танҳо як дафъа барои наҷот додан вақти муносиб ҷудо мекунад (2Қӯр. 6:2; Ибр. 3:7,8). Ёдрас кунед, ки вай дар ҳар вақти дилхоҳ наҷот ёфта

наметавонад. Танҳо  ҳамон вақте ки Худо инро мехоҳад, вай наҷот ёфта метавонад, ва вақти Худо *алҳол* аст.

*“Ман саҳифаи навро хоҳам гардонд”.* Оиди гуноҳҳое ки дар саҳифаҳои кӯҳнаи китоб навишта шудаанд чӣ? Оё гардондани саҳифаи нав қарзҳои дар дафтарчаи ҳисоби соҳибкор бударо адо мекунад? Худо барои корҳои гузашта ҷазо медиҳад (Воиз 3:15). Хотирнишон намоед, ки инсон худро дигаргун карда наметавонад (Ирм. 13:23; Яъқ. 2:10). Пурсед: “Ҳангоме ту ба охири китоб мерасӣ, ва барои гардондан дигар саҳифа намемонад, чӣ хоҳӣ кард?”

*“Ман бахти худро хоҳам озмуд – чуноне ки дигарон мекунанд”.* Дар Сухани Худо на оиди тасодуф, балки оиди чизҳои аниқ гуфта мешавад. Ин тасодуф нест, ки агар дар гуноҳҳои худ муред, ҷовидона гирифтори ҳалокат мешавед, – ин *чизи аниқ* аст. Ёдрас кунед, ки *бахти* вай *интихоби* вай аст. Ҳангоме одамон аз бинои даҳошёна меҷаҳанд ё дар пеши қатораи ҳаракаткунанда меистанд, онҳо “бахти” худро намеозмоянд. Ба ин шахс 1Тасл. 5:3; Ибр. 2:3; 10:27; Юҳ. 8:21-ро нишон диҳед.

## НОДОН

Тавре рафтор кунед, ки нисбати шахси бепарво рафтор намудед. Эҳтиёҷи онҳо ва давои Худоро ба қадри имкон соддатар нишон диҳед.

## ХАВОТИРШУДА

Вохӯрӣ бо ин гуна шахсон хеле хурсандибахш аст. Ҳангоме шумо ба воситаи Сухани Худо онҳоро роҳнамоӣ мекунед, ки ба Масеҳ бовар карда, дилпурӣ ба наҷот пайдо кунанд, ин ҳақиқатан боиси шодии бузург мегардад! Усулеро ба кор баред, ки дар дарси 9 тасвир ёфтааст, ва аз қисми *“ба Масеҳ ишорат кунед”*сар мешавад. Доктор Кэмпбел Морган маслиҳат медиҳад, ки ба ин гуна шахс се савол бояд дод. Оё ту наҷот ёфтан мехоҳӣ? Оё ту бо роҳи Худо ва мувофиқи

шартҳои Худо наҷот ёфтан мехоҳӣ? Агар ман ба ту роҳи Худо ва шартҳои Ӯро нишон дода тавонам, мехостӣ *ҳозир* наҷот ёбӣ? Ин ташаббусро пурра ба дасти пурсанда дода, майдонро барои фаъолият тоза мекунад.

**ПАРЕШОН**

Ин нисбатан намуди умумист. Ин одамон хоҳиши сахти наҷот ёфтанро доранд, аммо дар фаҳмидани ҳақиқати Инҷил ҳақиқатан душворӣ мекашанд. Онҳо парешонии худро бо роҳҳои гуногун баён мекунанд.

*“Ман ба дараҷаи кофӣ боварӣ надорам”.* На боварӣ, балки Масеҳ наҷот медиҳад (Эфс. 2:8). Маҳз *“ба воситаи”* боварӣ, на *“бо”* боварӣ (Марқ. 5:27,28). Шахсе ба бонки ноустувор бoварии сахт дошта, тамоми пули худро ба он мегузорад; аммо бонк варшикаст (банкрот) мешавад, ва тамоми пулаш аз даст меравад. Шахси дигар ба бонки устувор бoварии кам дошта, пули худро ба он мегузорад, ва бонк устувор меистад. Чӣ пули вайро нигоҳ дошт – *боварӣ* ё *бонк*? Масеҳ мақсади боварист, ва хоҳ бoварии шумо суст бошад, хоҳ қавӣ, Ӯ ҳамаи онҳоеро, ки ҷонҳои худро ба Ӯ бовар карда месупоранд, наҷот медиҳад (Марқ. 9:23, 24). На *миқдори* боварӣ наҷот медиҳад, балки *Оне* ки боварӣ ба Ӯ равона шудааст, яъне Масеҳ (Юҳ. 6:37).

*“Ман кӯшиш кардам, ки бовар кунам, аммо натавонистам”.* Пурсед: “Оё ту ба модарат ҳамин тавр ҷавоб медодӣ, агар вай ба ту ягон чиз мегуфт?” Агар шумо гӯед, ки гуфтаашро карда наметавонед, ё намекунед, ин метавонад вайро хафа кунад (1Юҳ. 5:10). Ин гуна шахс кӯшиш мекунад ба бовари худ бовар кунад, на ба Масеҳ. Ҳангоме сардори киштӣ хоҳони истодани киштӣ аст, мефармояд, ки лангарро *берун аз киштӣ* партоянд, на *дар даруни он.* Мо бояд на дар худ лангар андозем, балки дар Масеҳ. Ба ин намуди шахс китобчае пешкаш намоед, ва агар вай онро қабул кунад, пурсед: “Оё шумо барои гирифтани он “кӯшиш кардед” ё

бидуни кӯшиш онро *гирифтед*? Шумо ба худи *тӯҳфа* аҳамият додед, на ба *воситаҳо*и ба даст овардани ин тӯҳфаҳо. Боварии худро фаромӯш кунед ва ба Масеҳ назар андозед. Таъкид на бар "бовар кардан" балки бар "Масеҳ" карда мешавад.

*"Ман ҳамеша бовар мекардам".* Ин тавр буда наметавонад, зеро агар шахс ҳамеша наҷотёфта мебуд, пас вай ҳаргиз гумшуда намебуд. Масеҳ танҳо барои он омад, ки гумшударо пайдо кунад ва наҷот диҳад (Луқ. 19:10). Ёдрас кунед, ки бовар кардан *дар бораи чизе* ва бовар кардан *ба чизе* фарқ доранд. Гӯед: « Фарз кунед, ки шумо ҷиддӣ бемор ҳастед. Шумо дар бораи ду духтуре шунидаед, ки назди шумо зиндагӣ мекунанд, ва бовар кардаед, ки онҳо духтур ҳастанд. Шумо ба занатон мегӯед: "Ягон касро назди духтур Ҳомидов фирист". Зани шумо дар ҷавоб мегӯяд: "Духтур Валиев чӣ?" Шумо мегӯед: "Ман бовар мекунам, ки ҳар дуи онҳо духтур ҳастанд, аммо *ба* духтур Ҳомидов бовар мекунам, барои ҳамин назди он кас фирист"». Аксари мардум *дар бораи* мавҷуд будани Масеҳ бовар мекунанд, аммо на он қадар нафарони зиёд *ба* Ӯ бовар карда, *худро* барои наҷот ба Ӯ *месупоранд* (2Тим. 1:12).

*"Ман ҳис намекунам".* Фаҳмонед, ки аз рӯи тартиби илоҳӣ аввал *ҳақиқат* меистад, сипас *боварӣ,* ва танҳо баъд аз он *ҳиссиёт.* Чаппа кардани тартиб боиси парешонӣ мешавад. Шахс бояд ҳақиқати гумроҳшуда будани худ ва кореро, ки Масеҳ барои вай анҷом додааст, қабул намояд. Агар вай ба Масеҳ чун ба Наҷоткори шахсии худ бовар кунад, як рӯз не як рӯз ҳиссиёт меояд. Махавиён аз рӯи боварӣ амал карданд, агарчи намедонистанд, ки бемории онҳо шифо меёбад. Ҳангоме онҳо чунин карданд, ҳиссиёт худ аз худ омад. Чунин як чиз монанди "ҳисси наҷотёфтагӣ" вуҷуд надорад, аммо чунин як чиз монанди "ҳисси шодмонӣ" вуҷуд дорад, зеро медонӣ, ки наҷот ёфтаӣ. Юҳанно 5:24; 1Юҳанно 5:13-ро истифода баред.

*"Мутаассифона, ман гуноҳи бахшишнопазир содир кардаам".* Ин баҳона далели равшан аст, ки шахс ин гуноҳро

накардааст, зеро касоне ки чунин гуноҳ кардаанд, азоби виҷдон надоранд. Чӣ будани гуноҳро ёдрас намоед (Мат. 12:31,32). Барқасд ва *дидаву дониста* ба иблис нисбат додани кори Рӯҳи Худо гуноҳ аст. Ба ин шахс фаҳмонед, ки дар борои наҷот фикр кардани вай далели он аст, ки Рӯҳ дар вай кор мекунад, ин бошад дар навбати худ исбот менамояд, ки вай гуноҳи бахшишнопазир содир накардааст. Сипас диққати вайро ба Юҳ. 6:37; 1Тим. 1:15; 2Пет. 3:9 ҷалб намоед.

*"Ман намедонам, ки оё яке аз баргузидагон (интихобшудагон) ҳастам ё не".* Ин баёнотро кам шунавед ҳам, хуб мешуд, ки барои ҷавоб додан ба он тайёр мебудед. Фаҳмонед, ки интихобшавӣ ба гуноҳкор ягон дахл надорад. Он танҳо ба касоне дахл дорад, ки наҷот ёфтаанд. Аз ин шахс пурсед, ки оё номаи ба вай дахлнадоштаро хондан дуруст аст? Ба вай фаҳмонед, ки номаҳо ба кӣ навишта шудаанд (Эфс. 1:1,4,5; 1Тасл. 1:1-4; 1Пет. 1:1,23). Акнун диққати вайро ба даъвати зерини Инҷил равона кунед, ки чунин аст: "ҳар кӣ хоҳад" (Юҳ. 3:16; 6:37; Аъм. 10:43; Рум. 10:9-13).

*"Ман худро бовар кунондани будам, ки наҷот ёфтаам, аммо натавонистам".* Ин сабаб дорад. Одамон ба воситаи бовар кунондани худ, ки наҷот ёфтаанд, наҷот намеёбанд. Дар Навиштаҳо гуфта намешавад: "Бовар кун, ки ту наҷот ёфтӣ, ва наҷот меёбӣ", балки гуфта шудааст: "Ба Исои Масеҳи Худованд имон овар [бовар кун] ва ... наҷот хоҳӣ ёфт" (Аъм. 16:31). Шахс ҳамчунин гуфта метавонист: "Бовар кун, ки ту президенти Амрико ҳастӣ ва ту президент мешавӣ!" Он чи ману шумо ба он бовар мекунем, чизи хурд аст. Аммо он чи дар Сухани Худо гуфта мешавад, аҳамияти хеле калон дорад. Ӯ чӣ мегӯяд? Рум. 10:9,10; Аъм. 13:38 ва ғайраро истифода баред.

*"Мутаассифона, ман дар Масеҳ устувор монда наметавонам".* Наҷот ва бехатарӣ на ба василаи "дар Масеҳ устувор мондан"-и шахс, балки шахсро дошта истодани Масеҳ ба даст меоянд! Юҳ. 10:27-30; Рум. 14:4-ро истифода баред. Як қаламро бароварда, пурсед: "Оё ин қалам дар нӯгаш рост

истода метавонад?” Ҷавоб албатта “Не” мешавад. Акнун болои қаламро доред, то ки он рост истад. Шояд вай гӯяд: “Охир, шумо онро дошта истодаед!” Дар ҷавоб гӯед: “Албатта, ва танҳо ба ҳамин васила шумо истода метавонед! Касе бояд шуморо дошта истад” (Ибр. 7:25).

*“Чӣ тавр ман мефаҳмам, ки наҷот ёфтаам?”* Ҷавоб чунин аст: “Ҳангоме Худо бо Сухани Худ ба шахс инро гӯяд. Ин кай мешавад? Ҳангоме ин шахс ҳамчун айбдор ва гуноҳкори ночор бовар мекунад, ки Масеҳ Наҷоткори ӯст, ва барои гуноҳҳояш мурдааст. Пурсед: “Кӣ дар бораи наҷот ёфтанатон шуморо хабардор кунад, Худо ё ман?” Вай ҷавоб хоҳад дод: “Худо”. Сипас ба вай нишон диҳед, ки Худо дар бораи касоне ки ба Писараш бовар мекунанд, чӣ мегӯяд (1Қӯр. 6:11). Қайд намоед, ки дар ин оят муроҷиат на ба як шахс, балки ба бисёриҳо карда шудааст (яъне: будед, шудед, кардед). 1Юҳ. 5:13; Аъм. 16:31; Юҳ. 3:16-ро истифода баред.

*“Агар ман баъди наҷот ёфтанам ягон гуноҳ кунам, чӣ мешавад?”* Пурсед: “Чанд гуноҳи шумо гуноҳҳои *оянда* буданд, ҳангоме Масеҳ барои онҳо мурд?” Ҷавоб: “Ҳамаашон”. 1Юҳ. 1:7; Аъм. 13:38,39-ро истифода баред. Маънои сафедшавиро фаҳмонед.

*“Хеле дер шудааст”.* Он ҳақиқат, ки шахс ҳанӯз зинда буда, дар дӯзах нест, исбот менамояд, ки хеле дер нашудааст (Так. Шар. 4:30,31). Дар бораи роҳзане ки ҷон медод, андеша кунед (Луқ. 23, бо Юҳ. 6:37 муқоиса кунед).

## АЗДИНГАШТА [МУРТАД]

Ин калима дар Паймони Куҳан истифода шудааст, аммо ҳақиқати он дар Паймони Навин дида мешавад. Он маъноҳои гуногун дорад. Он бо *майли* дур шудан аз Худо алоқаманд аст (Мас. 14:14). Барои мисолҳо ба Хур. 16:3; Адад. 11:4-6 нигоҳ кунед. Он маънои ихтиёрӣ *ба ақиб баргаштанро* дорад (Ирм. 2:19; 3:6,8,12; 5:6). Он маънои *беитоатӣ кардан* (Ҳуш. 4:16), *фиреб хӯрдан* ва гумроҳ шуданро (Ирм. 3:14,22;31:32;49:4)

дорад. Масалан ба Довуд, Юнус ва Сулаймон нигоҳ кунед. Агарчи ин калима дар Паймони Навин истифода нашудааст, худи фикр равшан ба назар мерасад (Ғал. 5:4; 2Тим. 4:10; 1Қӯр. 5:1,5; 9:27). Барои мисол ба инкори Петрус дар Марқ. 14:54, 66-72 нигоҳ кунед. Қадамҳоеро омӯзед, ки ба ин инкоркунӣ оварда расонданд. Мисолҳои дигар Юҳанно, Марқус (Аъм. 13:13; 15:37,38; бо 2Тим. 4:11 муқоиса кунед), калисо дар Эфсӯс (Ваҳй 2:4) мебошанд. Он ҳақиқат ки масеҳӣ метавонад аз шодӣ, дилпурӣ ва фоиданок буданаш маҳрум шавад, аз Навиштаҳо маълум аст. Намудҳои гуногуни аздингаштагон ҳастанд. *Масеҳиёни сохта* ҳастанд – онҳое ки нодуруст фикр мекунанд, ки аздингашта мебошанд, дар ҳоле ки ҳаргиз аз олами боло зода нашудаанд. Онҳо мегӯянд: “Ман пештар кӯшиш карда будам, аммо номуваффақ шудам”. Ба ин шахсон бояд меҳрубонона ва эҳтиёткорона бо саволҳо фаҳмонед, ки онҳо ҳеҷ гоҳ масеҳиёни ҳақиқӣ набуданд. Бинобар ин онҳо бояд наҷот ёбанд. Хоҳиш намоед, ки чӣ гуна масеҳӣ шуданашонро нақл кунанд, ва имкон диҳед, ки ҳамаашро то охир гуфта диҳанд. Ҳолати рӯҳонии онҳо ба зудӣ ошкор хоҳад шуд. Сипас бо онҳо чун бо шахсони наҷотнаёфта муносибат намоед.

*Аздингаштагони бепарво* ҳастанд – онҳое ки дур шудаанд, ва аз афташ тамоман ғами ҳеҷ чизро намехӯранд. Чунин касонро такон дода, аз бепарвоӣ баровардан лозим аст. Шумо метавонистед Рум. 2:4,5; Юнус 1:6; Ирм. 2:5,13,19; 3Подш. 11:9-ро истифода баред. Ба ин гуна шахс ёдрас намоед, ки аз дин гаштани вай қудрати нигоҳдоранда ва боварибахши Масеҳро зери шубҳа гузошта, ба наҷотнаёфтагон беақлӣ будани масеҳӣ шуданро нишон медиҳад. Фаҳмонед, ки вай барои шахсони рӯҳан мурда санги пешпо аст, зеро аз дин гаштани вай онҳоро ба давом додани ҳаёти гуноҳолуд ҳавасманд мекунад (Эфс. 5:14; 4:17-25). Ба вай фаҳмонед, ки ягона роҳ барои вай – тавба кардан, иқрор шудан ва маҳкум кардани худ аст, чунон ки писари ноқобил кард (Луқ.15).

*Аздингаштагони тавбакарда* ҳастанд – онҳое ки аз оворагардӣ ва худсарии худ монда шуда, акнун бозгаштан мехоҳанд. Савол дода, сабаби аз дин гаштани онҳоро фаҳмед. Хотирнишон намоед, ки аз Худо дур шудани ин шахс *гуноҳи сахт* (Ирм. 2:13) ва *беақлии даҳшатнок* аст (Ирм. 2:13). Фаҳмонед, ки барои *барқароршавии* вай то чӣ андоза дили *ҳақиқатан тавбакарда* даркор аст (Ваҳй 2:4,5). Хотирнишон намоед, ки вай бояд дар ҳузури Худо ба гуноҳи худ софдилона ва самимона иқрор шавад (Ирм. 14:7; Ҳуш. 14:1,2; 1Юҳ. 1:9; Заб. 50), ва худро маҳкум намуда, аз ин гуноҳ рӯй гардонад (Иш. 55:7;1Қӯр. 11:30-33). Вайро водор намоед, ки якчанд *ваъдаеро, ки Худо ба* аздингаштагон додааст, хонад (Иш. 44:20-22; Ирм. 3:12-14,22; 6:16; 24:7; Ҳуш. 2:14-16; 11:8; 2Қӯр. 7:10; Луқ. 15:11-24). Фаҳмонед, ки агар вай ягон касро хафа карда бошад, товони *зарари расондаашро диҳад.* Фаҳмонда диҳед, ки агар вай барои Худо зистан хоҳад, *хониши Навиштаҳо,* дуо кардан, мушоракат бо халқи Худо ва хизмат ба Ӯ *зарур мебошад* (2Тим. 2:15; Фил. 4:6-8; Ибр. 10:25; Юҳ. 21:15-17; Ишаъё 40:31).

## МАСЕҲИИ РӮҲАФТОДА

Шахсони зиёд мӯҳтоҷи дилбардории бародарон ва хоҳарони худ дар бовар ҳастанд (Мал. 3:16,17). Биёед, бо файзи Худо, ҳамин ки имконият шавад, ба якдигар ёрдам диҳем (Ғал. 6:1-4).

## МУКОФОТҲОИ БАШОРАТИ ШАХСӢ

Акнун дар хотима мукофотҳои башорати як ба якро дида мебароем. Аз итоат ба фармудаҳои Масеҳ ва аз дидани ҷонҳои гаронбаҳое ки ба воситаи мо наҷот ёфтаанд, дил аз *шодӣ* пур мешавад (Заб. 125:6; Юҳ. 13:17; Аъм. 20:24; 2Юҳ. 4; Фил. 4:1). Ин худ мукофоти басанда аст.

Касоне ки сӯи Масеҳ роҳнамоӣ шуданд ва касоне ки дар навбати худ, дигаронро сӯи Ӯ роҳнамоӣ намуданд, дар

зиндагӣ *баракат мееёбанд* (Ҳас. 12:2,3). Худо моро аз он сабаб баракат дод, то мо барои дигарон баракат бошем (Яъқ. 5:20; 1Қӯр. 4:15; 9:16-23).

*Худованд* Худаш хизматгорони вафодори худро *таъриф хоҳад кард.* Ҳақиқатан барои шунидани "офарин"-и Ӯ меарзад, ки ба тамоми заҳматҳои роҳ тоб оварем (Мат. 25:14-23; Луқ. 19:12-17; Дон. 12:3).

Ӯ Худаш ба хизматгорони вафодораш *тоҷ* медиҳад. Инак панҷ тоҷе ки оиди онҳо дар Навиштаҳо гуфта шудааст. Якум, *тоҷи шодмонӣ* аст. Ин тоҷи ҷалбкунандаи одамҳост (1Тасл. 2:19,20). Дуюм, *тоҷи адолат* аст. Ин тоҷи ҷанговар мебошад (2Тим. 4:6-8). Сеюм, *тоҷи ҳаёт* аст. Ин тоҷи шахси пурсабр мебошад (Яъқ. 1:12). Чорум, *тоҷи ҷалол* аст. Ин тоҷи чӯпон ё нозир мебошад (1Пет. 5:2-4). Панҷум, *тоҷи ғайрифонӣ* аст. Ин тоҷи давандаи вафодор мебошад (1Қӯр. 9:24-27).

Яқин донед, ки ҳеҷ кас тоҷи шуморо намегирад.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Муҳаббат дар ин аст, ки на мо Худоро дӯст доштаем, балки Ӯ моро дӯст дошт ва Писари Худро барои кафорати гуноҳҳои мо фиристод".

**1Юҳ. 4:10**

"Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам, то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, ҳаёти ҷовидонӣ доред".

**1Юҳ. 5:13**

"Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад". **Яҳ. 24**

"Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада, бо ӯ таоми шом хоҳам хӯрд, ва ӯ бо Ман".

**Ваҳй 3:20**

“Вай аз шароби хашми Худо, аз шароби холисе ки дар косаи ғазаби Ӯ муҳайё шудааст, хоҳад нӯшид, ва дар пеши фариштагони муқаддас ва дар пеши Барра дар оташ ва кибрит азоб хоҳад кашид”.

**Ваҳй 14:10**

“Ва ҳар кӣ дар дафтари ҳаёт навишта нашудааст, дар кӯли оташ андохта шуд”.

**Ваҳй 20:15**

“Девори он аз яшм сохта шудааст, ва шаҳр зари холис буда, ба шишаи покиза монандӣ дорад”.

**Ваҳй 21:18**

“Ва Рӯҳ ва арӯс мегӯянд: “Биё!” Ва ҳар кӣ мешунавад, бигӯяд: “Биё!” Бигзор ташна биёяд, ва ҳар кӣ бихоҳад, оби ҳаётро муфт бигирад”.

**Ваҳй 22:17**

*Баъди аз худ кардани ин дарс ба саволҳои имтиҳони дарси 12 ҷавоб диҳед.*